**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ ВА ИЛМ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ 373:069(573.3)**
**ТКБ 74.2:79.1(2 тоҷик)**
**А-14**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**АБДУЛОВ ҶАМОЛИДДИН МУҲУРУДИНОВИЧ**

# Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ
(13.00.05.03-педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Негматов С. Э.

**ДУШАНБЕ – 2023**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**…………………………………………………………….......................3-18

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ТАВАССУТИ ОСОРХОНАҲОИ МАКТАБӢ**........................................................................................19-46

1.1 Таърихи пайдоиш ва таъсисёби осорхонаҳо дар ҷаҳон..................19-47

1.2.Ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонадагони макотиби миёна ҳамчун рукни таркибии тарбияи худшиносии миллӣ..................................................47-77

1.3. Асосҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонадагон тавассути осорхонаҳои кишваршиносии ва мактабӣ ……….................................77-89

1.4. Хусусиятҳои хоси ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонадагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ..........................................................................................89-114

Хулосаи боби якум ………………………………………… …..........114-121

**БОБИ II. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАТБИҚИ КОРҲОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯВИИ ОСОРХОНАҲО ДАР ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ**................................................122-150

2.1.Истифода ва татбиқи самараноки ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонадагон тавассути осорхонаҳои мактабӣ ....................................122-133

2.2. Мазмун ва мундариҷаи фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ дар самти ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонадагони макотиби миёна.........133-141

2.3. Таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ......................................................141- 153

Хулосаи боби дуюм.......................................................................153-157

**ХУЛОСАИ УМУМӢ**......................................................................158-163

**АДАБИЁТ**......................................................................................164-182

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, равшан намудани робитаи он ба таърихи миллат, аз ҷумла, омӯзиш ва дарки ёдгории осорхонаҳои мактабӣ аз ҷониби насли наврас яке аз масъалаҳои хеле муҳимми раванди таҳсилу тарбия аст. Кулли рӯйдодҳои таърихӣ ва дигаргуниҳои дунё дар назди мактабу маориф масоили таҳлилу дарки воқеияти муосирро ба миён мегузорад, зеро фазои ҷомеа мунтазам ва пайваста зимни дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ-маърифатӣ дар ҷараёни ташаккул ва рушду нумӯъ қарор дорад. Таҳқиқи вазъи таълиму тарбия дар заминаи таҳқиқу омӯзиш собит мекунад, ки фарҳанги шаҳрвандӣ дар кадом мавқеъ қарор дорад, чӣ корҳою чӣ нақшаҳое роҳандозӣ гардидаанд, оё масъалаҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони макотиби миёна маҷрои дилхоҳу мувофиқро қабул кардааст.

Арзёбии арзишҳои ахлоқӣ ва ҷустуҷӯи ғояҳои пешқадами ҷомеа водор месозад, ки ба мероси таърихию фарҳангӣ бо нигоҳи нав назар андохта шавад. Аз ҷумла, осорхонаҳои мактабӣ нигаҳбон ва муаррифкунандаи мероси бузурги фарҳангӣ буда, бо ҳаёти ҷомеа робитаи қавӣ доранд. Онҳо чун муассисаи иҷтимоӣ ва таълиму тарбиявӣ ба шуур ва тафаккури насли наврас ва ҷавонон таъсири мусбӣ расонида, дар ташаккули дунёи маънавӣ, худшиносии миллӣ, ғояҳои меҳанпарварӣ ва ватандӯстии онҳо дар пояи анъанаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши муассир доранд. Имкон медиҳанд, ки насли имрӯз ба гузашта ва хоса ба таҷрибаи рӯзгор рӯ оварда, анъана ва асолатҳои ахлоқӣ, решаҳои аслии хешро дониста гирад.

Таърихи гузашта ва зиндагиномаи ниёгони мо пур аз саҳифаҳои шуҷоат ва қаҳрамонӣ буда, дар ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони макотиби миёна унсурҳои пурарзиш, аз ҷумла, меҳру муҳаббати бепоён ба ватан, ватандорӣ ва ҳуввияти миллиро бедор месозад. Тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути

осорхонаҳои мактабӣ водор месозад, ки онҳо нисбат ба зодгоҳ ва меҳани хеш ва арзишҳои миллӣ нигоҳи пурмеҳр пайдо карда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки номбардор ва ворисони гузаштагон бошанд.

Ҷаҳонишавии замони муосир дар тамоми мамлакатҳо ва минтақаҳо таъсири худро мерасонад, аз ҳамин сабаб ҷиҳати ҳалли масъалаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ тариқи дарёфти роҳу равиши эҳтиёт ва густариши он, ҳифзи арзишҳои моддӣ ва маънавӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ хеле муҳим аст. Дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши вазъи таълим ва тарбия метавонем мушоҳида намоем, ки фарҳанги оммавӣ дар кадом ҳолат ва дараҷа қарор дорад ва чӣ гуна худро намоён мекунад.

Дар замони муосир инкишофи субъектҳои таълиму тарбия, ташаккули мавқеи шаҳрвандии онҳо ҳамчун ҷузъҳои муҳимми сиёсӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ-иқтисодӣ, зеҳнӣ ва маърифатӣ ба чашм мерасад. Муҳити таълиму тарбия бо рукнҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ фаъолият мекунад ва ба бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.

Воқеан, гузашта ва саҳифаҳои дурахшони ҳаёти ниёгони мо пур аз диловарӣ ва қаҳрамонӣ буда, тарбияи асил ва комили мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар замири онҳо меҳру муҳаббат ба ватан ва ҳуввияти миллиро бедор месозад. Ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ нисбат ба меҳани худ ва арзишҳои миллии он нигоҳи тоза эҷод мекунад, таъкид месозад, ки насли имрӯзу фардо номбардор ва ворисони арзандаи гузаштагони хеш бошанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**

Фаъолияти гуногунҷабҳаи осорхонаҳо ва осорхонашиносии тоҷик ҷузъи таркибии мероси фарҳангии миллати куҳанбунёди тоҷик маҳсуб меёбад. Пайдоишу тараққиёти осорхонаҳо ба талаботи инкишофи ҷомеа робитаи зич дошта, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва омӯзиши объектҳои табиат ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ кори хайр ва мӯҷиби савоб аст. Анҷому ашёи гуногуни арзишманд, ки дар тӯли асрҳо гирд оварда шудаанд, маҳз

дар осорхонаҳо ҳифзу нигоҳдорӣ мегарданд. Осорхонаҳо чун тақозои замон баҳри таблиғу ташвиқи мероси таърихӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ ва эстетикии қишрҳои гуногуни ҷомеа, дарки олами нафосат ва рангорангии маданияти моддӣ ва маънавии халқ эътироф шудаанд. Табиист, ки ин хама ёдгориҳои ҷомеа ва табиатро инсон аз замонҳои қадим гирд ва гиромӣ дошта, ин раванд махсусан дар асрҳои XVI-XIX ба таъсиси осорхонаҳо роиҷ гардид ва айни замон дар markази диққат ва кӯшишу азамати инсоният қарор дорад.

Ба масъалаи ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ дар диссертатсия, монография, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмию методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу донишгоҳҳои педагогӣ дастуру тавсияҳои методии муҳаққиқони тоҷик  А.Нуров [159], М. Лутфуллоев [133-140], Ф.Шарифзода [240-243], Орифӣ М. [162], Раҳимов Х. [176], Муллоев А. [154], Шарифзода Ф., Каримова Н. [243], Юнусов Ю. [256], Искандаров Х. [95], Раҳимзода Х. [178], Ҷӯраев Б., А. Сафаралӣ [239] ва  дигарон рӯ оварда, паҳлӯҳои гуногуни ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар таҳқиқотҳояшон инъикос намудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзишу пажуҳиши илми осорхонашиносӣ аз авохири солҳои 20-ум ва аввали 30–уми асри XX дар замони Шӯравӣ оғоз гардида, осорхонаҳо ба муассисаҳои давлатӣ табдил ёфтанд. Таҳқиқи илмии самтҳои гуногуни фаъолияти осорхонаҳо аз ҷониби олимони рус М.Ю.Юхневич [138], Т.Ю. Юренева [139], О.Р. Важова Е.В [19], Т.В.Галкина [21], А.В.Ануфриев [6], Н.А.Томилов [87], Л.М.Шляхтина [126], Н.В.Кузина [36], В.Г.Ананьев [10], Н.В.Мягтина [58] мавриди назар ва баррасӣ қарор гирифта, баъдан дар асару мақолаҳои олимони тоҷик С. Марофиев [57], Ҷ. Ҳомидов [127], Г. Нуров [66], [67],  А. Шарифзода [100], Ф. Абдулҳамид [90], [91], Иброҳимов З [52], [53], [54], Ю, Қодирова [40] ва дигар таърихшиносон

идома кард.

Фаҳмиши фалсафии ҳамаҷонибаи фаъолияти осорхонаҳоро аввалин бор Н. Федоров, ки таҳқиқои худро ба моҳияти маънавии осорхона ва аҳамияти он дар ҷамъият ва маданият бахшида шудааст, таҳлил ва баррасӣ намудааст. Муҳаққиқону олимон А. Луначарский, А. Бакушинский, П. Флоренский, Я. Дана ва дигарон дар бораи ҳадафҳои осорхона ва нақши он дар ҳаёти мардум мақолаю рисолаҳои илмӣ таълиф кардаанд. Таҳқиқоти П.Сорокин, Н.Данилевский, О. Шпенглер, М. Каганова М. Косов, Б. Успенский, А. Ракитов, А. Гуревич, В.Кондратиев, Ю.Зиновева ва дигарон ба дарки нақши иҷтимоии осорхона нигаронида шудаанд.

Дар асарҳои муҳаққиқон Г. Элкина, А. Дячков, В. Дукелский, Е. Ванслова, А. Разгон, Д. Равикович ва дигарон нақши осорхона дар ҷамъият дар масири таҳаввулу тараққиёти таърихӣ муфассал инъикос ёфтааст. Мавқеи муаллифоне, ки масъалаҳои ҳамкории осорхонаро бо муассисаҳои таълимӣ ва бо муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баррасӣ кардаанд (Е. Акулич, И. Карп, С. Лавин, Ю. Константинов, Т. Зимина ва ғ.) низ қобили таваҷҷуҳ аст. Аҳамияти осорхона ҳамчун муассисаи иҷтимоию фарҳангӣ, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро менамояд, дар як қатор асарҳои Э.Акулич, Е.Ванслова, А.Лесовик, А.Остапетс-Свешникова, Л.Шляхтина, М.Юхневич ва дигарон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор ёфтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**

Ҳангоми таҳқиқи масъалаи асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ мо ба чунин ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф такя кардем: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013); «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» (2012); «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»; «Дар бораи танзими расму оинҳо» (2011); «Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ» (2009);

Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, «Консепсияи мактаби миллӣ» (1995) ва дигар низомномаҳо оид ба самти таълиму тарбия, «Барномаи таълимӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», «Барномаи давлатии омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020-2040», озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – ватани азизи ман», "Тоҷикон оинаи таърихи миллат" ки ин аснод ҷиҳати болоравии мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон нақши муҳим мебозанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии диссертатсия коркарди асосҳои илмӣ-педагогии ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ мебошад. Мушаххас намудани асосҳои педагогии ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, ҷустуҷӯи роҳу равиши ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар парвариши тарбияи комили ватандӯстӣ ва инсонпарварии толибилмон мусоидат мекунад, зеро осорхона ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сохтори мактабу маориф фаъолияти хешро тавассути омӯзиши фанҳои гуногун: фалсафа ва таърих, ҷомеашиносӣ, психология, археология, фарҳангшиносӣ, биология, педагогика роҳандозӣ мекунад. Асоснок намудани мавқеи муаллиф таҳлил ва бозбинии осорхонаҳои мактабиро дар доираи васеи масъалаҳои зеҳнӣ-маърифатӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ ба миён гузошт. Аз ин рӯ, дар рафти таҳқиқот ғояҳо ва андешаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ дар доираи фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ, ки олимони ватанӣ ва хориҷӣ арзёбӣ кардаанд, ба назар гирифта шуд.

**Вазифаҳои таҳқиқот**

Барои ноил гаштан ба мақсад дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин **вазифаҳо** гузошта шуд:

1. Ошкор сохтани самтҳои асосӣ ва вижагиҳои педагогии ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

2. Амиқ ва равшан сохтани роҳҳои ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

3. Таҳлилу тадқиқи ҷойгоҳ, шаклу воситаҳои таълим, хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҳувияти миллӣ ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

4. Муайян кардани роҳ, усул, низом ва тартиби парвариши мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

5. Коркард ва пешниҳоди низоми махсуси педагогӣ оид ба ташаккул ва парвариши мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ.

**Объекти таҳқиқот:** Раванди ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** Ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ дар заминаи коркарди асосҳои педагогӣ ва арзишҳои миллӣ дар сурате дуруст ба роҳ монда мешавад, **агар:**

- дар раванди таълим омӯзгорон ба дастовард ва бузургдошти арзишҳои миллӣ такя кунанд ва хонанда ба фазои пурпечутоби мавқеи шаҳрвандӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ бо малакаҳои арзёбии эмотсионалӣ дар робита ба муносибати мусбии хеш, рафтор ва фаъолияти ҳамсабақонаш муваффақ шуда тавонад;

- тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, ки имконияту мазмуни ғанӣ дорад, дар омодашавии онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ роҳи васеъ кушода тавонад;

- таҳқиқ ва омӯзиши нақши осорхонаҳо дар заминаи анъанаҳои пешқадам ва мусбат, ки аҳамияти педагогӣ ва назариявию амалии такмили низоми таълиму тарбияро дар бар мегирад, ба назар гирифта шавад;

- таҳияи нақшаҳои кори осорхонаҳои мактабӣ дар асоси муайян намудани фанҳои таълимӣ ва фардикунонии раванди таълим таъмин гардад;

- ташкили технологияи муосири таълими фанни таърих дар шароити кунунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиддан ба роҳ монда шуда, рушди иҷтимоии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон амалӣ карда шавад;

- системаи маҷмуии асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ бо баҳисобгирии хусусиятҳои анъана, таҷрибаи миллӣ ва дигар вижагиҳои тарбият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардад;

- корҳои таълимӣ дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ дар робита бо хусусиятҳои психологию синнусолии хонандагон ба назари эътибор гирифта шавад.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот.**

Таҳқиқот дар се марҳала гузаронида шуд:

**Марҳалаи якум** (солҳои 2013-2016) – оғози таҳлили назариявии адабиёти осорхонашиносӣ аз нигоҳи фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, таърихию мардумшиносӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, омӯзиш ва таҳлили осори гаронбаҳо ва пурарзиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккулии мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, ташкил ва гузаронидани тадқиқоти озмоишӣ.

**Марҳалаи дуюм (солҳои 2016-2019) -** санҷиши фарзия, гузаронидани озмоиши тасдиққунанда, дақиқ намудани маводи методӣ ва ташхис, кор бо муассисаҳои озмоиширо фаро гирифт. Дар ин давра нақша ва ҳисоботи осорхонаҳои мактабӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, сатҳ ва

дараҷаи ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон ташхис ва муқаррар карда шуд.

**Марҳалаи сеюм (солҳои 2019-2022)** - гузаронидан ва ҷамъбасти озмоиши ташаккулдиҳанда, танзим ва ҷамъбасти назариявии натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ, таҳқиқи натиҷаҳои санҷиш ва татбиқи низоми пешниҳодшуда, ба тартиб даровардани тадқиқоти диссертатсионӣ.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқи проблемаи ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон чунин асосҳои назариявиро дар бар мегирад:

- маҷмуи маълумоти назариявӣ ва таълимот дар бораи моҳияти тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ;

- таҳлили мероси таърихии санадҳои моҳияти арзиши миллидошта, аз дидгоҳҳои мутафаккирони муҳаққиқон ва ба педагогикаи муосири миллӣ табдил додани онҳо;

- мафҳумҳои асосии дарки назарияи диалектикии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ва талаботи аз онҳо бавуҷудоянда;

- системаҳои таълиму тарбия ҳамчун қисми таркибии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар Тоҷикистон дар асоси муносибатҳои материалистӣ ва прагматикӣ;

- моҳияти назариявии ҷараёни таълими фанни таърих тавассути осорхонаҳои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз нигоҳи методологӣ роҳу усули таҳлили назариявӣ-илмӣ, психологӣ, педагогӣ ва адабиёти илмӣ оид ба мушкилоти тадқиқот истифода гардид: маводи дидактикӣ ва васоити таълимӣ барои зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ дар раванди таҳқиқ таҳлил гардид; ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи фаъолияти

таълимӣ ва омӯзгорӣ, гурӯҳҳои корӣ оид ба ташкили кор бо хонандагон ва падару модарони онҳо, омӯзгорони инфиродии навовар.

**Сарчашмаҳои маълумот.**

Сарчашмаҳои маълумотро осори илмӣ, педагогӣ-психологӣ ва иҷтимоӣ, осорхонашиносӣ, файласуфон, таърихшиносон, психологҳо дар бар мегирад, ки дар он андешаҳои мутахассисон оид ба ҷанбаҳои гуногуни парвариши мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ва осорхонаҳои мактабӣ ибрози назар шудааст.

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои асосии ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон тавассути осорхонаҳои мактабӣ ба ҳуҷҷатҳои зерини меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф такя карда шуд: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013); «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» (2012); «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»; «Дар бораи танзими расму оинҳо» (2011); «Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ» (2009); Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, «Консепсияи мактаби миллӣ» (1995), низомномаҳо оид ба самти таълиму тарбия, «Барномаи таълимӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», «Барномаи давлатии омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020-2040», озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – ватани азизи ман», ки он ҳама аснод ҷиҳати болоравии парвариши мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ нақши муҳим мебозанд.

**Заминаҳои эмперикӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоте, ки аз осорхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даст омадааст, мураттаб ёфта, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорон таҳлил ва ҷамъбаст гардид. Аз ҷумла, бо омӯзгорон, волидон (падару модарон) ва хонандагон суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ гузаронида шуд; лаҳзаҳои мубоҳисавӣ дар ҷараёни кор дар

осорхонаҳои мактабӣ; таҳлили лоиҳаҳои таълимии хонандагон тариқи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ; санҷидани масъалаҳои дар фарзия гузошташуда ба маърази омӯзиш ва иҷро гузошта шуд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои озмоишии таҳқиқот дар осорхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии 54, 37-и ноҳияи Синои ш. Душанбе, №3-и шаҳри Панҷакент, МТМУ № 40 ноҳияи Айнӣ, МТМУ № 26-и ноҳияи Кушониён, № 9-и Сангтӯда, мактаби №1-и ноҳияи Данғара ва дигар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар озмоиш дар маҷмуъ 268 нафар хонанда ва 31 нафар омӯзгор иштирок доштанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

1. Таҳқиқоти мазкур аз нахустин корҳои илмии мукаммал оид ба омӯзиш ва баррасии ташаккул ва парвариши мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мебошад.
2. Дар раванди таҳқиқ мушкилоти тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушаххас гардида, нақши осорхонаҳои мактабӣ чун нишони боэътимоди ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ ҳаллу арзёбӣ шудааст.
3. Дар заминаи истифода аз мероси гаронбаҳои моддӣ-маънавии халқи тоҷик, ки, аз ҷумла, дар осорхонаҳои мактабӣ гирд оварда шудаанд, роҳҳои оқилонаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар амалияи фаъолияти ҳаррӯза бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ-психологӣ татбиқ гардид.
4. Дастовардҳои илмии муаллиф дар тадқиқот имкон медиҳад, ки ҳисси баланди худшиносии миллии хонандагон дар масири дурусту беғалат омӯхтани маводи дар осорхонаҳои мактабӣ мавҷуд буда бедор гардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Осорхонаҳои муассисаҳои таҳсилот яке аз омилҳои боэтимод ва сарчашмаи дониш маҳсуб ёфта, дар пешрафти таълиму тарбия ва инкишофи ҷаҳонбинии насли наврас ва шогирдони мактабхон кӯмаки нишонрас ва амалӣ мегузоранд. Ба омӯзгорони фанҳои таърих, кимиё, биология, ҷуғрофия, адабиёт ҳамеша имкон муяссар мегардад, ки аз нигораҳо ва асбобу аҷзои ба намоиш гузошташуда, нақшу тасвирҳо, расму ҳуҷҷатҳои осорхона ҳамчун аёният истифода баранд. Ба таъбири Пешвои миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон: «Омӯхтани таърихи халқамон танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушду такомули таърихи наслҳои оянда хизмат мекунад» .

2. Дар Осорхонаҳои мактаб давра ба давра роҳи пуршарафи тайкардаи мактабу маорифи тоҷик, фаъолияти омӯзгорону донишмандон, муҳаққиқону олимон, сарварони маорифу мураббиёни кӯдакистонҳо чун густариш ва рушди таърихи он рӯйнамо мегардад. Ин макони маърифат ва боргоҳи илм дар ҷараёни тайёр намудани насли наврас ва ҷавонон ба касби оянда ва тарбияи тахассусии онҳо бе таъсир намемонад.

3. Рисолати осорхона гирдоварӣ, омӯзишу таҳқиқ, ҳифз ва тарғибу ташвиқи таҷрибаи пешқадами педагогӣ мебошад. Фаъолият ва рушди осорхонаҳои мактабӣ яке аз самтҳои роҳандозии тарбия ва парвариши хонандагон дар руҳияи аҷргузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, эҳтирому эҳтиёти он буда, густариш, ҳифз ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии халқи тоҷикро инъикос менамояд.

4. Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ аз омилҳои муассири хештаншиносӣ, рушди тафаккури миллии хонандагон, ифтихор аз қавму миллати хеш, гиромидошти таърих ва мероси гузаштаи ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастагии ду

давраи таърихӣ: гузашта ва воқеияти имрӯза, эҳёи нишонаҳои миллӣ мебошад.

5. Ҳар як хонанда ва толибилми муассисаҳои таҳсилоти ватанӣ, махсусан, мактаби миёна, таърихи халқи тоҷик ва Ватани маҳбубро аз нигоҳи нав бояд омӯзад. Дар ин самт осорхонаҳо асолати наҷиб ва вазифаи муқаддасро ба иҷро мерасонанд. Хоса дар бобати аз худ кардани таҷрибаи таърихӣ, таҳлили объективонаи мушкилиҳо ва душвориҳо, амиқ гардидани вазифа ва масъулияти хеш дар рушди кишвари азиз, имрӯзу ояндаи он, густариши мавқеи шаҳрвандӣ ва амсоли он.

6. Мавқеи осорхонаҳо чун сарчашма ва оинаи таърихи миллат ва халқ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз сатҳи тадқиқ ва рушди он вобастагии калон дорад. Ҳар қадар он хуб муаррифӣ гардад, ҳамон қадар хонанда ва шахси ҳузурдошта аз дидани нигораҳо баҳраҳо мебардорад ва мавқею нақши осорхонаро ба хубӣ эҳсос мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар диссертатсия масъалаи нақши осорхонаҳои мактабӣ дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон вақти таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бори аввал мавриди тадқиқи фарогир қарор гирифтааст. Таҳқиқ ва омӯзиши асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасон тавассути осорхонаҳои мактабӣ дар илми педагогикаи ватанӣ аҳамияти назаррас ва амиқи назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз ҷумла:

- барои пажуҳиш ва рушди таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ кумак хоҳад расонд;

- дар тарбия ва парвариши мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ба омӯзгорони ояндаи фанни таърих ёрии амалӣ хоҳад расонд;

- ба дарки моҳият ва аслияти осорхонаҳо дар ҳаёти ахлоқӣ-маънавии хонандагон дар самти ташаккули ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ, ҳисси бузурги ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ мусоидат хоҳад кард;

- ҳамчун дастури маърифатӣ-таълимӣ барои кулли мутасаддиёни ин сохтори муҳимми соҳаи маориф ва осорхонаҳои мактабӣ хидмати беминнат хоҳад кард;

- маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, қомуснома ва солномаҳои таърихӣ истифода гардад;

- чун роҳнамо ва дастур дар самти интихобшудаи илми педагогикаи ватанӣ истифода бурда мешавад;

- таҳқиқот метавонад барои собит намудани бартарии осорхонаҳои мактабӣ дар ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар раванди таълими фанни таърих саҳифаҳои нав боз кунад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот.** Дар диссертатсия масъалаҳои истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, ки табиати ватандӯстӣ доранд, ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим, бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии методҳои таълими хусусияти ҳувияти миллидошта тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон, унвонҷуён, донишҷӯёни факултетҳои таърих ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузурги амалӣ касб мекунад.

Омӯзгорон ва дастандаркорони соҳаи маориф, ки ба масъалаҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ, таълиму тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва ҳувияти миллӣ сару кор доранд, аз рисола васеъ истифода бурда метавонанд. Муҳаққиқон ва алоқамандони таърихи халқи тоҷик, омӯзгорони фани таърих, кормандони осорхонаҳои мактабӣ дар самти таълиму тарбия метавонанд аз маводи рисола баҳрабардорӣ намоянд, ки он далели аҳамияти назарраси амалӣ доштани рисола маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.**Натиҷаҳои тавсифшудаи озмоишҳо ва бахшҳои назорат бо истифода аз методҳои манфиатнок дар асоси ба ҳисоб гирифтани маълумот оид ба нақши осорхонаҳои мактабӣ дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон зимни таълими фанни

таърих яке аз қисмҳои арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ мебошанд. Эътимоднокии муқаррароте, ки дар омӯзиш пешниҳод шудаанд, бо равишҳои назариявӣ ва методологӣ, дурустӣ ва мувофиқати онҳо ба масъалаи илмӣ ва мавзуи таҳқиқот, хоса раванди ташаккули тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ мусоидат мекунанд.

Таҳлил, тафтиш ва ҷамъбасти рисола дар иртибот бо мақсад, вазифа ва мавзуи тадқиқот амалӣ гардида, усулҳои гуногуни пешқадами таҳқиқот, истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар мавриди ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ ҳалу фасл шуда, тавассути саволномаҳо, пурсишҳои шифоҳӣ аз ҷониби муҳаққиқ ва омӯзгорони дар озмоиш иштирокдошта корбаст шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) дар самтҳои зерин мувофиқат мекунад: таърихи ташаккул ва рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот бо тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ, ташкил ва истифодаи методҳои нав, равишҳои методӣ, воситаҳои техникии омӯзиш дар соҳаҳои гуногуни дониш; фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ-озмоишии омӯзгорони фанҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот: таърихи ташаккул ва рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот бо тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ, ташкил ва истифодаи методҳои нав, равишҳои методӣ, воситаҳои техникии омӯзиш дар соҳаҳои гуногуни дониш; фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ-озмоишии омӯзгорони фанҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Бо иштироки бевоситаи муаллифи рисола дар асоси мактубҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дастури мудирони шуъбаҳои маориф дар якчанд шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ оид ба масъалаи асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ бо ташаббуси муҳаққиқ гузаронида шуд; аз ҷумла дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Панҷакент, ноҳияҳои Данғара, Кушониён, Рӯдакӣ. Дар ин нишастҳои илмӣ зиёда аз 26 нафар омӯзгори фанни таърих ширкат варзиданд. Дар натиҷаи ин пажуҳишҳо муҳаққиқ барномаи тарбияеро, ки мундариҷаи асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабиро инъикос мекунад, санҷиш намуда, таҳия ва пешниҳод гардида, блокҳои кори таҷрибавӣ равшан карда шудаанд. Шаклҳо ва усулҳои муассири тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ дар шароити муосири иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди фаъолияти педагогӣ амалӣ гардида, оид ба он як силсила дастур ва мақолаҳо ба табъ расидаанд. Аз рӯйи он дар конференсияи илмӣ-амалӣ, симпозиумҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯзаҳо анҷом дода шудааст.

Бо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як силсила вохӯриҳо гузаронида шуда, оид ба тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ маълумот дода шуд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ба ҷараёни таълиму таҳсили фанни таърих дар муассисаҳои таълимӣ ворид гардид. Мундариҷаи асосии рисола дар мақолаҳое, ки муаллиф ба нашр расонидааст ва тезисҳое, ки дар конференсияҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд, омадааст. Коркарди мундариҷаву технологияи заминаҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ

мавриди озмоиш қарор гирифт. Раванди таълимиву тарбиявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чун сарчашмаи омӯзиш корбурд гардид. Ёддоштҳо, қомусҳои соҳавию таълифоти илмӣ ва намунаҳои осори илмии таърихшиносони муосир низ заминаи маводи таҳқиқот мебошанд.

Диссертатсия дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми он 182 саҳифаи чопи копиютериро ташкил мекунад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАРБИЯИ МАВҚЕИ ШАҲРВАНДИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ТАВАССУТИ ОСОРХОНАҲОИ МАКТАБӢ

## 1.1. Заминаҳои таърихии илми осорхонашиносӣ

Осорхона ба унвони як ниҳоди фарҳангӣ дар ҷомеа бисёр зарурист. Ҳадаф ва мақсади асосии осорхонаҳо бевосита ҷамъоварӣ ва нигоҳдории осори таърихию фарҳангӣ мебошад. Албатта, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории осору ашёи таърихӣ дар осорхонаҳо таърихи дерина дорад, аммо аз нигоҳи илми имрӯза осорхона дар баробари ҳифз ва нигоҳдошти осори таърихӣ, инчунин як маркази бузурги омӯзишу пажӯҳиш, маркази фарҳангию фароғатӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва пажуҳиши илми осорхонашиносӣ дар асри кунунӣ амри воқеист.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули афкори бунёдкорӣ ва тарбияи ифтихори миллии сокинони кишвар маҳсуб мешавад. Расидан ба ин ҳадафҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон  тавассути фарҳанги миллӣ, аз чумла бо роҳи эҳёи мероси таърихию фарҳангии ниёгони халқи тоҷик арзёбӣ намудаанд. Ибтикороти муҳиме, ки солҳои соҳибистиқлолӣ дар ин самт ба он диққати махсус дода шуд, ин ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва бунёди осорхонаҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ мебошад. Доир ба аҳмияти муҳим доштани фаъолияти осорхонаҳо дар ҳаёти ҷомеа Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози ақида намудаанд: “Халқе, ки ба гузаштааш арҷ мегузорад, халқе, ки ҳофизаи қавии таърихӣ дорад, ҳатман осорхона бунёд мекунад”.

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” (соли 1997), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо” (соли 2004 бо таҳрири нав соли 2012) заминаи воқеии ҳуқуқӣ барои ба зинаи нави  рушд ва ба талаботи даврони истиқлол мувофиқ намудани фаъолияти осорхонаҳо,шароит муҳайё гардид.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, навъҳои гуногуни осорхонаҳо бунёд гашта, қисме аз осорхонаҳо таъмиру азнавсозӣ шуданд. Таъсиси осорхонаҳо, ки рамзи пайванди дирӯзу имрӯзу фардо ва баёнгари арзишҳои волои маънавии мардум мебошанд, дар раванди ташаккули миллати тоҷик низ ба ҳукми анъана даромадааст. Осорхонаҳои нав тибқи меъёрҳои муосир бино ёфта, аз лиҳози меъморӣ намунаи барҷастаи пайванди асрҳо ба шумор мераванд. Ҳамакнун, дар осорхонаҳо имконияти хуби ҷамъоварӣ, омӯзиш, нигоҳдорӣ ва муаррифии ёдгориҳои пурарзиши миллати тоҷик фароҳам мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки дар рушди Осорхонаҳои Тоҷикистон сиёсати фарҳангӣ ва ибтикороти фарҳангпарваронаи Пешвои миллат нақши меҳварӣ дорад. Ҷавҳари ин сиёсатро пуштибонӣ аз манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ ва таърихии тоҷикон дар сатҳи сиёсати давлатӣ ва арҷгузорӣ ба шоҳкориҳои ниёгон ташкил медиҳад. Хушбахтона ин сиёсати фарҳангӣ имрӯзҳо боиси рушди фаъолияти осорхонавӣ ва муаррифии таъриху фарҳанги волои тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ гардидааст.

Агар ба таърих ва ташаккули осорхонаҳо назар афканем, аввалин осорхонаҳо дар Юнон ва Рими қадим пайдо шудаанд, ки шабеҳи китобхона ва муассисаҳои тадқиқотии имрӯза буданд. Дар ин мамлакатҳо осори ҷудогонаи санъатро дар маъбадҳо, ҷойҳои муқаддас, қасрҳо ва хонаҳои махсус гирд оварда, сипас онҳоро ба намоиш мегузоштанд. Дар охирҳои қарни III пеш аз милод Батлимус (284-246 п.м.) аввалин Осорхонаро дар шаҳри Искандария таъсис дод, ки бинои он дар қисмате аз кохи салтанат сохта шуда буд. Аммо дар асрҳои миёна фаъолияти осорхонаҳо каме ранги дигар гирифта, ба макони ҷамъоварии ашёи мутабаррик ва мазҳабӣ табдил гардид. Лекин бо оғози давраи Эҳёи Аврупо (Ренессанс) аз инҳидоми комили ин ганҷинаҳо ҷилавгирӣ ба амал омад ва дар натиҷа осорхонаҳо низ таҷдиди ҳаёт ёфтанд.

Тибқи маълумотҳои муаррихон, осорхонашиносӣ ҳамчун як риштаи илмӣ нисбатан ҷадид буда, нахустин назарияҳои илмии он дар охирҳои асри XIX дар кишварҳои Аврупо аз ҷумла: Итолиё, Олмон, Фаронса ва Британияи Кабир пайдо шуданд. Роҷеъ ба ин масъала соли 1883 дар шаҳри Дрездени (Саксония) Олмон аввалин маҷаллаи илмӣ – тахассусӣ дар соҳаи осорхонашиносӣ зери унвони «Zeitschrift für Museologie und Antiquitätenkunden», «Журнал музеологии и антиквариата», инчунин мақолаи илмӣ таҳти унвони «Музеология как научная дисциплина» аз ҷониби таърихшиноси машҳури олмонӣ, директори осорхонаи «Зеленые своды» ҷаноби Иоганн Георг Теодор фон Грассе (1814-1885), аз чоп баромад, ки ин мақола ба фанни осорхонашиносӣ ҳамчун илм асос мегузорад.

Омӯзиш ва пажӯҳиши осорхонаҳо ба унвони як сохтори махсуси фарҳангӣ-маърифатӣ дар тамоми манотиқи ҷаҳон густариш ёфт. Ба ин тартиб аз нимаи аввали асри XX сар карда, дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, пеш аз ҳама дар Россия, он пайдо ва ташаккул ёфт. То ин замон дар Россия ягон маводи илмие, ки ба таври куллӣ, тамоми мушкилот ва масоили осорхонашиносиро дарбар гирифта бошад, вуҷуд надошт. Ҳамин тариқ солҳои 1920 – 1924 аввалин маҷаллаи илмӣ зери унвони «Казанский музейный вестник» дар ҳаҷми 16 китобча ва баъдан солҳои 1931 – 1940 маҷаллаи дигар бо номи «Советский музей» ба табъ расид.

Минбаъд низ барои таҳқиқу омӯзиш ва такмилу густариши илми осорхонашиносӣ корҳои илми-тадкикотӣ ривоҷ ёфта, оид ба ин илм як қатор китобу дастурамалҳо, луғат ва методикаи кори онхо аз ҷониби мутахассисони соҳа ва донишмандони маъруфи рус Д. А. Равикович, М. А. Ариарский, Н. В. Афанасьева, О. Н. Бадер, Т. Г. Бутова, А. Ю. Волькович, А. К. Грегорова, И. В. Дубов, Ю. В. Зиновьева (албатта мо асосан номи касонеро зикр кардем, ки корҳояшон бевосита ба мавзуи мо

дахл доранд, дар ҳоле ки роҷеъ ба ҷанбаҳои дигари осорхонашиносӣ мақолаҳои фаровон нашр шудааст) ва дигарон таҳия ва чоп гардиданд.

Баъдан дар кишварҳои дигар чун, Эрон, Чин, Тоҷикистон ба осорхона ва нақши созандаи он дар ҷомеа диққати махсус дода, осорхонаҳои гуногун дар ин минтақаҳо дари худро ба рӯи тамошобинон боз намуданд. Воқеан ин сарзаминҳо маҳди тамаддунҳои ҳазорсола буданд, ки аз асрҳои пешин созмонҳову ниҳодҳое шабеҳи осорхонаҳои кунунӣ бино ниҳода буданд, ки баҳри ҳифз ва нигоҳдошти осори таърихиву китобҳои нодир хизмат мекарданд. Илми осорхонашиносӣ низ, баҳри эҳё намудани ин суннатҳои чандинҳазорсола ба вуҷуд омад.

Осорхонашиносӣ - соҳаи илмест, ки пайдоиш ва вазифаҳои иҷтимоии осорхонаҳо, назария ва методикаи кори онҳоро меомузад. Аз ин ҷост, ки олимон ва мутахассисони соҳа, илми осорхонашиносиро ба ду қисмат ҷудо намудаанд:

1. Қисмати назарӣ, яъне осорхонашиносӣ (музеелогия) дар бораи таърихи пайдоиши осорхонаҳо, сохтори осорхонаҳо, нақши осорхона дар тавсеаи фарҳанг ва ғайра маълумот медиҳад.

2. Қисмати амалӣ, яъне осорхонанигорӣ (музееграфия) дар бораи ҷамъоварии ашё, (вазифаи аслии осорхона) ҳифз ва нигоҳ доштани ашё, бақайдгирӣ ва феҳристнигории ашё, омодасозии ашё барои ба намоиш баровардани онҳо ва инчунин корҳои илмӣ – тадқиқотӣ маълумот медиҳад.

Яке аз масъалаҳое, ки дар тамоми осорхонаҳои ҷаҳон ба чашм мерасад, ин адами вуҷуди таърифи мушаххаси ин илм мебошад. Пас барои бунёди дурусти пояҳои ин илми ҷавон – осорхонашиносӣ бояд пеш аз ҳама таърифи илмии ин мафҳум ва соҳаи омӯзиши он, яъне осорхонашиносӣ мушаххас ва муайян карда шавад. Ин масъала аз оғози пайдоиши ин илм диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда, таърифҳои гуногун пешниҳод намуданд.

Истилоҳи музей (осорхона) аз калимаи юнонии «*museion»* ва калимаи лотинии «*museum»* гирифта шуда, дар асл ба маънои ҷойгоҳ ва маъбади (муз ё мус) олиҳаи шеъру мусиқӣ аст. Бинобар асотири Юнони бостон музҳо нӯҳ олиҳаи Юнонӣ буданд, ки падарашон Зевс ва модарашон Манмусуна буд. Ҳар яке аз ин олиҳаҳо мазҳари яке аз ҳунарҳои роиҷтарини Юнонӣ буданд. Масалан, яке олиҳаи шеър, дигаре олиҳаи мусиқӣ ва дигаре олиҳаи таърих будаанд.

Тарзи талаффузи вожаи музей (осорхона) дар забони фаронсавӣ «mousee», дар забони олмонӣ «museum» дар забони испанӣ «museo» ва дар забони партугалӣ «museu» мебошад. Дар кишварҳои форсизабон монанди Эрону Афғонистон аз солҳои 1290/1900 ин калима бо ҳамон тарзи талаффӯзи фаронсавӣ ва англисиаш, яъне «museum» ё «муза» мавриди истифода қарор гирифтааст. Аммо дар қаламрави Тоҷикистон вожаи мазкур аз охирҳои асри XX ба шакли «осорхона», яъне макони хоссе, ки дар он осори нодири бостонӣ ва ашёи арзишманд ба маърази дид гузошта мешаванд.

Энсиклопедисти машҳури фаронсавӣ Д. Дидро осорхонаро чунин таъриф кардааст: Осорхона макони мебошад, ки он ҷо ашёе ҷамъоварӣ шудааст, ки ба ҳунару илҳом муносибат доранд.

Муаррих ва осорхонашиноси машҳури Шуравӣ Б. А. Столяров осорхонаро ҳамчуни макони мефаҳмад, ки он ба ҷамъоварӣ, омӯзиш, нигоҳдорӣ ва намоишдиҳии ашё, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, инчунин ба фаъолияти маорифпарварӣ ва тарғиботӣ машғул аст.

Санъатшинос ва донишманди англис Ҷ. Рескин роҷеъ ба истилоҳи осорхона чунин мегуяд: Осорхона ин маконест, ки тамошои он барои ҳамагон дастрас буда, дар он осори беҳтарин аз миёни офаридаҳои башар гирдоварӣ шудааст ва ашёи ин боргоҳ эҳтиром ба санъатро ба вуҷуд меоранд.

Дар маҷалааи англисии «Key Concepts of Museology» (Мафҳумҳои калидии осорхонашиносӣ), ки зери назорати Шӯрои байналмилалӣ оид ба осорхонаҳо (ИСОМ) ба чоп расидааст, калимаи осорхона чунин шарҳ дода шудааст: «Истилоҳи осорхона (музей) ба маънои ниҳод, муассиса ё маконе аст, ки ба таври куллӣ барои интихоб, мутолеа ва намоиши ашёи моддӣ ва ғайри моддии инсон ва муҳити он бино шудааст».

Инчунин муаллифон ва мураттибони маҷаллаи «Музейные термины» ба истилоҳи осорхона чунин таъриф бастаанд: «Осорхона - муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва фарҳангӣ-маърифатие мебошад, ки дар мувофиқа бо функсияҳои иҷтимоии худ пуррагардонӣ, нигоҳдорӣ, омӯзиш ва тарғиби ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва инчунин объектҳои табииро амалӣ менамояд. Осорхонаҳо дар маҷмуъ муҳити махсусро ба вуҷуд оварда, дар асоси он барои ташаккулёбии арзишҳои маънавӣ, натиҷаҳои моддии фаъолияти одамон ва объектҳои табиат хизмат менамоянд».

Мувофиқи Низомномаи соли 1989 қабулгардидаи Ассамблеяи Генералии ИСОМ «Осорхона муассисаи хама вақт амалкунанда, муассисаи ғайри тиҷоратӣ буда, барои баланд гардонидани маърифати инсоният хизмат менамояд».

Дар сарчашмаҳои форсӣ вожаи осорхона (музей) ҳамроҳ бо таҳаввулот ва инқилоби санъат дар адабиёту фарҳанги Эрон ворид гардидааст. Дар мавриди бардошт аз мафҳуми осорхона дар рӯзномаи «Шараф» чунин омадаст: «Осорхона ба истилоҳи мардуми Фаранг макон ва маҳали махзани осори қадимӣ ва ашёи нафоису мустазрафоти дунёст».

Вобаста ба истифодаи мафҳуми осорхона дар асноди расмии Тоҷикистон бояд ҳаминро қайд кард, ки ин мафҳум дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхона» ба чунин шакл қаламдод шудааст: «Осорхона – муассисаи ғайритиҷоратии фарҳангӣ, ки бо мақсади дарёфт, бақайдгирӣ, гурӯҳбандӣ,

барқароркунӣ, нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва намоиши оммавии ашё ва коллексияҳои таърихию фарҳангӣ таъсис дода мешвад».

Таърифи тахассусии осорхонаҳо, ки имрӯз ба сурати бисёр густурда шинохта шудаанд, ҳамон таърифе мебошад, ки соли 2008 дар банди 3 ва 4 – и асосномаи Шурои байналмилалӣ оид ба осорхонаҳо (ИСОМ), ки зери назари ЮНЕСКО фаъолият мекунад, ироа гардидааст: «Осорхона муассисаест, доимӣ ва бидуни ҳадафи моддӣ, ки дарҳои он ба рӯи ҳамагон боз буда, дар хидмати ҷомеа ва пешрафти он фаъолият мекунад. Ҳадафи осорхонаҳо таҳқиқ ва пажуҳиши ашёву осори барҷомондаи инсон, ҷамъоварӣ, ҳифз ва нигоҳдошти осор ва ба намоиш баровардани онҳо мебошад».

Аз муқоиса ва муқобилаи чанд намунаи боло мебинем, ки таъриф ва ташреҳи мафҳуми осорхона дар забони тоҷикӣ ва форсӣ аз забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла, забонҳои англисиву фаронсавӣ тафовутҳои қобили назар надорад. Дар ҳама забонҳо мутахассисон таърифҳои ҳамдигарро такмил дода, каме тағйиру иловаҳо ворид намудаанд. Пас аз омӯзиши таърифҳои боло ва таҳлилу баррасиҳои ҳамаҷониба гуфта метавонем, ки осорхона макone мебошад, ки дар он ашё ва осори аз ҷиҳати илмиву таърихӣ муҳим ба сурати доимӣ дар маърази тамомши умум қарор гирифтааст.

Шоистаи ёдоварист, ки яке аз ниҳодҳои муҳиме, ки дар ташаккул ва инкишофи осорхона ва осорхонашиносӣ ҳамчун илм нақши бориз дорад, бевосита Шурои байналмилалӣ оид ба осорхонаҳо (ИКОМ) мебошад. Роҷеъ ба ин масъала, пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ соли 1946 дар шаҳри Парижи Фаронса якумин ҷаласаи намояндагони осорхонаҳо бо иштироки 14 – кишвари ҷаҳон дар доираи СММ, ЮНЕСКО баргузор мегардад ва дар рафти ҷаласа созмони байналмилалие таҳти унвони «International Council of Museums» (ИКОМ) таъсис дода шуд, ки минбаъд кору фаъолияти осорхонаҳо дар асоси ин ташкилот ба роҳ

монда мешаванд. Аввалин раиси ин созмон директори осорхонаи Буфалои Амрико Чонси Дж. Хемлин интихоб мегардад. Созмони мазкур тақрибан аз 137 кишвари ҷаҳон ҳудуди 30000 аъзо дорад. Ҳоло беш аз 120 кишвари ҷаҳон дорои кумитаҳои ИКОМ буда, ҳар сол як маротиба «Маҷмааи Умумии ИКОМ» дар яке аз кишварҳои аъзо баргузор мегардад.

Соли 1977 дар шаҳри Москва конференсияи байналмилалӣ оид ба осорхонаҳо баргузор гардид ва дар доираи ин ҳамоиш 18 - май ҳамчун ҷашни «Рӯзи осорхонаҳо» тасдиқ карда шуд, ки аз ҳамон сол инҷониб дар ҳама кишварҳои аъзо таҷлил карда мешавад. Дар ин рӯз мунтазам ба таври анъанавӣ вохӯриҳои кормандони осорхонаҳо ба омма ва намоиши нигораҳои навин ташкил карда мешавад.

Ҳадафи асосии таъсиси ин Шурои байналмилалӣ, бевосита омӯзиш, ҳифз, таҳқиқ, ҳимояи арзишҳои фарҳангӣ ва нақши осорхонаҳо дар тавсеъаи фарҳанг мебошад.

Тибқи омори иҷлосияи Шурои байналмилалӣ оид ба осорхонаҳо (ИКОМ), ки дар шаҳри Мельбурни Австралия эълон дошт, шумораи умумии осорхонаҳои ҷаҳон ба 50000 адад мерасад. Яъне ба ҳисоби миёна дар ҳар кишвар тақрибан 330 осорхона рост меояд. Кишварҳое, ки аз лиҳози теъдод дорои шумораи зиёди осорхонаҳо мебошанд, кишварҳои Аврупои ғарбӣ, Россия, Америкои шимолӣ, Австралия ва ғ. мебошанд. Кишварҳое, ки теъдоди осорхонаҳояшон нисбатан кам ҳастанд, кишварҳои Осиё, Африқо, кишварҳои Амрикои ҷанубӣ ва марказӣ мебошанд. Аммо дар байни ин кишварҳо фаъолияти осорхонашиносӣ ва теъдоди зиёди осорхонаҳо дар кишварҳои Чин, Ҳинд, Ҷопон, Аргентина, Мексика, Бразилия ва ғ. ба назар мерасанд. Аз бузургтарин ва машҳуртарин осорхонаҳои ҷаҳон Осорхонаи миллии Британия, Осорхонаи Луври Фаронса, Осорхонаи Прадои Мадрид, Осорхонаи

Эрмитажи Санкт-Петербург, Осорхонаи миллии Прага, Осорхонаи миллии Токио, ва ғ-ро метавон ишора кард.

Омӯзиши илми осорхонашиносӣ дар замони ҳозира характери илмӣ дошта, муносибати байни одамонро бо таъриху осори аз қадим боқимондаи инсониятро меомӯзад ва муҳимаш он ки одамонро бо ҳам наздик мекунад. Мақсад ва вазифаҳои асосии осорхонаро, ки ба таври табиӣ баргирифта аз сохтори он мебошанд, метавон ба таври зайл баён намуд:

- ҷамъоварӣ, ҳифз ва нигоҳдошти осори таърихиву фарҳангӣ;
- ба намоиш баровардани мероси фарҳангӣ;
- таблиғу ташвиқи осори таърихӣ;
- ошно намудани мардум ба арзишҳои фарҳангии миллат;
- барқарор намудани ҳамкориҳо миёни осорхонаҳои кишвар ва хориҷи он;
- таҳқиқ, омӯзиш ва пажӯҳиши осори таърихӣ;
- таҳияи барномаҳои омӯзишӣ, ҷиҳати ошно намудани ҷомеа бо арзишҳои фарҳангӣ;
- баргузор намудани ҷаласаву семинарҳои тахассусӣ дар робита бо риштаи осорхонашиносӣ;
- баргузор намудани намоишҳои муваққатӣ дар сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ;
- таҳия ва чоп намудани мақола, маҷалла ва китобҳои тахассусӣ.

Воқеан яке аз нахустин вазифаҳои осорхонаҳо бевосита ҷамъоварии ашёе, ки арзиши таърихию осорхонавӣ доранд, ба ҳисоб меравад. Шаклҳои ҷамъоварии ашёи осорхонавӣ амалияҳои муайянро тақозо менамояд. Барои ҷамъоварии ашё роҳбарияти осорхона бояд ҳадафи комилан муайян дошта ва барномаи махсуси осорхонавӣ (консепсияи илмии ҷамъоварӣ) таҳия намуда, дар асоси он ба

ҷамъоварии ашё пардозад. Аслан осорхонаҳо бо се роҳу усул метавонанд ба ҷамъоварии ашё машғул шуда, фонди осорхонаро мукаммал созанд.

1. Қабул намудани ашёи осорхонавӣ аз тарафи шаҳрвандон (аз шахсони алоҳида ё муассисаҳо) ба тариқи эҳдо;

2. Харидори намудани ашё ва коллексияи осорхонавӣ, тариқи комиссияи хариди фондӣ;

3. Қабул намудани ашёе, ки дар натиҷаи экспедитсияҳои бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба даст омадаанд.

Ин роҳи ҷамъоварӣ, яке аз воситаҳои асосӣ ва муҳимтарини фаъолияти осорхона ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи он фонди осорхона такмил меёбад. Маводи гирдовардашудаи осорхонавӣ имкон медиҳад, ки оид ба урфу одат, анъана, расму русум, сару либос, асбобҳои мусиқӣ, ҳунармандӣ ва ғайра хулосаҳои зарурӣ бароварда шавад.

Осорхона ҳамчун муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳамчун институти иҷтимоии ҷомеа бояд дар ҳама давру замон ва шароитҳои мухталиф ҷамъоварии ёдгориҳои таърихӣ ва гирдоварии осореро, ки шоҳиди равнақу воқеаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошанд, дар шакли ёдгориҳои аслӣ, ҳуҷҷатҳо ва суратҳо ҷамъоварӣ намояд.

Яке аз омилҳои муҳимро дар мукаммал гардонии фонди осорхона, меъёри интихоб намудани ашёи осорхонавӣ ташкил медиҳад, ки сараввал дар ин самт сатҳи иттилоотии предмет, аслияти он, усули тайёр намудан, таъсири зеҳнию равонии он ба тамошобин дохил мегарданд. Осорхона набояд танҳо ба ҷамъоварии ашё иктифо кунад, балки ҳифзу бо эҳтиёт нигоҳ доштани меросе, ки дар ихтиёр дорад, яке аз масъулиятҳои муҳими он мебошад.

Аз ин хотир, барои ҳифзи осори таърихӣ дар фонди осорхона омили аз ҳама асосӣ реҷаи нигоҳдорӣ ба шумор меравад, ки аз зумраи он реҷаи рӯшноӣ, ҳарорат, нест кардани ҳашаротҳо, ҷилавгирӣ аз ифлосшавии ҳаво шомил мешаванд. Вазифаҳои нигоҳдории осорхонавӣ

аз таъмин намудани амнияти арзишҳои осорхонавӣ (чи дар фонд ва чи дар толорҳои намоишдиҳӣ), ҳифзи ёдгориҳо аз вайроншавӣ ва сироятёбӣ, аз дуздидашавӣ ё харобшавии эҳтимолӣ, инчунин аз ташкил намудани шароити хуб барои омӯзиш, намоиш ва тарғиби онҳо иборат мебошад. Тибқи дастурномаи соҳаи осорхонашиносӣ ҳарорати ҳаво дар ҳуҷраҳои осорхона ҳангоми дар маҷмӯъ нигоҳ доштани ашёи гуногун бояд ҳудуди 18± 1°С бошад. Шароити муносиби рутубати нисбӣ ҳангоми дар маҷмӯъ нигоҳ доштани ашёи гуногун 55% ±5% аст. Ҳадди бехатари рутубати нисбӣ барои осорхонаҳое, ки кондитсионер надоранд аз 50 то 65% мебошад.

Шакли дигари фаъолияти илмию ташвиқотӣ ва тарбиявии осорхонаҳо маълумоти мухтасар ва намоиш мебошанд, чунки тамошобин бо ашёи осорхонавӣ дар навбати аввал ба воситаи дидан шинос мешавад, аз ин рӯ экспозитсияро яке аз намудҳои ташвиқоти айнии дониши таърихӣ меноманд. Воқеан таҳқиқи назариявии маълумоти мухтасари осорхонавӣ ва фаъолияти амалии маълумотдиҳии осорхонаҳо, яке аз мавзӯъҳои муҳими мавриди таҳқиқи осорхонашиносон қарор гирифта мебошад. Роҷеъ ба ин мавзуъ асари А. И. Михайловская – «Музейная экспозиция» аз беҳтарин асарҳои даврони Шуравӣ мебошад, ки ин асар то солҳои охир барои кормандони осорхонаҳои Тоҷикистон низ як воситаи асосии назариявии фаъолияти маълумотдиҳӣ ба ҳисоб мерафт.

Маълумотдиҳии осорхонавӣ дар ҷаҳони муосир ҳамчун як навъи санъат ва фаъолияти мустақил ба ҳисоб меравад. Маълумотдиҳӣ аз таҳияи нақшаҳои гуногуни илман асоснокшуда оғоз ёфта, бо инъикоси бадеии мавзӯъҳои гуногун анҷом меёбад.

Барои омода намудани экспозитсияи осорхонавӣ ашёи осорхонавӣ, матнҳои тавзеҳӣ, зернавиштҳо, нақшаю харитаҳо ва дигар маводи ба ҳам марбут истифода мешавад, ки метавон онҳоро дар якҷоягӣ маводи

экспозитсионӣ номид. Ва бахшҳои гуногуни экспозитсионӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд, ки ҳамаи онҳоро дар маҷмӯъ сохтори мавзӯӣ меноманд. Дар илми осорхонашиносӣ намоиши муваққатӣ намоишеро мегӯянд ва дар замони муосир ба се гурӯҳ: 1. намоиши мавзӯӣ, 2. намоиши фондӣ, 3. намоиши ҳисоботӣ тақсим менамоянд.

Дар асоси усулҳои айният ва таҳқиқоти илмӣ ба ҳамагон пешкаш намудани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва натиҳаи таҳқиқи онҳо аз ҷониби муҳақиқони гуногун мақсад ва вазифаи асосии ташкили намоиши осорхонавӣ мебошад.

Илова бар ин инъикоси бадеӣ ва илман асосоноки зуҳурот ва равандҳои табиату ҷамъият, ки чунин инъикоснамоӣ ба тамошобин бояд таъсири амиқи зеҳнӣ бирасонад, вазифаи асосии намоиши осорхона мебошад.

Мавқеи осорхонашиносӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар ин муддат аксарияти давлатҳои калони ҷаҳони кори осорхонашиносиро хуб ба роҳ монда буданд. Аз нигоҳи таърих, осорхона таърихи дуру дароз дошта бошад ҳам, аммо як қатор масъалаҳои он то ҳоло ҳалли худро пайдо накардаанд ва барои ҳалли он фанни осорхонашиносӣ ёрии калон мерасонад.

Аввалин нишонаҳои фаъолияти осорхона дар хусуси маданияти қадими инсоният ба давраи Эҳё (Ренесанс) рост меояд ва фақат дар асри Х1Х номи «музееология», («museologie» нем.) «museology» англ.) дар адабиётҳо ва сарчашмаҳои илмӣ ба вуҷуд омадааст. Таҷрибаи гузаштаро ба назар гирифта, соли 1877 дар шаҳри Дрездени Олмон маҷалаи «Zeitschrift für Museologie und Antiquitätenkunde» («Маҷаллаи музееология ва антиқашиносӣ») таъсис гардида ва дар соли 1883 мақолае бо номи «Музееология ҳамчун илм» навишта мешавад. Ин мақола ба фанни «Осорхонашиносӣ» ҳамчун илм асос мегузорад.

Масъалаҳои ҳалталаби музейшиносӣ дар асри XX аз нав ба миён гузошта шуда, баъзе олимон пешниҳод менамуданд, ки ин фан аз доираи фанҳои гуманитарию ҷомеашиносӣ ҷудо карда шуда, мустақил гардад ва барои пеш бурдани ин соҳаи илм мутахассисонро тайёр намоянд. Оқибат, соли 1934 дар шаҳри Мадрид Конфронси байналмилалӣ оид ба кору фаъолияти осорхонаҳо гузаронида шуда, масъалаҳои мубрами замонавӣ пешниҳод карда шуд, вале ба амалӣ гардонидани онҳо ҷанги дуюми чаҳонӣ монеъ гардид .

Баъди ҷанг, соли 1946 дар шаҳри Париж аз нав намояндагони 14 давлати дар доираи Созмонҳои Миллали Мутаҳид ва ЮНЕСКО аъзобуда, Бюрои байналмилалии Осорхонаҳо, Шӯрои байналхалкии Осорхонаҳо, (International council of museums, мухтасар – ICOM) ташкил намуда, дар ташаккули осорхонашиносӣ ҳамчун илм нақши калон бозиданд. Дар конференсияи XI ICOM соли 1977 бо ташаббуси Ян Линек, директори Осорхонаи Моравск (Брно, Чехословакия), роҳбарияти ICOM (солҳои 1971–1977) ташкил ёфт. Ин ташкилот аз соли 1980 маҷаллаи «Museological Working Papers» (Кори осорхонаҳои ҷаҳонӣ)-ро нашр менамуданд, ки дар он масъалаҳои муҳими кори осорхонаҳо ва осоршиносӣ ҳамчун илм инъикос мегардиданд. Дар шумораи якуми маҷалла чунин масъала; «Осорхонашиносӣ - илм ё кори таҷрибавӣ» ба миён гузошта шуд ва маҳз Ташкилоти байналмилалӣ (ICOM) масъаларо ҳаматарафа омӯхта, ба хулосае омад, ки «Осорхонашиносӣ» ҳамчун илм ҳисобида шавад. Минбаъд барои такмили илми мазкур корҳои илмӣ-тадқиқотиро ривоҷ дода, оид ба ин фан китобҳо, луғат ва методикаи фаъолияти онҳо таҳия гардиданд.

Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва баъд дар Руссия як қатор китобу дастурамалҳо аз қабили: «Асосҳои осорхонашиносии советӣ» (М., 1955); «Осорхонашиносӣ. Осорхона равияи таърихӣ» (дар зери таҳририи К.Г. Левикина, В. Хербст – М., 1988); Шляхтина Л., Зюкин С. «Асосҳои

кори Осорхонашинсӣ»- и (СПб; 2000), Юренева Т.Ю. «Осорхонашинсӣ» (М., 2003) ва солҳои охир аз тарафи олимон Лорд Б., Лорд Г.Д. «Менеҷмент дар кори осорхона» (М., 2002) аз чоп баромаданд. Ба ғайр аз ин, як қатор китобҳо оид ба корҳои методӣ аз тарафи Белявский М.Т., Орлов А.С. «Методика работы в музее и с памятниками истории и культуры при изучении истории СССР» (М., 1968); Белявский М.Т. - «Работа в музеях и с историческими памятниками при изучении истории СССР» (М., 1978); «Музейное дело в СССР. Научные основы работы музеев исторического профиля» (М., 1980) ва луғати терминалогии «Луғати мухтасари истилоҳи осорхонаҳо» (М., 1974); «Музейные термины. Терминологические проблемы музееведения» (М., 1986) аз чоп баромаданд.

Соли 2001 китоби «Энсиклопедияи осорхонаҳои Россия» (М., 2001. Т. 1–2) ва оид ба осорхонаҳои алоҳидаи кишвар китоб ва дастурамал, аз қабили «Луғати асосии истилоҳи осорхонаҳо» (Хабаровск, 2003), Рубан Н.И. «Музееология. Основные направления и формы музейной деятельности. Музейное дело на Дальнем Востоке России» (Хабаровск, 2003) чоп ва дастраси хонандагон гардиданд. Ба ин нигоҳ накарда, масъалаи осорхонашиносӣ ҳамчун фан то имрӯз мавриди баҳсу мунозираи олимон қарор мегирад.

Аз ҷумла, тадқиқотчиён (Н.Неустунни, Ж.А.Ривер) пешниҳод менамоянд, ки ин фан илм нест, зеро ин фан методикаи худро надорад ва ин назаре буд, ки як қатор олимони англис пештар низ ба миён гузошта будаанд. Вале олимони дигар, аз қабили (К.Шрейдер, В. Ян, Т.Шола) тарафдори он буданд, ки ин фан як ҷузъи фарҳангшинсӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Гурӯҳи дигари олимон (Й. Бенеш, В. Винтер, Т. Силянова-Новикова, Э. Хюнс ва дигарон) тарафдори он буданд, ки Осорхонашиносӣ ҳамчун илм ба ҳисоб гирифта шуда, осорхона ҳамчун Институти ҷамъиятӣ шинохта ва эътироф шавад. Олимон З.Бруна, Х.Векс, А. Грегорова, Р.Ланг, З. Странский, Т.Хетеш, Д.Шулс,

В.Энненбах тарафдори он буданд, ки «Осорхонашиносӣ» ҳамчун фан эътироф шавад.

Ҳамин тариқ баҳсу мунозира нисбат ба «Осорхонашиносӣ» ҳамчун илм ё фан давом мекард, аммо «Осорхонашиносӣ» аз рӯйи ҳамаи ин равияҳои номбаршуда ва таҳлили ҳаматарафаи илмии он чун фанни илмӣ сохт, таркиб ва соҳаи махсуси худро пайдо кард: Аз ҷумла:

1.Назарияи кори осорхонаҳо (назарияи умумӣ, фаннии осорхонаҳо, ҳуҷҷатгузорӣ, назарияи кори фонди илмӣ ва назарияи коммуникатсионӣ).

2.Таърих ва историографияи кори осорхонаҳо.

3. Сарчашмашиносии осорхонаҳо.

4. Музеография - номнависи осорхонаҳо ва коллексияи он, нишон додан дар феҳристҳо ва ғайра.

5. Методикаи кори осорхонаҳо - методикаи кори намоишӣ, ташкили кори роҳбарӣ ба тамоми воситаҳо (ҷомевшиносӣ, техникӣ ва ғайра).

6. Педагогика ва психологияи осорхонаҳо.

7. Корҳои иттилоотии осорхонаҳо ва ҳоказо.

Барои пурра ва хаматарафа фаҳмидан ва омӯхтани мафҳуми осоршиносӣ шарҳи баъзе масъалаҳои осорхонашиносиро пешниҳод менамоем;

Фаъолияти осорхонаҳо - фаъолияти ҷамъиятӣ: ҷобаҷокунӣ, ҳисобот, ба ҳисобгирӣ, ҳифзи нигораҳо, омӯзиши онҳо, истифодабарии тамоми қонунҳо оид ба осорхонаҳо, нишон додани осорхонашиносӣ ҳамчун илм.

Осорхона - мувофиқи Оинномаи ICOM, ки соли 1989 дар Ассамблеяи Генералии ин ташкилот қабул шудааст, бояд дар хизмати халқ бошад.

Мавқеъ ва ҷойи осорхонаҳо – аз ҷиҳати хусусиятҳои худ дар куҷо ҷойгир ба кадом гурӯҳ ворид мешавад, ба кадом намуди осорхонаҳо дохил аст ва ғайра;

- Ҷамъовариҳои нигораҳо (экспонатҳо) – аз ҷиҳати илмӣ муайян намудани ашё (давр, замон, макон, сол, ахбори илмии онҳо, ҷойгиркунӣ ва нигоҳдории нигораҳо);

- Фонди осорхонаҳо - муайян намудани моҳияти ҳар як ашёи ба осорхона ворид шуда, ба кадом фонд ҷудо шудани он, мавқеи он дар соҳаи тадқиқоти илмӣ;

- Коллексияи осорхона - ҷойгиркунии нигораҳо мувофиқи нишондоди тадқиқоти илмӣ, чӣ гуна хислат дорад; илмӣ ё бадеӣ ва ғайра. Коллексияи осорхонаҳо вобаста ба намудҳояшон гирд оварда мешаванд, яъне аз чиҳати типологӣ, моҳияту ҳадаф, мемориалӣ шахсан ба кӣ тааллуқ дорад. Аз ин ҷиҳат, мафҳуми «ашёи осорхона» дар солҳои 30-юм дар асарҳои Н.М.Дружинин пайдо гашта, баъд дар китоби таълимии «Асосҳои осорхонашиносии Шуравӣ» (М.,1955) васеъ истифода шуд, ки он то имрӯз мавриди истифодабарӣ қарор дорад. Аз рӯйи намудҳои нигораҳои ҷамъшуда осорхонаҳо ба чунин гурӯҳҳо: осорхонаҳои таърихи, соҳавӣ, кишоварзӣ, варзишӣ, илмӣ-тадқиқоти, бадеӣ, саноатӣ ва ғайра. Аз ин сабаб, дар вақти ҷобаҷо намудани нигораҳо, пеш аз ҳама, аз рӯйи намуду шакл ва ба кадом соҳа дахл доштанашон, ҷойгир карда мешаванд.

Аз тарафи дигар, ҳар як нигора мувофиқи нишондоди мутахассисон баҳогузорӣ карда шуда, дар асоси қарори Конвенсияи UNESCO аз 16 ноябри соли 1972 ҷой ва мақоми онро муайян менамоянд. Мисол, агар расми кашидае бошад, мувофиқи конвенсияи UNESCO (Мероси таърихӣ - фарҳангии ҷаҳонӣ) (World cultural and historical heritage) он чунин муайян мешавад; ба кадом рассоми машҳур тааллуқ дорад, қадима аст ё навин, ба фарҳанги ҷаҳони чӣ гуна таъсир дорад.

Ҳамин тавр, нигораҳои дар натиҷаи кофтукови бостоншиносӣ ёфташударо низ баҳогузорӣ менамоянд ва баъди анҷоми ин масъалаҳо нигораҳо ҷойи муайяни худро мегиранд.

Ба вуҷуд омадани осорхонаҳоро аз замони давлатдории Мисри қадим (замони Мусейонҳо - маҷмуи аҳромҳо) медонанд. Дар асл бошад, Мусейонҳо ба ҳозира осорхонаҳо кам шабоҳат дошта, фақат аҳромҳои фиръанҳоро дар бар мегирифтанд ва дар муддати 5 сол як маротиба ба муносибати Мусейонҳо иди умумихалқӣ ташкил намуда, шумораи зиёд сарояндагону мусиқачиёнро ба он ҷалб менамуданд.

Аз рӯйи гуфтаҳои олимони антиқӣ ҷашнгирии «Рӯзи Мусейонҳо ба таври васеъ ташкил намудани мусобиқаи умумӣ дар Юунони қадим дар тамоми соҳаҳои фарҳанг ба ҳисоб мерафт, ки дар он шоирон, ҳофизон, мусиқачиён, варзишгарони тамоми намуд: гуштингирӣ, аспдавонӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ, ва ғайра иштирок менамуданд. Аз тарафи дигар, ягона коре, ки аҳромҳоро ба осорхонаҳои имрӯза пайваст менамояд, ҷамъоварии маводи қимматбаҳо дар аҳромҳо буд. Баъзан дар аҳромҳо шахсони алоҳида беҳтарин осори ҷамъовардаашонро барои тамошо мегузоштанд ва он минбаъд ба таври анъана давом мекард.

Намоёнтарин осорхонаҳои қадима дар шаҳри Александрия буда, аз тарафи ҳамсафи Александрӣ Македонӣ, Птоломей 1 Сотер, ки худро фиръавни Миср меномид, соли 304 пеш аз милод бунёд шудааст. Бояд қайд намуд, ки худи ташкилкунанда ва ворисони ҳарчи бештар ҳаракат менамуданд, ки коллексияи худро зиёд намоянд. Хусусан, дар дастрас намудани коллексияи дастнависҳои китобхонаи бузурги Александрия кӯшиш намуда, Птоломей 11 бо ин мақсад китобхонаи Аристотелро харидорӣ намуд.

Птоломей 111 Эвергет бошад, дастнависҳои китобхонаи Афинаро пурсида, фармон додааст, ки ин дастнависҳоро рӯйнавис намоянд. Рӯйнависи онҳо бо нархи ҳамон замон 15 талантро ташкил медод. Афинагиҳо хеҷ боварӣ надоштанд, ки ҳамин маблағ барои рӯйнавис

дода мешавад ва дар навбати худ Птоломей 111 Эвегет на маблағро доду на дастнависҳоро. Ҳамин тариқ, осори гаронбаҳо дар Александрия ҷамъоварӣ гардид, ки дар он ба ғаир аз дастнависҳо осори дигари ботаникӣ, зоологӣ, китобҳои нодир, пуст ва хӯсаи ҳайвонот ҷамъоварӣ гардид. Дар ин осорхонаи Алесандрия беҳтарин олимони ҷаҳонӣ кору фаъолият менамуданд.

Ташкил, сохтор ва кору фаъолияти осорхонаҳо ба асри 18 мансуб буда, аз соли 1753 Осорхонаи Британия арзи вуҷуд кард ва соли 1759 барои омма дарҳои худро боз кард. Осорхона рӯзҳои душанбе, чоршанбе ва ҷумъа, аз соати 10.00 то 16.00 кор мекард ва дар аввал 60-нафарӣ ва аз соли 1808 гурӯҳҳо бо 15- нафарӣ то соли 1836 ва соли 1879 ҳамарӯза ба тамошобинон барои тамоши осорхона рухсат дода шуд.

Баъд осорхонаҳои Бостонии Неапол (1738-1749), Нигористони Сан Суси бо лоиҳаи Брюинг (1755-1763), 1791 Музейи Лувр дар Франсия, Осорхонаи Венгрия дар шаҳри Будапешт(1896), Осорхонаи миллии Прага(1818), Осорхонаи Қадим (1928) дар Олмон, 1818 дар Луври Париж, соли 1819 дар Прадои Испания ва ғайра кушода шуданд.

Ҳамин тариқ, дар тамоми Аврупо таваҷҷуҳ нисбат ба осорхонаҳо зиёд шуда, аз соли 1807 дар Дания комиссияи махсус барои ташкил кардани Осорхонаҳои миллӣ ташкил карда шуда, оқибат соли 1819 осорхона кушода мешавад, ки дар муддати на он қадар зиёд дар он коллексияи зиёди осори қадима ҷамъоварӣ мегардад.

Дар баробари ин, як қатор осорхонаҳо аз ҷумла, осорхонаҳои техникӣ аз соли 1793 ифтитоҳ гардиданд ва намоиши аввалин соли 1851 дар Париж гузаронида шуд, ки он соли 1833 пешниҳод шуда буд, ки ба осорхонаи техникии минбаъда такони зиёде дод. Ин намоиш дар зери шиори «Бигузор тамоми одамон якҷоя барои кори хайри инсоният кору амал намоянд» амал мекард. Ин намоишгоҳ ба он мусоидат кард, ки ниҳоят соли 1929 дар Конвенсияи Париж қарори махсусро дар бораи «Мунтазам ташкил намудани намоишҳо» қабул намуда, соли 1932

Бюрои байналмилалии намоишҳо (UFT), ки ниҳоди олии он Ассамблеяи Генералӣ ба ҳисоб меравад, ташкил шуд. Аз ҳамон давра сар карда, мунтазам дар асоси қарордоди ин созмони бонуфуз намоишҳо (виставкаҳо) ташкил мегарданд.

13 апрели соли 1870 дар шаҳри Ную-Йорк клуби махсус оид ба мутамарказ намудани осорхонаҳо ташкил гардид ва дар натиҷа, худи ҳамон сол аввалин осорхонаҳо дар ИМА ба вуҷуд омаданд ва соли 1872 Осорхонаи Метрополитен дар асоси коллексияҳои шахсӣ кушода мешавад. Дар нимаи дуюми асри Х1Х бошад, Осорхонаи омузгорӣ дар Англия, Осорхонаи Виктория, осорхонаи Кенсингтон ва осорхонаи Австрия ташкил мешаванд. Дар асри ХХ кушодашавии музейҳо зиёд гардида, соли 1901 дар Швйтсария осорхонаи нав ташкил гардид, ки дар асоси китоби И.С. Блиох тартиб дода шуда, бо 12 шуъба амал мекард, ки 10- тои он ба масъалаҳои ҷанг ва 2 шуъба ба ҳаёту фаъолияти одамон бахшида шуда буд.

Аз соли 1903 сар карда, бо ташаббуси муҳандисони олмони осорхонаи техникӣ ва табиӣ бахшида ба набототи табиат ташкил шуда, дар он ашёи табиӣ ба намоиш гузошта шуда буданд. Ҳамин тариқ, анъанаи ташкилшавии осорхонаҳо характери умумӣ мегирад ва дар нимаи дуюми асри ХХ бо тараккии воситаҳои техникӣ дар осорхонаҳо технологияи нав ворид гардид ва минбаъд осорхонаро бо компютерҳо муҷҷаҳаз намуданд. Ба ин васила, ба воситаи техника метавонед дар зарфи 25 дақиқа зиёда аз 5 ҳазор нигора ва расмҳоро тамошо намоед.

Тараққиёти воситаҳои техникиро ба инобат гирифта, соли 1963 дар доираи ICOM маркази мутобиқсозӣ (CIDOC – International Committee for Documentation) ташкил гардид, ки системаи байналмилалии осорхонаҳоро назорат мекард. Соли 1991 дар Нигористони миллии Лондон майкрогалерея («Майкро» от Майкрософт) кушода мешавад, ки тамоми воситаҳои техникии осорхонаҳоро дар худ муттаҳид менамояд.

Соли 1994 дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо (Евросоюз) феҳристи электронӣ тартиб дода мешавад. Дар он, баробари муҳандисони техникӣ, олимони соҳаи санъат низ иштирок намуда, санъати тасвирии осорхонаҳоро пурра ба ҳисоб мегиранд. Дар як муддати кӯтоҳ нигораҳо дар куҷо, ба кадом осорхона тааллуқ дорад, мероси кадом халқу миллат аст, аз тарафи кӣ дастрас гардидааст ва ҳоло моли кадом давлат аст, маълум мегардад. Дар мамлакати Ҳиндустон соли 1875 Осорхонаи Калкутта, 1851 Осорхонаи Мадрас, соли 1874 Осорхонаи бостоншиносӣ дар Матҳур ва соли 1948, баъди ба даст овардани Истиқлолият(1947) Осорхонаи милли Ҳиндустон ташкил ва аз соли 1960 барои одамон кушода шуданд. Умуман, аз миёнаи солҳои 80-ум то ин ҷониб дар Ҳиндустон зиёда аз 300 осорхонаҳо амал менамоянд.

Осорхонаи қадимтарини Осиё Осорхонаи миллии Токио дар Япония ба ҳисоб рафта, соли 1871 ба он асос гузошта шуд, ки тамоми анъанаи милли япониёнро дар бар мегирад ва соли 1877 ба таври анъана кушода шуд. Дар Хитой бошад соли 1914 Осорхонаи Гутун ва баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон Осорхонаи Инқилоби Хитой ташкил шуд. Дар Корея соли 1925 Осорхонаи илм ташкил шуда, соли 1945 мақоми миллиро гирифт. Соли 1936 коллексионер Чон Хён Пхил дар Сеул биноеро харида, осорхона ташкил мекунад ва аз соли1974 Осорхона дар ҳавои кушод бо номи «Деҳаи Корея» ва осорхонаи адабиёти классикӣ ва соли 1979 осорхонаи саноати техникӣ, соли 1982 Осорхонаи бадеии Хоам дар Кореяи Ҷануби ба кор шуруъ менамоянд.

Дар Изроил Осорхонаи санъат дар Телл-Авив ва Мишкон ла-Оманут, соли 1934 дар Эйн Хирод ташкил ёфта, баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Осорхонаи Хайфа ва соли 1951 ба он Осорхонаи санъати муосир илова карда мешавад ва дар заминаи онҳо Осорхонаи милли соли 1953 кушода мешавад. Умуман, дар Изроил зиёда аз 120 осорхона амал менамоянд.

Дар Африкои Ҷанубӣ бошад, соли 1935 дар шаҳри Йоханнесбург Осорхонаи Африқо ва тамоми минтақа кушода шуд, ки дар он осори халқҳои Африқо гузошта шудаанд.

Тоҷикистон ба шарофати Истиқлолият ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст ва дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ Сарвари давлат «…рушди соҳаи маорифро афзалиятноктарини сиёсати иҷтимоии кишвар» меноманд. Аз ин сабаб тақозои замон ин аст, ки сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ бояд пайваста боло равад, ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад.

Тайёр намудани мутахассисони варзидаи сатҳи дониши касбиашон ба бозори меҳнат ҷавобгӯ, вобаста ба ниёзмандии воқеии иқтисодиёти миллӣ барои мамлакат зарур ва омодасозии заминаҳои таълимию методӣ, техникию истеҳсолӣ ва ғайраҳо аз ҷумлаи масъалаҳое ҳастанд, ки чунин масъалагузориҳо амри воқеии замон аст. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон то саршавии дахолати инсон ба табиат, тахминан, дар асрҳои ХУ111 сайд, кабк, оҳу барин ҳайвоноти нодир фаровон буданд. Хонандагон фаҳмиданд, ки дар ин бора аз осорхонаи кишваршиносӣ маълумоти дақиқ гирифта метавонанд.

Дар дунё маконе ҳаст, ки монанди Тоҷикистон табиати зебою, хушманзара ва гуногун дошта бошад? Ин сарзамин бо кӯҳҳои баланди осмонбӯс (баландӣ то 7495 метр), кӯлҳо (дар баландии то 3914 метр), пиряххо (то 70 км) ва набототу ҳайвоноти беҳтарини олам арзи вучуд доранд. Дар ҳудуди ҷумҳури ҷинсҳои гуногуни кӯҳӣ аз қадим арзи вуҷуд дошта, олимону саёҳатчиёнро ба худ ҷалб менамуд. Қадамҳои аввалин дар масълаи омӯзиши боигариҳои табии Осиёи Миёна, аз ҷумла, Тоҷикистон ба номи олимони рус вобастагӣ дорад, ки онхо аз нимаи дуюми асри Х1Х:(К.Ф.Батунев, Ф. Богославский, Д.К. Мишенков, А.П.Федченко, А.Леман) ва солҳои 70-уми ҳамин аср И.В.Мушкегов, Г.Д. Романовский ва бисёр дигарон дар хусуси сарватҳои табии ҷумҳуӣ

тадқиқотҳо, гузарониданд. Замони Шуравӣ гурӯҳи геологҳо ва олимон ба ин сарзамин зиёд сафар мекарданд ва ҳатто барои мактаббачагон соли 1971 Академияи хурдро бо шуъбаи геология ташкил намуданд.

Маҳз, барои донишҷӯёни факултаи таърих осорхонаҳо (музей)-ҳо ҳамчун маркази муассисаи илмӣ - маърифатӣ ба ҳисоб меравaнд, ки бояд ба таври васеъ аз онҳо истифода баранд. Дастоварди бузурги даврони Истиқлолият дар соҳаи маориф, Созишнома дар бораи эътирофи маълумоти олии Ҷумхурии Тоҷикистон дар Аврупо мебошад. Ҳуҷҷати мазкур ба хатмкунандагони мактабҳои олии кишвар имкон медиҳад, ки дар давлатҳои Аврупо низ кору фаъолият карда, донишу таҷрибаи худро таҳким бахшанд. Осорхонашиносӣ ҳамчун фан дар мамлакатҳои Аврупо аз асри XXII- XVIII эътироф гардида, дар донишгоҳҳо онро ба таври васеъ меомӯзанд ва имрӯз осорхонаҳо макони таълимгоҳ ба ҳисоб меравaнд.

Осорхонашиносӣ таърихи ташкилшавии осорхонаҳоро аз давраи қадим то имрӯз, тарзу усулҳои ҷойгиршавии нигораҳо (экспонат), мақому мавқей онҳо дар таърих ва баробари ин, ба кадом давру замон дахл доштани нигораҳоро меомӯзад, ки ин дар пурра гардонидани дониш оид ба таърихи Ватанамон аҳамияти калон дорад.

Аввалин маротиба оид ба масъалаи назариявии осорхонаҳо китоби Й.Д. Майор бо номи "Ничего не предрешающие общие рассуждения о художественных и естественно - научных собраниях" (Киль, 1674) буда, баъд китоби И.Д.Моллер" О кунсткамерах и натуркамерах,1704; Л.К.Штурма "Публичные кабинеты редкостей и естественно научных предметов 1704, М.Б.Валентини "Осорхонаи осорхонаҳо" 1704, 1712, 1714 ва дигарҳо чун асарҳои илмӣ - тадқиқотӣ аз чоп баромаданд.

Дар асри XVIII К. Найкель (бо тахаллуси К.Ф. Енкел) дар асари худ «Музееграфия или руководство к правильному пониманию и полезному учреждению музеерума или раритет-камеры» (Мюнхен, 1727) аввалин маротиба калимаи «музееграфия»- ро истифода намуда,

тачрибаи аввалинро оиди намудҳои осорхонаҳо пешниҳод намуд. Дар охири асри XIX доктор Й.Г. Грассе мақолаи илмиеро бо номи "Музейология ҳамчун илм» (Дрезден, 1883)-ро навишта, онро чун илм ва фани таълимӣ пешниҳод менамояд.

Дар Россия бошад, пеш аз назарияҳо оид ба осорхонаҳо ва музеография лоиҳаи осорхонаҳо дар нимаи аввали асри XIX аз тарафи муаллифон Ф.П. Аделунг, Б.-Г. Вихман, П.П.Свинин пешниҳод гардида, дар охири асри X1X таълимоти философии утопист Н.Ф. Федоров дар бораи осорхонаҳо ва масъалаи тараққиёти минбаъдаи осорхонаҳо аҳамияти калон пайдо намудаанд.

Муваффақиятҳои калон дар тараққиёти таълимоти музейҳо дар солҳои 20 – уми асри XX аз тарафи Н. Романов, Ф. Шмит, И. Грабар, А. Зеленко ва дигарон гузаронида шуда, ба мактаби Осорхонашиносии Шуравӣ асос гузошта мешавад. Дар ин давра Ф.И. Шмит аввалин маротиба намудҳои осорхонаҳо ва тарзу усули кори онҳоро пешниход мекунад, зеро баъди Анчумани 1-уми Умумироссиягии осорхонаҳо камбудиҳои дар ин соҳа ҷой дошта муайян карда шуданд. Аз тарафи дигар, қисме аз коркунони соҳаи осорхонаҳо аз вазифа сабукдӯш шуда, баъзеи дигари онҳо, аз ҷумла, Ф.И.Шмит ва Н.И.Романов ҳабс ва бадарға карда шуданд

Давраи нав дар тараққиёти илмҳои осорхонашиносӣ ба ташкилшавии Институти тадқиқотӣ - илмӣ (баъдтар Институти фарҳаншгиносии Россия) алоқаманд мебошад, зеро дар соли 1955 китобе бо номи "Асосҳои осоршиносии советӣ» нашр гардида, муаллифон аввалин маротиба осорхонашиносиро ҳамчун маҷмуи илм пешниҳод намуданд. Фаъолияти осорхонашиносӣ ҳамчун илм дар солҳои 60- ум бо сафари олимони Шуравӣ ба Аврупои Шарқӣ вобастагӣ дорад. Дар солҳои 50-80-ум як қатор конференсияҳои байналхалқӣ аз чумла, (соли 1964 -дар РДГ, соли 1965 дар ҶСЧ, ҳоло давлати Чехия) баргузор ва

тезисҳои махсус қабул карда шуд ва осоршиносӣ ҳамчун фанӣ таълими дар таълимгоҳҳо пешниҳод гардид, вале соли 1971 дар симпозиуми дар Олмон баргузор шуда аз нав бо кадом сабабҳои номаълум иҷро ва амалӣ гардондани ин пешниҳод мавқуф гузошта мешавад.

Мавқеи мустаҳкам доштани осоршиносӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар асари Владимир Ян (4.01.1875-5.08.1954) "Осорхонашиносӣ ҳамчун илм ва фанни таълимӣ» асоснок гардида, дар он натиҷаи корҳои илмии олимони собиқ Шуравӣ ва олимони хориҷӣ ҳаматарафа таҳлил карда шуданд.

Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарби нисбат ба ин фан ба таври дигар назар намуда, баъзе осоршиносон осорхонашиносиро ҳамчун илм ба эътибор нагирифтанд, вале соли 1983 конфронси UCOM дар шаҳри Лондон шуда гузашт, ки ба ин масъала шарҳи васеъ медиҳад. Аз олимони дохилу хориҷи кишвар дар коркарди ин масъала чунин шахсон: И. Бенеша, И. Неуступни, А. Грегорова (ЧССР), В. Хербста, И. Аве, К. Шрайнер (ГДР), В.Глузинскоий, З. Жигулский (Польша), З. Странский (ЧССР), А.М. Разгон (СССР) ва дигарон иштирок намуда, аҳамияти осорхонашиносиро ҳамчун илм ва фани таълимӣ эътироф намуданд.

Инсоният дар тӯли миллионҳо соли аз сар гузаронидааш аз худ ягон осори зиёди арзишманди таърихӣ, илмӣ, таълиму тарбиявӣ боқӣ намондааст, ки олимон дар асоси он дастовардҳои бостоншиносӣ таърихи ғанӣ ва фарҳанги онҳоро меомӯзанд. Халқи тоҷик яке аз қадимтарин халқҳои дунё ба ҳисоб рафта, аҷдодони он аз сулолаҳои Пешдодиёну Каёниёни Ориёӣ сарчашма гирифта, мероси бузург ва гуногунмундариҷаи таърихӣ ва фарҳангӣ дорад. Осори бою ғании тоҷикон, ки дорои таърихи куҳан мебошанд, бо амри тақдир аз макони таърихии худ дур гардида, ёдгории гаронбаҳои он дар аксарияти осорхонаҳо маҳфуз дошта мешаванд. Дар замони Шуравӣ беҳтарин осори қадимаи халқ ба марказ кӯчонида шуда, осорхонаҳои имрӯзаи берун аз марзи Тоҷикистонро оро медиҳанд.

Масалан, дар осорхонаҳои Париж, Лондон, Москва ва Петербург. Вазифаи муҳими имрузаи олимони бостоншинос, антропологҳо, полеонтологу зоологҳо, этнографу геологҳо аз он иборат аст, ки он осори таърихие, ки имрӯз мо дар даст дорем ва минбаъд пайдо мешаванд, ҳаматарафа омӯхта, онҳоро дар осорхонаҳо нигоҳ дошта, дастраси умум гардонем.

Соли 1977 дар шаҳри Москва конференсияи байналмилалии Шӯрои осорхонаҳо шуда гузашт, ки 18 май чун ҷашни «Рӯзи осорхонаҳо» тасдиқ карда шуд. Дар ин рӯз мунтазам ба таври анъанавӣ вохӯриҳои кормандони осорхонаҳо ба омма ва намоиши нигораҳои навин ташкил мешаванд. Маҳз ҷамъоварии нигораҳои таърихи зиёда аз дуҳазорсола дошта, ба нотиқи Рими қадим Марк Тулий Ситерон тааллуқ дорад зеро дар яке аз баромадҳояш калимаи ҷамъовариро истифода бурд. Худи ӯ дастхатҳо ва расмҳои зиёдеро гирдоварӣ карда буд, бинобар ин, ҷамъоварӣ (коллексия) то ба вучуд омадани калима кайҳо арзи вуҷуд доштааст, ки онро кофтуковҳои бостоншиносии муосир муайян намудаанд.

Баъди пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилияти худро ба даст овард ва барои аз нав эҳё гардонидани тамоми соҳаҳо ҳаракат намуд ва ҷолиби қайд аст, ки дар аксари соҳаҳо пешравиҳо назаррас мебошанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба таърихи пурифтихори кишвар таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, дар соҳаи илми таърих асарҳои беназире таълиф намудааст. «Дар шароити ҷаҳонишавӣ – кайд мекунад, – мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, – яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат – ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла, ёдгориҳои таърихӣ мебошад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст. «Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст». Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ махсус санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурамал барои

кормандони ҳифзи ёдгориҳо бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба тасвиб расида, дар он тамоми қонунҳои аз тарафи давлати Тоҷикистон интишоршуда ифода ёфтаанд.

Кашфиётҳои илмӣ-бостоншиносии олимони точикро дар аввали асри XX1 ба назар гирифта, Ҳукумат ва давлат барои нигоҳ доштан ва омӯхтани ёдгориҳои таърихии халқи тоҷик Осорхонаи нави таърихи кишваршиносӣ (Осорхонаи миллии Тоҷикистон)-ро бо тамоми таҷҳизоти навини замонавӣ барои истифода пешкаш намуд. Вазифаи омӯзгорон ва кормандони соҳаи мазкур аз он иборат аст, ки аз ин дастовардҳо истифода бурда, насли наврасро бештар ба кори осорхонаҳо чалб намоянд. Ин вазифаи муқаддаси имрӯзаи ҳар як фарди ватандӯст аст. Роҳҳои асосии фаъолияти осорхонаҳо дар замони ҳозира вобаста ба вазифаашон муайян мегардад: яъне вазифаи нигоҳдорӣ, ба ҳисобгирӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ғайра, аммо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз осорхонаҳо вазифаи махсусро талаб менамояд. Масалан, дар осорхона соҳаҳои он аз гузоштани нигора то нигоҳдорӣ ва тадқиқотро талаб мекунанд ва аз ин сабаб, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо осорхона вобастагӣ амиқ дорад. Аз тарафи дигар, мавқеи осорхона дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз соҳаи илмӣ-тадқиқотии он вобастагии калон дорад, яъне ҳар қадар, ки он хуб муаррифӣ гардад, ҳамон қадар тамошобинон ба дидани нигораҳо меоянд ва мавқею нақши осорхона баланд мешавад.

Фаҳмиши Осорхонашиносӣ дар замони ҳозира ҷанбаи илмӣ дошта, муносибати байни одамонро бо таъриху осори аз қадим боқимондаи инсоният меомӯзад ва муҳим он ки одамонро бо ҳам наздик меорад.

Фаъолияти осорхонаҳо дар умум, маҷмуаҳои зеринро дар бар мегиранд: баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ, муҳофизат, омӯзиш ва истифодабарии осори фарҳангӣ ва омӯзиши онҳо, қонунияти осорхонаҳо, сохтори осорхонаҳо, ташкили роҳбарӣ ба осорхонаҳо,

таҷрибаи осорхонаҳо (фонди илмӣ, илмӣ-маърифатӣ, корҳои илмӣ – тадқиқотӣ; таҳиякунӣ; осорхонашиносӣ ҳамчун илм ва ғайра мебошанд.

Осорхона мувофиқи низомномаи соли 1989 қабулшудаи Ассамблеяи Генералии ИСОМ «Муассисаи хама вақт амалкунанда, муассисаи ғайри тиҷоратӣ буда, барои баланд гардонидани маърифати инсоният хизмат менамояд». Фаъолияти осорхонаҳоро ба ғайр аз ин созмони байналхалқӣ дигар касе хуқуқи манъ кардан надорад. Шакл ва намуди осорхонаҳо дар кадом солу моҳ ташкил шудааст, ба кадом давра тааллуқ дорад, ба кадом намуд дахл дорад, ба кадом гурӯҳи музейҳо дохил мешавад ва фаъолияти ин навъи муассисаҳо ба тариқи зайл ба роҳ монда мешавад;

- Осори чамъшудаи осорхонаҳо - ба тариқи илмӣ ҷамъоварии ашё, маводи ёрирасони илмӣ ва иттилооти илми, ивазкунии нигораҳо, китобхона ва бойгонии осорхона ва ғайра.

- Фонди осорхонаҳо – моҳияти тамоми ашёи ба осорхона воридшуда, ҳуҷҷатгузории онҳо, иттилооти ёрирасони илмӣ доштаи нигораи воридшуда.

- Ҷамъоварӣ ва таснифи нигораҳои осорхонаҳо - тамоми ашёи ба осорхона воридшуда, бо хуҷҷатгузорӣ (аз куҷо, аз тарафи кӣ, ба кадом давра дахл дорад, умуман, он чизеро, ки дар осорхонаҳо мавҷуданд, дар бар мегирад), омӯхта мешаванд. Дар навбати худ, истилоҳи «коллексия», (ҷамъоварӣ) ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешавад: а) типологӣ, б)мавзӯӣ, в) мемориалӣ ва шахсӣ.

Дар педагогикаи имрӯзаи осорхонаҳо тадқиқоти иҷтимоиро бо фаъолияти фарҳангӣ тавъам бо дигар самтҳо омӯхта, намудҳои аудиторияи осорхонаҳоро ба воситаи мутахассисон муайян менамоянд. Аз ин сабаб, тадқиқоти иҷтимоӣ қисми асосии кори илмӣ-тадқиқотӣ ба ҳисоб рафта, дар солҳои 20 ва 30-ум то солҳои 60-уми асри XX дар солҳои 70-80-ӯми асри XX паҳн гардида, дар солҳои 70-80-ум ва

аксарияти осорхонаҳои ҷаҳонӣ ворид гардида, ба мардум хизмати иҷтимоӣ ташкил мешавад. Осорхонаҳои хориҷӣ методи ҷамъияти осорхонаҳоро ба таври дигар ба роҳ монда, муносибати тамошобинонро бо осорхона дар навбати аввал мегузорад ва оид ба роҳу усул ва методикаи кори осорхонаҳо маҷалла чоп намуда, дар он тамоми тадқиқотҳои иҷтимоии осорхонаҳо ба табъ мерасанд. Соли 1990-ум ин тарзи кори осорхонаҳои хориҷӣ дар мамлакатҳои собиқ Шуравӣ низ ҷорӣ гардид ва осорхона на ҷойи тамошо барои тамошобинон, балки ба макони фарҳангӣ низ табдил меёбад, ки аз ин усули кор осорхона манбаъҳои иловагӣ пайдо намуда, онро барои иҷрои дигар корҳо истифода менамояд.

Имрӯз дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ ба осорхонаҳо ҳамчун махзани ҳифз ва муаррифии фарҳанги миллӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Зеро осорхона маконест, ки ба воситаи ёдгориҳои худ метавонад ба ҳиссиёти тамо-шобин таъсир гузошта, шахсро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, арҷгузории осори атиқӣ, зебопарастӣ ва дарки олами нафосат тарбият намояд. Осорхонаро метавон оинаи миллат шумурд ба хотири он, ки кулли ёдгориҳои таърихиву фарҳангии халқ, ки инъикосгари давраҳои гуногуни таъри-хию фарҳангии ҷомеа ба ҳисоб мераванд, маҳз дар ҳамин даргоҳ ҳифз ва тарғиб карда мешавад. Ба қавли яке аз донишмандони соҳаи осорхонашиносӣ Н.Ф. Фёдров: «Осорхона иртиботу эҳтироми гу-заштагону имрӯзиёнро ба вуҷуд меорад. Агар ин эҳтирому иртибот аз байн равад, инсон ҳамчун мавҷудоти дорои одобу ахлоқ рисолати худро аз даст медиҳад ва ҳамчун бут бетафовут боқӣ мемо-над».

Фаъолияти фарҳангӣ- маърифатӣ яке аз самтҳои муҳими ва инкишофёбандаи коргузории осорхона мебошад. Дар замони имруза шаклҳои гуногуни фаъолияти фарҳангӣ-маърифатии осорхонаҳо вуҷуд доранд. Мутахассисону донишмандони соҳаи осорхонашиносӣ 10 шакли

асосии онро таъкид менамоянд: экскурсия, маъруза, машварат (консултатсия), хонишҳои илмӣ (конфронс, иҷлосия, ҷала-са), клуб (кружок, студия), озмун (олимпиада, викторина), вохурӣ бо шахсони наҷиб, консерт (намо-иши театрикунидашуда), ид, бозиҳои таърихӣ.2
Осорхонаи миллии Тоҷикистон тибқи анъанаи касбӣ, дар моҳи майи соли 2015 бахшида ба таҷлили Рузи байналмилалии осорхонаҳо, маротибаи сеюм иқдомоти байналмиллалии «Шабе дар Осорхона»-ро баргузор намуд. Мақсад аз ташкили чунин иқдомот ин пеш аз ҳама пешбурди сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷалби қишрҳои гуногуни ҷомеъа ба осорхона, муарифии осори ниёгон, баргузор намудани чорабинии бузурги оммавӣ-маърифатӣ вобаста ба соҳаҳои мухта-лифи фарҳанг, муаррифӣ намудани осорхона ҳамчун макони таълимӣ-маърифатии муосир буд. Чо-рабинии мазкур имкон фароҳам овард, ки осорхона барои қишрҳои гуногуни ҷомеъа дастрас ва ҳам-чун макони ҷамъиятиву баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ муаррифӣ шавад.

Баргузор намудани иқдомоти «Шабе дар Осорхона» бори аввал соли 1997 аз шаҳри Берлини Ол-мон оғоз шуда, баъдан соли 1998 дар Франция, Англия, Россия баргузор гардидааст. «Шабонгоҳ дар Осорхона»-иқдомоти байналмилалӣ буда, ҳадаф аз он ҷалби ҳар чӣ бештари тамошобинон, хусусан ҷавонон ба тамошои осорхона мебошад. Дар айни замон 30 000 осорхонаҳо дар 120 кишвари олам ҳамасола ин чорабиниро таҷлил менамоянд.

Бузургон осорхонаҳоро «Даричаи таърих», «Махзани ёддоштҳо» номгузориву баҳогузорӣ намудаанд. Дар ҳақиқат, осорхонаҳо бевосита шуълаи фурӯзони пайвасткунандаи гузаштаи дур ба имрӯз мебошад, зеро бе донистани таъриху фарҳанги куҳан ояндаро сохтан ва такомул бахшидан аз имкон берун аст.

## 1.2.Ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ҳамчун рукни таркибӣ ва ҷудонашавандаи тарбияи худшиносии миллӣ: тарбияи худогоҳӣ, ваҳдат, ҳувият ва ифтихори миллӣ

Дар натиҷаи тағйироти куллие, ки дар даҳ соли охири асри XX дар ҷомеа ба амал омад, Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ташкил ёфт. Ба туфайли соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон омӯхтани таърихи ватан ва мақоми он дар ҷомеа то рафт меафзояд.

Дар иртибот ба раванди фарогири ҷаҳонӣ шудан Президенти Тоҷикистон нашри ҷаҳонии фарҳанги миллиро яке аз аслҳои бунёдии сиёсати давлатдории худ қарор дода, дар роҳи омезиши дастовардҳои таърих ва кунунии халқи тоҷик бо тамаддуни муосири башарӣ, равобити мутақобил ва муколамаи фарҳангҳо иқдомоти муҳиме анҷом дод. Баргузории рӯзҳои фарҳанг ва ҳунари кишварҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон ва Рузҳои фарҳанги Тоҷикистон дар мамолики дунё, аз ҷумла дар минбари фарҳанги ҷаҳонӣ - ЮНЕСКО, бузургдошти устод Рӯдакӣ дар Созмони Милали Муттаҳид бо ҳузури пажӯҳишгарони кишварҳои мухталифи олам,пахши барномаҳои се шабакаи телевизиони миллии тоҷик аз тариқи моҳвора ва ғайра дар заминаи маҷмуи тадбироте, ки ба ин муносибатхо ба амал пайвастанд, фарҳанги тоҷиконро бо чеҳраву сиришти миллӣ, бо арзишҳои умумиинсонии маънавӣ ва ҷойгоҳи баланди таърихиашон дар маҷрои фарояндҳои ҷаҳонӣ шудани тамаддуни башарӣ мақоми устувор бахшид.

Ба феҳристи мероси ҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО ворид шудани ёдгории қадимаи Саразм, ки таърихи панҷҳазорсола дар пушти сар дорад, низ амри муҳиме дар тавсеаи эътирофи ҷаҳонии фарҳанги миллӣ ва таърихи қадимаи тоҷикон шинохта мешавад. Феълан тавассути барномаи фаромиллии «Шоҳроҳи бузурги абрешим» омодагӣ ва корҳои пажӯҳишӣ ҷиҳати ба феҳристи ЮНЕСКО шомил намудани ҳашт ёдгории таърихиву фарҳангӣ: «Шаҳраки қадимаи Панҷакент», «Шаҳри

Бунҷекат», «Қалъаи Ҳисор», «Маъбади буддоии Аҷинатеппа», «Мадрасаи Хоҷа Машҳад», шаҳри «Тахти Сангин», «Шаҳри Ҳулбук», «Қалъаи Ямчун» дар арафаи анҷомёбист.

Иқдомоти бесобиқаи Президенти мамлакат дар ҳифозат, эҳё ва инкишофи мероси мусиқии классикии “Шашмақом” низ то ба ҳадди шомил гардидани он ба феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии ЮНЕСКО густариш пайдо намуд. Ин корсозиҳои мудаббиронаи кишвар пайваста бо дигар самтҳои сиёсат дар паҳнои ҷаҳон дар афзоиши зарфияти муқовимат дар муқобили ҷараёни пурмавҷи ҷаҳонӣ шудан қадамҳои муассире буд, ки фарҳанги тоҷиконро, ки бо таърихи шукуҳмандаш бозтоби комили ҳуввияти миллии эшон аст, дар чорроҳаи бархӯрди нерӯҳои мухталифи олами имрӯза ба дарёфти мақоми мустаҳкам ва саҳеҳу рӯшан тавфиқ бахшид.Таваҷҷӯҳи хоссаи кишвари мо ба ҳама ҷанбаҳои рушди фарҳанги миллӣ, аз адабиёту ҳунар то ба фарҳанги шаҳрсозиву шаҳрдориву хонаводагӣ, аз ақоиду одобу расму оин то ба арзишҳову дастовардҳои моддиву маънавӣ бо самтгириҳои саҳеҳи таърихиву замонӣ заминаҳои лозим ва муносибро бароиривоҷу равнақи он дар матни ҷаҳонӣ шудан фароҳам овард.

Дар дарозои сисолаи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти таълиму тарбия дар баробари ташаккули ҳокимияти сиёсӣ ва тарҳандозии низоми нави иқтисодии кишвар аз рукнҳои бунёдгузории давлатдории миллӣ шинохта шуд. Ҳамбастагии низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ, ин се омиле, ки пояҳои давлатдории навини тоҷиконро устувор гардонид, бо ислоҳоти фарогири соҳаи маориф пайвастагии комил пайдо намуд. Дар консепсияи эъмори ҷомеаи нав, ки тарҳрезӣ гардид, аз оғоз то имрӯз масъалаи маориф ва таҷдиди низоми омӯзишу парвариш, масъалаи тарбияти зеҳнӣ ва ахлоқии шахсият ба ҳайси омили муҳиме, ки заминаҳои пешрафти давлату миллатро фароҳам меоварад, аз аҳамияти хосае бархӯрдор буд. Чунон ки Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудааст: “Бояд дар назар дошт, ки муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба миён гузоштан ва ҳалли проблемаҳои ҷойдошта аҳамияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ дорад. Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯза яке аз проблемаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри ХХ1 мебошад ва ҳар яки моро водор месозад, ки ба он бо таваҷҷӯҳи хос ва масъулияти баланд муносибат намоем. Чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман, ноил шудан ба сатҳи ҷахонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад”. Ин аст, ки дар барномаҳои стратегии рушди мамлакат ислоҳоту пешрафти соҳаи маориф, аз кӯдакистонҳо то ба мактабу ҳунаристон ва мактаби олӣ, дар ҳама сатҳу самтҳои он мақоми махсус касб намуданд.

Барои ба низоми нави рушд ворид шудани осорхонаҳо, қабл аз ҳама, қабул шудани асноди ҳуқуқию меъёрӣ  шароитҳои заруриро фароҳам овард. Ҳалли бештари масоили марбут ба рушду такмили осорхонаҳо инъкоси воқеии худро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (с.1997) пайдо кард. Қонуни мазкур барои сифатан беҳтар намудани ҳифзу нигоҳдории сарватҳои фарҳангӣ ва маданӣ мавриди омӯзишу тарғиб қарор доранд.

Дар тӯли бист сол беш аз шаст санади меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шуданд ва ислоҳоти низоми таълиму тарбия дар ҳамоҳангӣ бо барномаҳои ниходҳои гуногуни давлативу ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамвора такмилу таҳаққуқ ёфт. Ҳанӯз соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ба ҳукми аввалин ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф дар вазъияти мураккабу душвори иқтисодиву сиёсӣ таҳия ва қабул гардид.

Дар ин қонун дастурҳои асосии сиёсати давлат дар самти маориф муқаррар гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи он заминаҳои мусоиди

ҳуқуқӣ ва сиёсӣ фароҳам оварда шуд. Моҳи августи соли 1995 мулокоти Сарвари давлат бо аҳли маориф баргузор шуд ва дар асоси дастурҳое, ки дар ин ҷаласа қабул гардид, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баъзе чораҳои пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии кормандони маориф" ва "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани шароити манзилӣ ва коммуналию маишии кормандони маориф" қабул гардиданд. Тавассути тадбирҳои мазкур манзилҳое, ки дар ихтиёри кормандони соҳа қарор доштанд, ба таври ройгон ба кормандони муассисаҳои таълимӣ, илмӣ, низомӣ, такмили ихтисос ва нашриёҳои омӯзгорӣ дода шуданд.

Аз соли 1993 ва баъд дар таълифот ва суханрониҳои хеш Эмомалӣ Раҳмон бо таҳлили амиқу муфассали паҳлуҳои гуногуни таълиму тарбия ва бо назардошти дурнамоҳои рушди мамлакат консепсияи ҷомеа таҷдид ва ислоҳоти низоми маорифи мамлакатро таҳия кард, ки роҳи саҳеҳ ва самаровари пешрафти мактабу маорифро таъйин намуд.

Ин консепсия мақоми таълиму тарбияи суннатӣ ва афзалияти омӯзиши фанҳои гуманитариро бо фарогирии усулҳои пешрафтаи таълим ва тафаккури техникии муосир муайян кардааст. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон «имкониятҳо ва заминаҳои маънавӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ, ки халқи мо дорад, таҳкурсии боэътимоде мебошад, ки мо метавонем, бинои тарбияи наслиояндаи кишварро дар заминаи онҳо бунёд кунем». Консепсияи рушди маориф аз назари муҳтаво ва дидгоҳҳои усулӣ равиши комилан наверо дар низоми таҳсилоти миллӣ ба вуҷуд овард. Дар ин замина роҳбари давлат масъалаи тақдирсози худшиносии миллӣ, маърифати таъриху фарҳанги миллатро дар пайвастагӣ бо дастовардҳои фановарии муосир дар ҷараёни таълиму тарбия ва роҳандозии ин консепсияро бо ҳама мушкилоташ дар тӯли бист сол пайгирӣ намуд.

Ҳар миллат ба василаи таълим ва тарбият фарҳанг ва ёдгориҳои маънавии худро ҳифз менамояд, дороиҳои он меафзояд, ба наслҳои

ҷадид интиқол медиҳад, идеалҳо ва ормонҳои ҳаёташро ба наслҳои баъдӣ мерос мегузорад. Аз назари Эмомалӣ Раҳмон таҳсил ва тарбияти комилу пурмоя ва самарабахш он аст, ки ба инсон шоистагӣ ва салоҳияти хосе медиҳад то ҳар амалеро чӣ инфироди ва чӣ иҷтимоӣ битавонад бо сидқи софу эътимоди комил, бо завқу салиқаи баланд ва оқилонаву моҳирона ба анҷом расонад. Вусъати назар дар тарбияти фикрии насли наврас то ҷоест, ки масъалаи таълими ҳадафманди таърихи кишвар, дарки масоили сарнавиштсози он, шинохти чеҳраи шахсиятҳои таърихӣ, бузургони инсонпарвар ва тараққихоҳи гузашта, ки мазҳари ифтихороти миллианд, аносири аслӣ ва ҳуввиятсози инсон ва ҷомеаи имрӯза ба шумор меравანд. Мактабу маориф ҷойгоҳест, ки маърифати қазияи “мо кистем, аз куҷоем ва аз паи чистем”-ро дар қаламрави андеша ва тафаккури миллӣ вусъати азим мебахшад, онро зиндаву гӯё муҷассам менамояд, бар пояи шинохти илмиву мантиқӣ ба неруи бузӯрги созанда ва ваҳдатофарини наслҳову замонҳо табдил медиҳад.

Президент роҷеъ ба такмили усулҳои таълиму тарбият сухан ронда, ҳануз соли 1996 таъкид карда буд, ки эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ аз донистани онҳо шуруъ мешавад. Ба ин хотир мо бояд тамоми низоми таълиму тарбияро дар мактаб бо дарназардошти ниёзҳои истиқлолияти давлат, самтҳои пешрафти ҷомеа, арзишҳои маънавию ахлоқии халқамон дар пайвастагӣ бо арзишҳои умумибашарӣ таҷдиди назар кунем.

Ин дастурҳо дар таъйиди моҳият ва рисолати таълиму тарбият дар замони нав дорои аҳамияти хос мебошад. Таълими дархӯри ғояву ҳадафҳои давлатдории миллӣ дар миёни донишҳои назарии хонандагон, воқеияти зиндагӣ, маънавиёту таърихи миллат ва авзои ҷаҳон пайванди табиӣ ба вуҷуд меоварад. Наҳзати ислоҳотхоҳона, ки дар кори мактабу маориф пеш гирифта шуд, бо равиши назариву амалии худ имтиёз дорад.

Аввалин тафовут ва афзалияти ин наҳзат моҳияти умуми миллии он маҳсуб мешавад. Сарвари давлат ислоҳ ва таҷдиди соҳаи маорифро дар чанд асл муҳим донистааст.

Дар партави ҳидоят ва дастуроти Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи ислоҳоти низоми маорифи кишвар, бознигарии меъёрҳои мавҷудаи таълиму тарбият дар ҷумҳурӣ ва таъйиди вазифаҳои аҳли маориф дар баробари воқеъияти замони муосир ба се нуқтаи муҳим ишорат бояд кард, ки дар муҳтавои ислоҳоти низоми маорифи кишвар дорои ахамияти хос мебошанд. Нуқтаи аввал ин ки таҳсил ва тарбият дар сиришти инсон бояд он тавонӣ ва қудратро парвариш диҳад, ки зиндагии шарафмандона, озодона ва одилонаро барои худ ва пайвандони худ мухайё сохта тавонад; нуқтаи дуввум ин аст, ки таҳсил ва тарбият бояд омили аслии эҳёи иқтисодӣ, илмӣ ва техникии миллат шинохта шавад ва дар анҷому иҷрои ин рисолат ҳамеша хушёру огоҳ ва собитқадам бояд буд; нуқтаи дигар ин аст, ки дар таҳсил ва тарбият бояд амалан шавқу шур ва даъвате нуҳуфта бошад, то ин ки ҳар фарде бо камоли эътиқоди фикрӣ ва салоҳияти касбӣ аз Ватан дифоъ намояд, дар рушди фарҳанг ва иқтисоди миллӣ саҳмгузор бошад ва ба шоистагӣ онро дар сатҳи ҷахонӣ муаррифӣ намояд.

Он чи ба таври мухтасар дар бораи ғояи меҳварии сиёсати фарҳангии Президенти мамлакат ва ибтикороти мабсути ӯ дар бозофаринӣ ва рушду такомули ҷузъҳои сохтори фарҳанги миллӣ зикр карда шуд, он матлабро мусаллам медорад, ки дар даврони дигаргуниҳои куллии таърих, дар даврони воқеан сарнавиштсоз дар баробари ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва низоми нави иқтисодӣ асосҳои фикрӣ, маънавӣ ва ахлоқии давлатдории миллӣ ва ҷомеаи нави шаҳрвандӣ бо таваҷҷӯҳи комилу фарогир ба дастовардҳои таърихи шукӯҳманд ва ормонҳои миллии тоҷикон бунёд нихода шуд.

Беш аз он дар миёни се омили иҷтимоӣ қудрати сиёсӣ, низомӣ иқтисодӣ ва фарҳанги миллӣ бар мабнои худогоҳии миллӣ ва худшиносии таърихии ҷомеа тавозун ва таносуби қавӣ густариш ёфт. Фарҳанги миллӣ дар ҳама ҷанбаҳои назариву амалии ҳастии худ ба роҳи эҳё, ба роҳи сарсабзиву шукуфоӣ, ба роҳи таҷаддуди арзишҳои таърихии миллӣ қадам нихода, роҳи тоҷиконро дар эъмори ҷомеаи навин бо ғояҳои хаётбахши миллӣ ва арзишҳои олии маънавият мунаввар намуд.

Бояд тазаккур дод, ки таҳти роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мо тавонистем ба ҷаҳониён исбот намоем,ки тоҷикон миллати куҳан ва дорои фарҳанги бою қадима мебошанд. Дар мамлакат дар фурсати начандон тӯлонӣ оташи ҷанг хомӯш ва буҳрони калони умумӣ паси сар шуд ва Тоҷикистони азиз рӯ ба эҳё ва тараққиёт ниҳод ва аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон эътироф гардид. Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро зиёда аз 130 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохта ва зиёда аз 100 давлати хориҷӣ бо кишвари мо муносибатҳои дипломатӣ дорад.

Даврони истиқлолият барои Тоҷикистони озоду демократӣ ва ҳуқуқбунёд марҳилаи назарраси таърихӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти моддиву маънавист. Ин марҳилаи сарнавиштсоз дар ҳаёти халқу кишвари мо аз ҷустуҷӯи роҳҳои рушду такомул оғоз ёфта, имрӯз ба марҳилаи таъйини ҳадафҳои миллӣ ва ормонҳои иҷтимоиву маънавӣ расидааст. Рушду нумӯи давлат, муҳити созгору бунёдкорона, пеш аз ҳама, ба тарбияи комили насли наврас марбут аст. Бидуни ҷавонони соҳибтарбия ва айни замон мутахассисони соҳибмаълумот наметавон ҷомеаи солим бунёд кард.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бе инкишофи фарҳанг давлат иқтисодиёти худро ғанӣ гардонида, сатҳи зиндагии мардумро низ баланд карда наметавонад. Бо ташкили Тоҷикистони соҳибистиқлол, сарфи назар аз мушкилиҳои давраи гузариш , дар

ҷумҳурӣ консепсияи давлатдорӣ оид ба рушти фарҳанг таҳия шудааст. Хусусан дар суханрониҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар назди зиёиёни мамлакат назария ва амалияи фарҳанг ба тариқи мушаххас муайян мегарданд. Ба қавли ӯ, дар шароити нави таърихӣ муваффақият ба онҳое бештар муяссар мегардад, ки такя ба илму фарҳанг карда, арзишҳои маънавии худогоҳиву ватанпарвариро тақвият медиҳанд, дар замири ҳар узви ҷомеа дарки зарурияти пойдории амнияти миллӣ ва давлатиро ба вуҷуд меоранд.

Иқдоми наҷиби навбатии пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - ин баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон № АП – 227, аз 7.07.22) мебошад, ки ҷиҳати тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон ва ҷавонон мусоидат хоҳад кард. Ин озмун ба ифтихори 115 – солагии академик Бобоҷон Ғафуров бо мақсади арҷ гузоштан ба таърихи пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаиҳои шоистаи ниёгон баргузор мегардад ва заминаи хубе хоҳад гашт дар самти тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон. Оид ба таҳқиқу омӯзиши осори маънавӣ – ахлоқӣ ва мавқеъҳои принсипии мардум дуруст қайд намуцдаанд И. Х. Каримова: «Дар шароити соҳибистиқлолӣ низоми маорифи Тоҷикистон ҳақ дорад арзишҳои ахлоқии таърихи гуногунрангу ғанӣ ва муосири худ, ақидаҳои инсондӯстона ва мавқеъҳои принсипии мардум ва олимону мутафаккирони бузурги гузаштаро талаб намояд» (И.Каримова, 7).

Ҳамин тариқ, моҳияти консепсияи аз баланд бардоштани сатҳи ҳувияти миллӣ ва ифтихори давлатдории сокинони ҷумҳурӣ, пос доштани муқаддасоти миллии халқи тоҷик иборат мебошад. Вазифаҳои азими муассисаҳои фарҳангию иттилоотии кишвар дар ибтидои қарни XXI ба шаҳрвандон фаҳмондани роҳи стратегии фарҳанг, аз ҷумла,

таблиғу тарғиб ва дар ҳаёт тадбиқ намудани супоришу фармонҳои Президенти малакат, ҳуҷҷатҳои Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат оид ба пешрафти ҳаёти иқтисодӣ дар асоси прогресси илмӣ-техникӣ ва мунтазам баланд бардоштани сатҳи маънавиёти шаҳрвандон мебошад.

Бо ин мақсад сарфи назар аз мушкилиҳои иқтисодӣ- техникӣ, дар солҳои соҳибистиқлолӣ мунтазам баргузории симпозиуму семинарҳо, фестивалу озмунҳо, мулоқот бо аҳли зиё, нашри китобҳои таърихӣ, намудҳои беҳтарини назму насри ходимони адабиёт, ташкили асарҳои рассомони ҷумҳурӣ дар кишварҳои хориҷӣ ба ҳукми анаъна даромадаанд. Маърифати таърих, худшиносии миллӣ, меҳанпарастӣ, ғуруру ифтихори миллӣ, арҷгузории суннатҳои фарҳангии миллӣ, эҳтиром гузоштан ва ҳифз кардани анъанаҳои таърихии ниёгон ва ҷойгоҳи ин арзишҳои маънавӣ дар ташаккули давлатдории миллӣ дар маҷмӯъ сиёсати фарҳангии Президентро дар худ таҷассум кардаанд, ки ҳадафи аслии он бар пояи асолати миллӣ устувор намудани ҷаҳонбинӣ ва мафкураи ҷомеа, бар пояи фарҳанги миллии тоҷикӣ бунёд ниҳодани низоми давлатдорӣ маҳсуб мешавад. Ибтикороти зиёде, ки дар ин замина сурат гирифтанд, бо азамат ва вусъати худ дар худогоҳии милливу таърихии тоҷикон, дар расидани онҳо ба ваҳдати маънавӣ, воқеан марҳалаи навинеро ифтитоҳ бахшид.

Дар шарҳи моҳияти сиёсати фарҳангии давлат Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз мулоқотҳои худ бо зиёиёни кишвар фармудааст: “Шинохту гиромидошти мероси фарҳангии ниёгон, ҳифз кардану ба манфиати ҷомеаи имрӯза истифода намудани мероси таърихиву фарҳангии халқ чун самти афзалиятноки сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст. Таҷлили санаҳои муҳим ва дурахшони таърихӣ, баргузории ҷашни олимон, адибон, ҳунармандони мумтоз аз самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумат дар соҳаи фарҳанг мебошад

Таҷлили ҷашни 2700 -солагии Авасто ва соли тамаддуни ориёи эълон шудани соли 2006 бо баргузории ҷаласаҳои бонуфуз, таҳқиқоти

илмӣ, нашри осор, таблиғоти фарогири моҳияту дастовардҳои тамаддуни ориёӣ ва мақому нуфузи он дар фарҳанги ҷаҳонӣ худҷӯиҳои таърихии тоҷиконро то ба оғозгоҳи фаранги маънавии онҳо амиқ бурд. Ин равиши таҳқиқ ва шинохти таърих, ки дар меҳвари он матолиби хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ қарор гирифта, давраҳои сарнавиштсози таъриху тамаддуни миллатро дар пайвастагӣ ба моҳияти маънавӣ ва сиёсиву иҷтимоии он ва иртиботаш бо равандҳои асосии таърихи умумиҷаҳонӣ равшан менамояд, дидгоҳи нави арзишгузорӣ ва маърифати таърихро ба ҳайси мактаби хосаи таърихнигорӣ падид овард.Дар шумули таҷлили санаҳои муҳим ва дурахшони таърихӣ тачлили 1100 -солагии Давлати Сомониён дар овони шаклгирии пояҳои давлатдории миллӣ як падидаи рамзӣ буд, ки дар шуури миллии тоҷикон андар шинохти моҳият ва рисолати давлатдории миллӣ намунаи олии ибратро аз таърихи гузаштаашон муҷассам намуд. Дар фосилаи омодагӣ ба ин ҷашн ниҳодҳои таблиғотии давлатӣ бо ҷалби донишмандону фарҳангиёни кишвар бо муаррифии вижагиҳои давлатдории Сомониён, шахсиятҳои барҷастаи ин даврони хуҷастаи таърихӣ ва мақоми онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ дар афкори мардум эҳсоси ягонагии сарнавишти таърихӣ ва ғуруру ифтихори миллиро аз нав барангехт.

Чеҳра ва сиришти милливу мардумии давлати тозаистиқлоли тоҷикон бо сабақандӯзиҳои таърихӣ асолати бештаре касб кард. Бузургдошти забон, фарҳанг ва таърих, ки мумтозтарин фазоили давлатдории Сомониён ва мазҳари ҳама корномаҳои эшон буд, аз оғоз дар тафаккури сиёсии сарвари давлат ҷойгоҳи арҷманд дошт ва ҷанбаи назариву амалии он давра ба давра тавсеа ёфт. Фақат ин матлабро таъкид бояд кард, ки ҷашни Сомониён ва ибтикороте, ки дар ин замина анҷом дода шуд, гардиши муҳиме дар шинохту маърифати таърих ба вуҷуд овард. Ва ин шинохт шинохти ҳамагонии миллӣ буд, ки то кунун таъсири файзбахши он дар сиёсати давлатдорӣ ва тафаккури таърихии ҷомеа амиқу муассир аст.

Ҷашнҳои пуршукӯҳи шаҳрҳои бостонии тоҷикон 2500 - солагии Истаравшан ва 2700- солагии Кӯлоб, ки дар гаҳвораи тамаддуни ориёӣ парвариш ёфтаанд, далели муҷассам ва барҷастаи решаҳои қадимаи миллати тоҷик ва пайванди тозаи ӯ бо гузаштаҳои дури таърихист. Маҷмӯи ибтикороти маъмуриву маърифатӣ, ки таҳти таваҷҷӯҳи хосаи Эмомалӣ Раҳмон бо ширкати сиёсатмадорону донишмандони хориҷӣ, намояндагони ҷумлаи форсигӯёни ҷаҳон ҷараён гирифт, ин шаҳрҳои куҳанро дубора ҷавон гардонид ва шуҳрати таърихиашонро дар ҷаҳони имрӯза дигарбора мунташир сохт. Чун аз пойгоҳи имрӯз моҳият ва пайомадҳои ин ҷашнҳои бузурги умумимиллиро ба андеша мегирем, ба сароҳат мебинем, ки ҳар кадоме аз онҳо дар худшиносии милливу таърихии ҷомеа макоми хос дошта, зинаҳои рушду такомули онро дар худ таҷассум кардаанд.

Бояд афзуд, ки дар тафаккури сиёсӣ ва ибтикороти Президенти мамлакат, ҳам дар андеша ва ҳам дар барномаи амали ӯ мақоми ҳофизаи таърихӣ бағоят қавӣ, нерӯманд ва фаъол аст. Ба ҳар муносибат ба таърих рӯ овардани Эмомалӣ Раҳмон, назари таърихӣ ба воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, дар партави таърих равшан кардани роҳи миллат ва суд ҷустан аз таърих, ба вижа ба як омили фаъоли рушди мамлакат табдил додани худшиносии таърихии миллат ниҳояти хирадмандии сиёсист.

Як падидаи ҷолиби назари таърихии он аст, ки ҳар сол ҷашни пуршукӯҳи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон баробар бо як ҷашни бузурги таърихӣ баргузор мегардад. Ҷашни 1100 солагии давлати Сомониён, Рӯдакӣ, ибни Сино, Фирдавсӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Имоми Аъзам ва дигарон пайваста бо ҷашни истиқлол таҷлил карда шуд. Дар сол баробар омадани ду ҷашни бузург ҷашни истиқлол ва як ҷашни таърихӣ бо барафзудани шукӯҳу ҳашамати ин ҷашнҳо решаҳои таърихии истиқлолият ва давлатдории миллии тоҷикон, пайванди ногусастании имрӯзу дирӯзи миллатро намоиш медиҳад. Пайванди устувори замонҳо яке аз қонунҳои асосии

рушду таҳаввулоти таърихист ва дар даврони истиқлол зуҳур кардани ин қонуният имкон фароҳам овард, ки миллат дар роҳи пешрафт, дар роҳи дастёбӣ ба ҳадафҳои олӣ бо иродати комил устувор қадам гузорад.

Дар ҷамъбати фасл бояд таъкид намуд, ки ҳеҷ ягон халқу миллат дар тӯли таърих бе фарҳанг пеш нарафтааст ва рафта ҳам наметавонад. Дар замони истиқлолият мо 1100-солагии давлати Сомониёнро ҷашн гирифтем ва соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ,2500 солагии Истаравшан, 2700-солагӣ шаҳри Кӯлоб, 2500-солагии Хуҷанд ва бо наздикӣ 3000-солагии Ҳисори шодмонро низ ҷашн мегирем. Ба фарзандони миллати халқи тоҷик додани унвони қаҳрамони Тоҷикистон ба мисли Бобоҷон Ғафуров, Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Ширишшоҳ Шоҳтемур аз дигар ибтикороти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Таълиму тарбияи насли наврас дар сиёсати Ҳукумати кишвар ҷойгоҳи арзандаеро соҳиб аст. Ҳукумати мамлакат аз солҳои аввали соҳибистиқлол гардидан маҷмуаи иқдомҳоеро ба сомон расонид, ки такмили низоми таълиму тарбияро самтҳои афзалиятнок ва вазифаи муҳимтарини сиёсати давлат эълон намуд. Сарвари давлат ҳанӯз соли 1995 заминаҳои иҷтимоӣ ва назарии таҷдиди соҳаи маорифро саҳеҳ муайян карда, вазифаҳои онҳоро чунин баён дошта буд: «…агар дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои мактабу маориф сухан ронданӣ бошем, таълиму тарбия ва ба камол расонидани чунин ашхос, насли дилсӯзу ғамхори Ватан, халқу ҷамъият, насле ки масъулияти фардои Тоҷикистонро ба дӯш гирифта тавонад, вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси системаи маориф аст».

Дар ин самт ба тасвиб расидани як қатор қарору қонунҳо доир ба соҳаи маориф, аз ҷумла қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қайд аст. Бо назардошти анъанаву суннатҳои арзишманди

миллии тоҷик Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи миллии тарбияро аз 3 марти соли 2006 қабул намуд. Он имкон медиҳад, ки тамоми аҳолии Тоҷикистон роҳҳои гуногуни тарбияро барои инсони комил будан интихоб ва амалӣ намоянд. Консепсияи миллии тарбия сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан, насли наврас муайян мекунад. Рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбияи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллидошта вобастагии амиқ дорад. Тарбияи шахсиятҳои баркамол ва дар айни замон тарбияи ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, дар суханронии Сарвари давлат таъкид шудааст: «бе дарназардошти ҳамаи навъҳои тарбия имконнопазир аст».

Яке аз унсурҳои таркибии тарбия, ки дар Консепсия омадааст, ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, тарбияи миллӣ, хештаншиносӣ мебошад. Пеш аз он ки ба таҳлили тарбияи миллӣ ва ё худ тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон бипардозем, бояд аввал бидонем, ки тарбия чист? Тарбия ин ҷараёни мураккаб, дурудароз, бефосила аст. Инсоният то даме, ки зинда аст, ба тарбия ниёз дорад. Тарбияи насли наврас нисбат ба таълим душвор ва мураккаб аст. Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский тарбияро «Муносибати мунтазами руҳии байни муаллиму талаба» номида, таъкид менамояд, ки дар тарбия чизи асосӣ ва ғайрасосӣ нест…Дар тарбия ҳама чиз муҳим аст». «Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд», омадааст дар Консепсияи миллии тарбия.

Барои мисол Осорхонаи маорифро низ овардан мумкин аст, ки ҳамчун маркази маърифатӣ мебошад ва дар он осори ҳама гузаштаю имрӯзаи маорифи Тоҷикистон маҳфуз аст. Осорхонаи маориф соли 1960

бо ташаббуси яке аз собиқадорони маориф, маорифчии боистеъдод, устоди касби худ Аҳмад Раҳимзода ва Вазорати маориф ташкил карда шудааст. Осорхонаи маорифи ҷумҳуриявӣ то соли 1996 ҳамчун муассисаи алоҳида амал мекард. Аз моҳи майи соли 1996 ҳамчун шуъба дар назди иниситути педагогӣ амал кард. Пас аз таъсисиёбии Академияи илмҳои педагогӣ яъне аз соли 2002 инҷониб Осорхонаи маориф ба зерсохтори Академияи илмҳои педагогӣ ворид карда шуд. Осорхона дар ташкил намудани осорхонаҳои мактабӣ, ҷамъоварии маводи зарурӣ барои ба тартибдарорӣ ва ҷобаҷогузории нигораҳои осорхона, ташвиқу тарғиби таҷрибаи пешқадами педагог, саҳмгузор аст.

Дар Осорхонаи маориф ба кори таҷрибаи пешқадам ва омӯзгорони навовар диққати ҷиддӣ дода мешавад. Барои мустаҳакам намудани заминаи иҷтимоию педагогӣ ва доимо онро аз маводи зарурӣ пурра намудани осорхона кормандони илмии он бо шуъбаҳои маорифи ноҳияю шаҳрҳои ҷумҳуриамон алоқа доранд. Осорхона дар давоми мавҷудияти худ ҳуҷҷатҳои зиёди нодир, амсила, аксҳоеро, ки тараққиёти маорифро инъикос менамоянд, гирд овардааст. Кормандони илмии осорхона бо гурӯҳҳои беҳтарини педагогӣ алоқаи зич барқарор намуда, ҳуҷҷатҳои ба даст овардаро таҳлили илмӣ намуда, кору сохтори маорифро ба таври бояду шояд ба омма мефаҳмонанд. Яке аз вазифаҳои асосии осорхона ташкил ва гузаронидани намоишҳои педагогии назариявӣ мебошад. Осорхона ба омӯзгорон, кормандони муассисаҳои томактабӣ, донишҷӯён баҳри омӯхтани таърихи маорифи халқ ёрии беғаразона мерасонад. Ҳар сол ба ба ин даргоҳ зиёда аз ҳазор нафар меҳмонон ташриф меоранд, ки як қисми онҳо меҳмонони хориҷӣ буда, дар китоби сабтҳо фикру дархост, хулоса ва таассуроти худро дар бораи фаъолияти осорхона ва ходимони илмии он қайд менамоянд.

Дар рафти фаъолият, таҳлил ва мушоҳида намудани кори Осорхонаи маориф осорхонаҳои мактабӣ ҳангоми сафарҳои хидматӣ доир мегарданд, ҳамчун объекти мушоҳида қарор мегиранд.

Кормандони илмии осорхонаба ҷавонони имрӯза паҳлӯҳои гуногуни кори осорхона ва аҳамияти тарбиявӣ доштани онро шарҳмедиҳанд. Ҳар як сӯҳбату вохӯрӣ дар осорхона чунон ба роҳ монда мешавад, ки ҷавонон аз ин вохӯриҳо баҳравар мегарданд, доираи ҷаҳонбинии худро васеъ менамоянд, аз ҷиҳати маънавӣ, тарбияи воқеӣ,мегиранд.

Ҳамзамон, қайд кардан лозим аст, ки Осорхонаи маориф аввалин осорхона дар Осиёи Миёна мебошад. Ҳамин гуна Осорхонаи маориф дар Ашқобод ҳам баъдтар кушода шудааст.

Марҳилаи аввали тарбия аз оила оғоз ёфта, марҳилаҳои минбаъда дар муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, мактаби олӣ ва минбаъд дар муҳити корхонаву муассисаҳо сурат мегирад. Тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ ин ҷамъи ақидаву ғоя, урфу одат ва анъанаҳои миллие мебошанд, ки аз ҷониби худи халқ дар давоми асрҳо ба миён омада, барои ташаккули ҷаҳонбинии шахс хизмат мекунад. Айни замон тарбияи миллии ҷавонон масъалаи хеле муҳим буда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии онҳо, дар ин замина боло бардоштани иқтисодиёти кишвар мақоми хоса дорад. Тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ бо истифода аз таҷрибаи насли калонсол дар ниҳоди хонандагон тақвият додани анъанаҳои миллии гузаштагон, масалан, одамият, эҳтироми калонсолон, меҳмондӯстӣ ва амсоли онҳоро дар назар дорад. Тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ ва хештаншиносӣ ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандон, ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳангии ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани анъанаҳои арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро дар назар дорад, таъкид шудааст дар Консепсияи миллии тарбия.

Бояд тазаккур дод, ки мазмун ва мундариҷаи тафаккури миллии тоҷикӣ, ки дар ҳоли ташаккул аст, қабл аз ҳама, дар асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» асоснок шудаанд. «Дар шароити кунунӣ мазмуну мундариҷаи андешаи миллӣ, пеш аз ҳама, аз сидқан дӯст доштани Ватан, гиромӣ доштани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, таҳкими давлати миллӣ, меҳнати бунёдкорона ба нафъи ҷомеа ва дар ин асос таъмин намудани зиндагии арзанда, барои шаҳрвандон фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ гаштани имкониятҳо ва истеъдоди зеҳнию ҷисмонии ҳар як фарди Тоҷикистон иборат аст».[147, с.57].

Миллат дар сурате ба сатҳи баланди хештаншиносӣ мерасад, ки таърихи гузашта ва сарватҳои фаровони маънавии онро пурраю мукаммал фаро бигирад. Вазифаи муқаддаси ҳар як омӯзгор бедор кардани ҳисси ифтихормандӣ аз миллати хеш дар ниҳоди шогирдон буда, барои ҳар як шаҳрванди тоҷик ифтихори миллӣ, ин пеш аз ҳама, таърихи бою ғании тоҷикон ба ҳисоб меравад. Густариши раванди худшиносӣ ва худогоҳии таърихӣ дар ҷомеаи тоҷикон замина барои эҷоди тафаккури миллӣ фароҳам овард, ки дар ҷавҳари он зарурати ваҳдату ягонагии миллӣ чун василаи пойдории озодиву истиқлол ва расидани инсон ба саодати зиндагӣ қарор дорад.

Тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ омӯзиши таърихи ниёгон, эҳёи анъанаҳои миллӣ ва меҳанпарастиро дар назар дорад. Вақте ки худро «тоҷик» меномем, вале аслу насаб, таърихи давлату давлатдорӣ, фарҳанги ниёгони худро намедонем, худро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ карда ҳам наметавонем. Файласуфи Юнони қадим Суқрот мегӯяд: «Худро бишнос». Воқеан ҳам то он вақте ки инсон худашро нашиносад, инсони комил шуда наметавонад. Дар ин хусус, зикри ақидаи Пешвои

миллат айни муддаост: «… инсон таърихи гузаштаи худро фаро нагирад, табиист, ки аз зоти худ, роҳи тайкарда, дастовардҳои сиёсиву фарҳангӣ ва бурду бохти мардумаш ноогоҳ монда, чун махлуқи одамсурат, вале бепарво, бемасъулият, бенишон умр ба сар мебарад» [132, с.175].

Шиносонидаи наврасону ҷавонон ба манфиатҳои миллӣ, худшиносӣ ва хидмати содиқона дар роҳи пешрафт ва ободии диёр масъулияти омӯзгорро дар назди имрӯзу ояндаи кишвар зиёд мекунад. «Рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта … вобаста аст.» [Конс.милл. тарб.]

Аз ин лиҳоз, тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон бояд чунин сифатҳои мусбат - ифтихори миллӣ, хештаншиносию ватандӯстӣ, ахлоқу одоби миллӣ, поквиҷдонӣ, эътиқоднокӣ ва шарафи миллиро ба вуҷуд ораду инкишоф диҳад. Баробари ҳамаи ин нисбати сифатҳои манфӣ - бефарқии миллӣ, ватанфурӯшӣ, хиёнат, миллатчигӣ, маҳалбозӣ, бевиҷдонӣ ҳисси нафратро бояд бедор кард.

Илми педагогика собит менамояд, ки тарбия аз рӯйи мақсаду вазифа ва мазмуну мундариҷа нисбат ба таълим муқаддамтару васеътар аст. Аз ҳамин сабаб тарбия аз таълим заруртару муфидтар мебошад. Асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳким бахшндани истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ дар наврасону ҷавонон мебошад. Муҳтавои ин методология дар Конститутсияи Чумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумот ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таъкид ёфтааст.

Дар солҳои баъди истиқлолият тарбияи сулҳдӯстӣ, ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ ва муроҷиат ба таърихи миллат ба ҷойи аввал баромадааст. Бояд гуфт, ки тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ аз ҷумлаи масъалаҳои асосӣ ва марказии педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ба ин масъала ҳам дар педагогика ва ҳам дар амалияи кори таълиму тарбияи насли наврас диққати калон дода мешавад.

Бояд гуфт, ки тарбияи худшиносии насли наврас дар ҳамаи давру замонҳо муҳимва рӯзмарра буду ҳаст. Таърихшиноси бузурги асри IX-и тоҷик Абулфазли Байҳақӣ ҳазор сол муқаддам гуфта буд: «Нахустин сифати инсони хуб бояд он бошад, ки зоти хеш бишносад, зеро чун зоти хеш бидонист, чизҳоро дарёфт, ҳар касе, ки хештанро натавонист шинохт, дигар чизҳоро чӣ гуна тавонад донист».[100, с.214].

Ҳамчунин мутафаккири бузурги форсу тоҷик Имом Муҳаммади Ғаззолӣ яке аз омилҳои маърифатнокии инсонро дар худшиносӣ дида, ва чунин гуфтааст: «ҳеҷ чизе арзандатар аз огоҳӣ нест, ҳеҷ ганҷе шоистатару волотар аз хирад нест, ҳеҷ ифтихоре ҷуз аз хештаншиносию доноӣ нест» » [3, с.48].

Имрӯз худшиносии миллӣ дар заминаи истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати комили мардумӣ рушд ёфта, дар пешрафти соҳаҳои мухталифи ҷомеа ва баланд гардидани сатҳи маънавияти мардум мусоидат мекунад. Тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, шинохти ягонагии худ нисбат ба миллат мебошад. Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар боби якуми «Тоҷикон дар оинаи таърих» – «Сабақҳои таърих ва озмоишҳои мактаби истиқлолият» таъкид менамояд, ки шахсе ки таърихи гузаштаи худро намедонад, ӯ худро нашинохтааст. «Худшиносӣ ва ифтихори миллӣ пойдевори бақои миллат мебошад. Миллате, ки забон, тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин ва арзишҳои фарҳангиро қадр намекунад,590 пояҳои истиқлолияташро низ чандон дер пуштибонӣ карда наметавонад».» [132, с.96].

Инчунин, дар ин замина сарвари давлат фикри худро тақвият дода, дар ҳама маҷлису тантанаҳо иброз медорад, ки: «Мо бояд ҳастии худ, қадру қимати миллатро хуб донем, худро бо миллат якҷо, ҳаммаром ва ҳамтақдир шуморем. Худро ҳамтақдири миллат донистан дараҷаи баланди худогоҳии инсон аст. Бе чунин дарку эҳсос шахс метавонад ба гирдоби бетафовутӣ ва беифтихорӣ ғарқ гардад. Дар ин сурат бешубҳа аз бузургтарин лаззат ва ифтихор, яъне аз ифтихору кайфияти ватандорӣ ва миллатдӯстӣ маҳрум мемонад».[Аз библиография] Пас вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як аҳли ҷомеа, бахусус, омӯзгорон ин бедор кардани ҳисси муҳаббати бепоён ба Ватан, эҳтиром ба таърихи гузаштаву имрӯзаи вай, эҳёи арзишҳои миллӣ, анъанаҳо, бедор кардани ҳисси дарки ифтихори миллӣ дар наврасону ҷавонон мебошад.

Ҳаракат дар масири истиқлол рӯз аз рӯз ниёзи ҳарчи бештари наврасону ҷавонони моро ба худшиносии воқеии миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ ошкор месозад. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ халқи мо тавонист саҳифаҳои таърихии деринаи пурифтихорашро зинда созад. Истиқлолият ин хештаншиносист ва дар раванди он мо аз суннатҳои маънавӣ ва бузургони гузаштаи худ дар китоби “Авасто” ва дар ақидаҳои олимону мутафаккирон ба мисли: Фирдавсӣ, Умари Хайём, Абӯвлӣ ибни Сино, Камоли Хуҷандӣ, Носири Хисрав, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, Имоми Аъзам, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва дигарон мебинем.

Чорабиниҳои бузурги таърихию фарҳангӣ рукни муҳим дар тарбияи мақеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон маҳсуб мешавад. Бо назардошти ин дар замони соҳибистиқлолӣ аз тарафи Ҳукумати мамлакат як қатор чорабиниҳои бузурги аҳамияти худшиносидошта баргузор гардид. Маҳз, барои боло бардоштани худшиносии миллат, машҳур намудани забон ва таъриху фарҳанги давлатдории тоҷикон Сарвари мамлакат ҷашн гирифтани 1100-солагии давлатдории

Сомониёнро пешниҳод намуданд, ки дар ҳақиқат ҳам даврaи Сомониён - давраи талошҳои худшиносӣ ва худсозиҳои миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон аст. Яке аз комёбиҳои баланди мо дар раванди худшиносии миллӣ ин ба таври ҷиддӣ ба масъалаи забони тоҷикӣ-давлатӣ рӯй овардан аст. Иқдомоти пай дар пайи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар мавриди амалӣ кардани Қонуни забон ва махсусан таваҷҷуҳи Сарвари кишвар барои инкишоф ва эътибори забони тоҷикӣ ба хубӣ нишон медиҳад, ки давлати Тоҷикистон ба сарнавишти забони миллати худ бетафовут нест ва ба камоли ҷиддият ва масъулият барои рушди он рӯ овард. Эълони соли 2009 ба унвони соли бузургдошти Имоми Аъзам - фарзанди бузургвори халқи тоҷик, бунёдгузори нахустин мактаби фиқҳи исломӣ як марҳилаи сифатан нав дар пешрафти худшиносии миллӣ, фарҳангӣ ва суннатӣ мебошад.

Тарбияи мақеи шаҳрвандӣ ё худ тарбияи худшиносии миллӣ худ аз худ ба амал намеояд. Яке аз роҳҳои бедор намудани ҳисси худшиносии миллӣ, пеш аз ҳама, беҳтар ба роҳ мондани таълими фанни таърих дар мактабҳои миёна ва олӣ мебошад. Дар ниҳоди хонандагон ва умуман насли ҷавон бедор кардани худогоҳии миллӣ ва ба онҳо омӯзонидани таърих ва маънавиёти гузаштагон вазифаи асосии устодон-омӯзгорон аст.

Дар байни қисми ҷавонон вуҷуд доштани маҳалчигӣ, ба дараҷаи фаҳмиши миллӣ нарасидан, мағрурӣ ва дар натиҷа таҳқир кардани миллати дигар аз надонистани таърихи худ, таърихи Ватан сар мезанад. Донистани таърих на танҳо хусусияти маърифатӣ, инчунин аҳамияти амалӣ-тарбиявӣ низ дорад. Дуруст мегӯянд, ки таърихдонӣ худшиносист, таърихдонӣ яке аз нишонаҳои маданияти баланди инсонҳост. Ин ҷиҳати илми таърихро ҳама вақт шахсиятҳои маъруф ва машҳури ҳар давру замон қайд карда буданд. Ҳар як шахс ба кадом касбу ҳунар шуғл дошта

бошад, бояд таърихи Ватани хеш, роҳи дар таърих тайкардаи халқашро бидонад.

Беэътиборӣ нисбат ба таърихи хеш ва аҷдод беҳурматӣ нисбат ба ҳастии хеш аст, Он ки таърихи хешро надонад ва гофил аз насаб бошад, эҳсоси худшиносиаш маҳдуду якҷониба бошад, ин нофаҳмӣ тадриҷан барои ташаккул ва такомули ҷаҳонбинии шахсият манфӣ арзёбӣ хоҳад шуд. Ҳамаи саҳифаҳои саршор аз диловарию фидокорӣ дар роҳи Ватану миллат, ҷидду ҷаҳди фарҳангсозиву тамаддунофарӣ барои ҷавонон имрӯз ҳам дарси хештаншиносӣ, дарси ибрат ва намунаи пайравӣ аст. Дар мисолҳои таърих наслҳои нав ба камол расиданд ва мерасанд. Лозим меояд, ки ба дастовардҳои гузашта такя карда, аз хубу бади воқеаҳои таърихӣ сабақ омӯхта, фардои Тоҷикистонро бунёд намоем. Агар ба гузаштаи халқу миллатамон бо чашми ибрат нигарем, мебинем, ки он пур аз талошу муборизаҳои гоҳо хунин ва гоҳо осоишта баҳри озодӣ, адолат, ҳақшиносӣ ва худшиносӣ мебошад.

Талошу муборизаҳои гузаштагонамон, ки дар таърих бо номи пешвоён ва саркардагонашон - Спитамен, Муқаннаъ, Шерак, Деваштич, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Восеъ ва ғайра ёд мешаванд, ҳама мубориза баҳри худшиносӣ, дифоъ аз номус, ном ва қадру эътибори инсонӣ ва миллӣ будааст. Аз ҳамин сабаб гуфтан ҷоиз аст, ки дар фазилати худшиносии мардум таъсири илми таърих басо бузург аст ва дар байни дигар илмхои инсонӣ илмеро, ки ба пояи илми таърих ва адабиёт расида бошад, наметавон ёфт ва бесабаб нест, ки Ситсерон таърихро мураббии зиндагӣ донистааст.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 - и ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд осорхонаи таъриху кишваршиносӣ таъсис ёфтааст. Дар он расмҳо ва маълумотҳо дар бораи аввалин намояндагони маориф дар ноҳияи Панҷакент, ки барои бартараф намудани маҳви бесаводӣ саҳм гузоштаанд, маҳсули косибони маҳал, ҳунармандиҳои занону духтарон, мавҷудияти олами ҳайвоноти маҳал ва растаниҳои

шифобахши маҳал маълумот фароҳам офарда шудааст. Дар солҳои 1925 - 1938 бо Қарори Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон баҳри бартарафсозии маҳви бесаводӣ ин маорифпарварон кӯшиш намудаанд. Бо мақсади анҷом додани корҳои тадқиқотӣ озмоишӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 - и ноҳияи Панҷакент, дар миёни хонандагони синфи 8 саволномаҳо тақсим намудем.

Хонандагон пас аз боздид аз осорхона ба саволҳо ҷавобҳои мушаххас ва бо далел медоданд. «Ба андешаи Шумо аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтихор доштан чи аҳамият дошта метавонанд?». Ба ин савол бисёр хонандагон ҷавоб доданд, ки «Одам донишманд менамояд», «Шахс боэҳтиром мегардад», «Аҳамияти калон дошта метавонад», танҳо Сухроб аз миёни хонандагон илова намуд, ки «Мо бояд аз шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон будан ифтихор кунем, чунки аввалин вазифаи муқаддаси мо барои ватан ин аст ва хизматҳои дигаре, ки барои мамлакати худ мекунем, барои ободии он зарур аст». «Шаҳрванд будан чӣ масъулият дорад?». Ҷавобҳо чунин буданд: «Бояд ҳар як инсон ватани худро дӯст дорад», «Дар миёни мамлакатҳои дигар арзишҳои давлати худро қадр намояд», «Ҳамеша дар фикри ободии давлат бошад». Ин озмоиш нишондоди он аст, ки осорхонаҳои мактабӣ ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон на танҳо таъсиргузоранд, балки дониш ва фаҳмиши онҳоро дар ин ҷода мукаммал ва мушаххас мегардонанд.

Имрӯз ҳар як хонанда, донишҷӯ бо кӯмаки амалии устодон таърихи Ватанро аз нигоҳи нав бояд омӯзанд. Дар рафти омӯзиш хонандагон ба омилҳои зерин: аз худ кардани таҷрибаи мусбати таърихӣ, таҳлили объективонаи мушкилиҳо, камбудиҳо ва каҷравиҳо дар гузашта ва равшан донистани вазифаҳои имрӯза ва ояндаи кишварамон диққати махсус диҳанд. Бо туфайли омӯзиши ин фан хонандагон ва донишҷӯён дорои тафаккури таърихӣ гардида, бо воқеият шинос шуда, аз камбудиҳои ҷиддии гузашта сабақ хоҳанд гирифт. «Омӯхтани таърих -

гуфтааст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон - ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад».

Барои пурсамар омӯхтани таърихи Ватан хонандагон ва донишҷӯён бояд маводи таърихӣ ва сарчашмаҳоро самаранок истифода баранд, дар ҷараёни дарс доир ба баъзе мавзӯъҳо филмҳои таърихӣ истифода шаванд, бо ҷойҳои таърихии ҷумҳурӣ шинос шуда, музейҳо, бойгониҳо, китобхонаҳоро низ васеъ истифода баранд. Вохӯриҳо бо арбобони давлатӣ, ходимони ҷамъиятӣ, олимон, адибон, собиқадорони ҷангу меҳнат низ аз аҳамият холӣ нест. Таълими таърихи Ватан воситаи тавонои тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ мебошад.

Фарҳанги гузаштаи мо фарҳанги ҳикматҳост,ҷавонони мо қисмати ин ҳикматҳоро медонанд, вале дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба кор намебаранд. Дар ҷараёни дарс мурод аз мисол овардани осори ниёгон дар он аст, ки дар пешрафти кори таълиму тарбия барқарор намудани хусусиятҳои миллӣ, нигаҳдории арзишҳои офаридаи гузаштагон, равнақу ривоҷи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, фаҳмиши арзишҳои умумибашариро тақозо менамояд. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, «мо фақат дар ҳамон сурат эҳтироми бузургонамонро комилан ба ҷо меорем, ки осори онҳоро омӯзем, фарзандонамонро дар рӯҳияи таълимоти онҳо тарбия кунем, фармудаи онҳоро дастури амал қарор диҳем, то ки оянда ҳам аз байни халқи мо рӯдакиҳо, фирдавсиҳо, бӯалиҳо, хайёмҳо, Мирсайидҳо ба воя расанду мо дар рушди тамаддуни башар саҳмгузор бошем». [131, с.78].

Ташаккули ватанпарастӣ, ки аз эҳтиром ба ҳокимияти давлатӣ, муҳаббат ба Ватан, ҳифзи манфиатҳои давлат, хизмат ба мақсаду вазифаҳои он иборат аст, масъалаи муҳими замони имрӯза мебошад.

Иҷрои ин вазифаи муҳим ба зиммаи шахсони бомаърифат, ки дониши чуқур, ҷаҳонбинии васеъ, ҳисси ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ доранд, вогузор аст.

Ҷамъияти бомаърифат ва аз ҷиҳати ғоявӣ бой ин кафили рушду нумӯи он, нигаҳдошт ва афзуннамоии мероси миллӣ, арзишҳои ватанпарастии миллат мебошад. Ҳалқе, ки ҳазорсолаҳо дорои маданияти бой буд, намегузорад, ки насли наврас аз илми пешқадами муосир, анъанаҳои ватанпарастӣ, арзишҳои маданияти миллӣ ва умумиҷаҳонӣ, техника ва технологияҳои нав бархурдор набошад.

Ба даст овардани истиқлолияти миллӣ боиси он гардид, ки мазмун, шакл ва мақсадҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ сифатан нав гардида, ба талаботу ҳадафҳои ҷамъият мувофиқ гардиданд. Дар ин ҷода рӯҳияи миллатчигӣ ва маҳалгарой, шикаста шуда, волоии унсурҳои рӯҳияи умумимиллӣ, фаъолнокии шаҳрвандӣ барои пешбурди миллат дар шароити ҷаҳонишавӣ ба мадди аввал баромаданд. Тарбияи ватанпарастӣ дар шароити имрӯза ҳамеша дар маркази диққати давлат ва ҷамъияти тоҷикон қарор дорад.

Ғояҳои ватанпарастӣ дар таърихи тоҷикон махсусан намоёнанд. Инро дар мубориза озодихоҳонаи ниёгони мо бар зидди истилогарони юнону мақдунӣ, арабҳо, қавмҳои туркзабон дар асрҳои миёна баъди истилои давлати муқтадири Сомониён, муғулҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Ба хотир меорем муборизаи қаҳрамононаи ачдодонамонро ба муқобили урдуи Искандари Мақдунӣ. Муаррихи Юнони қадим Арриан дар бораи қаҳрамонии мардуми шаҳри Ғазак, ки бозмондаҳои ин шаҳр дар болотари деҳаи имрӯзаи Ғазантараки ноҳияи Ғончӣ маҳфуз аст, чунин менависад: «…худи Искандар ба сӯйи шаҳри ба лагери худ наздиктарин ҳаракат кард, ки он Ғаза ном дошт. Мегӯянд, ки варварҳо (мақдуниҳо аҳолии маҳаллиро варвар мегуфтанд) ба ҳафт шаҳри гирду атроф пароканда шуданд. Кратерро ӯ ба сӯи шаҳри аз ҳама калони онҳо

Киропол (дар наздикии деҳаи имрӯзаи Куркат ҷойгир шуда буд) фиристод, ки дар он ҷо варварҳо бештар ҷамъ шуда буданд. Ба Ғаза наздик шуда, хост, ки ба воситаи нардбонҳои пешакӣ тайёршуда ба шаҳр ворид гашта, бо як муҳосира онро ишғол намояд...». Мутаассифона ин кор ба Искандари Мақдунӣ ба осонӣ муяссар нашуд. Мардуми шаҳр муқобилияти сахт нишон доданд. Ӯ шаҳрро хароб намуд.

Исёнҳои Спитамен бар зидди истилогарони мақдунӣ, Муқаннаъ алайҳи арабҳо, мубориза барои бунёди давлати Сомониён чун рамзи ватандорӣ ва эҳёи суннатҳои миллӣ, шӯриши Маҳмуди Торобӣ ва муборизаи қаҳрамононаи Темурмалик зидди муғулҳо мисолҳое мебошанд, ки суннатҳои ватанпарастии аҷдодони моро нишон медиҳанд. Бояд гуфт, ки бо афзуншавии муборизаи озодихоҳона дар ҳама давру замон ғояҳои ватанпарастӣ асоси моддӣ пайдо мекунанд ва ба яке нишонаҳои ватанпарастии давлатӣ, махсусан дар замони давлатдории Сомониён табдил меёбанд.

Бо ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як рукни сохтори низомии давлатии соҳибистиқлол тарбияи ватанпарастии ҷавонон дар зинаи нав қарор гирифт. Хизмат дар сафи ин сохтор яке аз қарзҳои муқаддаси шаҳрвандон мебошад. Ин раванд дар ҷавонон рӯҳияи ватанпарастию хештаншиносиро боло бардошта, ба он водор месозад, ки ҳимояи хоки муқаддаси Ватан, мардуми он, арзишҳои моддию маънавии офаридашуда аз амалҳои ҳаётан муҳим буда, кафили рушди мамлакат ва таъмини амнияту осоиштагии тамоми сокинони он мебошад.

Масъалаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар шароити имрӯза барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим гаштааст, зеро дар натиҷаи ихтилофҳои ҷамъиятии охири асри XX арзишҳо ва ягонагии миллӣ коста гашта, манфиатҳои соҳаҳои маориф ва маданияти миллӣ то андозае паст шуданд.

Бо дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи ҷамъияти демократӣ дар назди давлат ва ҳукумат на танҳо масъалаҳои тағйир додани сохтори сиёсӣ ва иқтисодӣ баромаданд, балки ҳамчунин вазифаҳои дигаргун кардани сохторҳои ҷамъиятӣ пеш баромаданд, ки соҳаи маориф аз қабили онҳо мебошад. Бо мақсади ин масъаларо ҳал намудан якчанд ҳуҷҷатҳои муҳими ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки мақсади онҳо дигаргун сохтани сохтор ва мазмуни таълим ва тарбия мутобиқ ба талаботҳои ҷамъняти демократӣ буданд. Дар ин асос метавон гуфт, ки воситаи муҳими ташаккули ҷамъияти демократӣ, мустаҳкамсозии ягонагӣ ва якпорчагии мамлакат ва ваҳдати миллӣ ин дар ҷавонон боло бардоштани ҳисси ватанпарастӣ мебошад. Дар бораи ғамхории давлат оиди тарбияи ватанпарастӣ қабули барномаҳои давлатӣ «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон дар солҳои 2001-2005» ва «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон дар солҳои 2005-2010» шаҳодат медиҳанд. Дар онҳо вазифаҳо ва роҳҳои асосии афзунсозии ҳиссиёти ватанпарастии ҷавонон муайян карда шудаанд. Ҳамчунин дар густариши тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон густариш додани сифатҳои ин ҷабҳаи тарбия қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи мактаби миллӣ», «Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии тарбияи», стандартҳои давлатии маълумоти умумӣ ва касбӣ мавқеи хоса доранд.

Бо мақсади тақвияти тарбияи ватанпарастӣ ва беҳтар намудани кори иттиходияҳои ҷамъиятӣ-сиёсии рӯҳияи ватандӯстидошта грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чудо карда шуданд, ки ғояи пешбар ва дурнамои ин барномаҳо тарбияи ҷавонон дар рӯҳи анъанаҳои ватандӯстӣ, дар онҳо ташаккул додани хисси миллӣ ва боло бардоштани фаъолнокии шахрвандӣ мебошанд.

Ватандӯст будан талаботи табиии одамон аст, ки қонеъгардонии он ҳамчун шароити инкишофи моддӣ ва маънавӣ, пайгирии тарзи ҳаёти инсондӯстӣ, дарк намудани анъанаҳои таърихӣ, миллӣ ва мадании ниёгон, муҳаббат ба Ватан ва фаҳмиши дурнамои демократии он дар замони имрӯза баромад мекунад.

Ватанпарастӣ дар наврасону ҷавонон ин зуҳуроти рӯҳӣ ва маънавӣ буда, муддати дароз, то даме ки ин мардум пойбарҷо аст, боқӣ мемонад. Вай асоси ахлоқӣ ва сиёсӣ, ҳиссиёти иҷтимоӣ бо мазмуни садоқат ба Ватан буду мемонад ва ҳар шахси ватандор аз дирӯзу имрӯзи худ ифтихор дорад ва доимо омода аст, марзу буми худро муҳофизат намояд. Ин ҳиссиёт қарнҳо дар дили мардум буда, дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолият нақш мебандад.

Ватанпарастии ҳақиқӣ аз рӯйи моҳияти худ инсондӯстӣ аст ва дар ниҳоди худ эҳтиром ба халқу мамлакатҳои дигар, анъана ва урфу одатҳои онҳоро ниҳон дорад ва бо маданияти муносибатҳои байнимиллӣ алоқаи зич дорад. Дар ин маънӣ ватанпарастӣ ва маданияти муносибатҳои байни миллатҳо бо ҳам тавъаманд буда, чун як воҳиди ягона баромад мекунанд. Ин муносибат сифати ахлоқӣ буда, талаботи содиқона хизмат кардан ба Ватан, нишон додани муҳаббат ва садоқат ба вай, дарки бузургии он ва кӯшиши муҳофизати шаъну шарафи онро дарбар мегирад ва дар ин замина бо меҳнат ва бозуи худ боз ҳам қувват додани тавоноӣ ва истиқлолияти онро нишон медиҳад.

Дар замони муосир саволҳои бешуморе оид ба масъалаи тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ ба миён омада метавонанд, ки ҷавоби худро талаб доранд. Тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, якҷоягии рафтори маънавӣ – ахлоқӣ ва навъи рафтор буда метавонад. Як намуди сифати таҳсилоте, ки талаботи хизмат ба ватан, ифода намудани муҳаббат ба он, дарк ва кӯшиши болоравии шӯҳрат ва шон, муҳофизат ва эҳтиёти он, эҳсоси руҳан алоқаманд будан бо ватан ва бо фаъолияти пурсамар обод ва эҳтиёт намудани истиқлолияти ватанро дар худ

дорад.Бо ақидаи муҳаққиқ Маҷидова Б мувофиқем, ки гуфтааст: «Дар хонандагон инкишоф додани муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз он, шаҳрвандӣ, мавқеи фаъоли ҳаётӣ, дарк намудани қарзи худ дар назди ҷамъият бисёр муҳим аст»» [59, с.78].

Муҳаббат ба Ватан вақте мустакҳкам ва қувваи бузурги руҳ мегардад, ки дар тафаккури хонанда шаклҳои мушаххаси вобаста ба кишвар, забон нақш бастаанд ва аз дидани онҳо эҳсосоти наҷибе ӯро фарогир мегардад. Эҳсос намудани он, ки ин Ватани ман аст, ифтихори ман аст!

Асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавононро дар мактаби муосир арзишҳои маънавӣ – ахлоқии миллӣ ташкил медиҳанд. Ҷавҳари тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар шароити имрӯза рушду инкишофи эҳсоси шахсият, дарки масъулият, ки дар асоси арзишҳои инсондӯстонаи миллати худ шакл гирифтаанд, ба шумор меравaнд. Баъзан ба ҷойи тарбияи коллективӣ ғояҳои тарбияи фардӣ, худпарастӣ роҳ меёбад, ба ҷойи тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ, тарбияи космополитизм, эҳтиром накардани таърихи Ватан ва халқи худ таблиғ мегардад. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки мафҳуми «тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ», «ифтихори шаҳрвандӣ» дорои тобиши манфӣ мегирад. Вале агар мо кишвари худро ҳифз кардан хоҳем, агар бузургӣ ва амонии онро хоҳем, ба мо лозим аст, ки ба таври ҷиддӣ муносибати худро ба тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дигар кунем ва рушду такомул диҳем.

Яке аз равишҳои асосии тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон он аст, ки тарбияи хонанда бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки ба таври ҳамешагӣ кӯшиши кӯмак расонидан ба шумораи ҳарчи бештари одамонро фаро гирад. Дар асари « Таърихи педагогикаи халқи тоҷик » Авзалов, Х.
чунин навиштааст: «Дар сурате, ки ҳама хоҳиши ба нафъи ҷамъият кор ва фаъолият кардан доранд, дар он сурат ҳолати рушду нумуъ ва шукуфоии ҳам корҳои шахсӣ ва ҳам ҷамъиятӣ фаро мерасад» » [3, с.34].

Имрӯз мафҳуми Ватан маънии амиқ касб кардааст. Ҳоло зарурат пеш омадааст, ки ба таърихи гузаштаи халқ бо чашми ибрат нигарем, воқеаву ҳодисаҳои замони ҳозираро дуруст дарк намоем ва ба оянда бо ҳисси масъулиятштносӣ ва таҷрибаҳои таърихӣ қадам гузорем.

Ҳар инсони соҳибфарҳанг таърихи халқу сарзаминашро бояд амиқу муфассал донад. Онҳое, ки таърихи халқи худро намедонанд, аз лаззати ҳисси ифтихори миллӣ маҳрум мешаванд ва зуд асири фарҳангҳои дигар мегарданд. Таърих исбот кардааст, ки истилогарон натанҳо аз пайи ғорати молу ашё мешаванд, балки мекӯшанд, ки рукни муҳимтарини ҳастии миллат, яъне забону фарҳанг, аз ҷумла, фарҳанги моддии онро аз байн бурда, пояҳои маънавии давлатро хароб созанд.

Тавре дар “Консепсияи миллии тарбия” омадааст: «Тарбияи миллӣ ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъанҳои арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад. Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Баҳри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад»» [33, с.16].

Яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои таълимӣ, тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ ва ҳисси ватандӯстии хонандагон мебошад. Аз ин хотир, ин вазифаи пурмасъул аввал бар дӯши омӯзгор вогузор шудааст.

Вазифаи асосии омӯзгор, тарбияи ҳисси ватандӯстии насли наврас, яъне бедор кардани ҳисси эҳтиром ба ниёгон, муҳаббат ба Ватан ва халқи худ, ҳифзи суннатҳои мардумии кишвари худ, ташаккули ҳисси

худшиносии миллӣ дар ниҳоди донишомӯзон мебошад. Бидуни Ватан, ҳуввият ва шахсият инсон вуҷуд доштанаметавонад. Бо аз даст додани Ватан инсон ҳастии худ ва чеҳраи шахсияшро гум мекунад. » [4, с.38].

Дар ботини ватанпарасти асил ҳисси масъулиятшиносӣ дар назди Ватан, шаҳрванди комил будан рушди бештар ёфта, мафҳумҳои миллат, шараф, эътибор, қудрат ва Истиқлолияти Ватан маъниҳои амиқ касб мекунанд.

Вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза имкон медиҳад, ки ҷамъият ба раванди тарбияи мавқеи шаҳрвандии насли наврас таъсир расонад. Имрӯзҳо, махсусан, дар раванди тарбия худшиносии миллӣ, шахсӣ ва ҷамиятии ҷавонон боло рафтааст. Рушди афкори ҷамъиятӣ зарурияти нигоҳи навро ба раванди тарбияи ватанпарастӣ дар сатҳи сифатан баланд водор сохта истодааст. Дар тӯли 32 соли Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистои асосҳои давлати демократӣ бунёд ёфтанд. Дар натиҷаи ин сохтмони ҷамъияти шаҳрвандӣ бомуваффақият идома дорад, ки дар он ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд кафолат дода мешавад. Дар ин замина дар соҳаи маориф, ки кафили таълиму тарбия, аз ҷумла тарбияи ватанпарастӣ мебошад, дигаргуниҳо ба амал омаданд. Ин тағйиротҳо ба инсондӯстӣ, ғояи миллӣ ва арзишҳои демократӣ асос ёфтаанд. Шахсияте, ки имрӯз тамоми сохторҳои маориф, аз ҷумла мактабҳои олии касбӣ тарбия мекунанд, ватандӯсти асил буда, ҳамчун шаҳрванд барои пешрафти ҷамъияти тоҷикон саҳмгузор мешаванд. Ҳамин тариқ, ватанпарастӣ дар худ чунн ҷиҳатҳоро ниҳон дорад: муҳаббат ба он маконе, ки инсон таваллуд ёфта ба воя расидааст; муносибати эҳтиромона ба забони халқи худ; ғамхорӣ дар ҳаққи Ватани худ; дарк намудани ҳисси масъулият дар назди Ватан, ҳифзи шаъну номус, озодӣ ва истиқлолияти он; нишон додани ҳисси шаҳрвандӣ ва садоқат ба Ватан; ифтихор аз дастовардҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, варзишӣ ва

фарҳангии мамлакати худ; муносибати эҳтиромона ба таърихи миллату халқи худ, урфу одатҳо ва анъанаҳои вай; масъулият дар тақдири Ватан ва халқи худ, оянидаи онҳо, ки дар меҳнати фидокоронаи худ барои мустаҳкам намудани тавоной ва рушду нумӯи он ифода меёбад; инсондӯстӣ, раҳмдилӣ, ҳифзи инсон ва арзишҳои умуминсонӣ. Ташаккули ин сифатҳои номбаршуда ҳамчун нишони ватандӯстии асил зина ба зина аз овони кӯдакӣ то ба дараҷаи инсони комил расидан амалӣ мегарданд. Вобаста ба ин, ватанпарастӣ дар фаъолнокии иҷтимоии шахс, ки ягонагӣ ва якпорчагии Ватан ва ваҳдати миллати худро дарк мекунад, ифода меёбад.

## 1.3. Принсипҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ

Яке аз вазифаҳои асосӣ дар кишвари соҳибистиқлоламон дар шуури ҷавонон бедор кардани ҳисси ватанпарварӣ, ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Дар Низомномаи осорхонаи мактабӣ чунин баён шудааст «Мақсади асосии ташкил намудани осорхонаҳои мактабӣ баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбияи хонандагон ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва меҳру муҳаббат доштан нисбати осори ниёгонамонро дар бар мегирад»

Оре, омӯзиши таърихи гузашта ва имрӯзаи кишвар ба наслҳои ҷавон имконият медиҳад, ки бо ҳаёти гузаштагонамон саҳеҳтар шинос шаванд ва маълумоти мукаммал ҷамъ оваранд. Рисолати осорхонаи мактабӣ, гирдоварӣ, омӯзиш, ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихӣ, таҳқиқи осори гузаштаи халқамон мебошад. Дар баробари осорхонаҳои давлатӣ, осорхонаҳои мактабӣ низ мақоми махсус доранд. Таъсиси осорхонаҳои мактабӣ яке аз вазифаҳои пуршарафи муассисаҳои илмӣ, созмонҳои мактабӣ мебошад. Давоми солҳои охир дар ҷумҳуриамон осорхонаҳои мактабӣ зиёд шуда истодаанд, ки ин падидаи хеле хуб аст.

Осорхонаи мактабӣ яке аз омилҳои боэтимоди сарчашмаи дониш мебошад. Дар пешрафти таълиму тарбия ва инкишофи ҷаҳонбинии ҷавонон кӯмаки амалӣ мерасонад. Ба муаллимони фанҳои таърих, кимиё, биология, ҷуғрофия, адабиёт имконият медиҳад, ки аз амсилаю нигораҳо, расму ҳуҷҷатҳои осорхона дар дарсҳои худ ҳамчун аёният истифода баранд. Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон нисбати арзишҳои таърихии халқи тоҷик чунин иброз намуданд: «Омӯхтани таърихи халқамон на танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушду такомули таърихи наслҳои оянда хизмат мекунад»

Таҷрибаю мушоҳидаҳои чандинсола нишон медиҳанд, ки осорхонаҳо, дар ҳақиқат, дар таълим ва тарбияи ҷавонон нақши намоёнро мебозанд. Ҳар як осорхонае, ки дар мактабҳои миёна созмон дода шудааст, мувофики нақша-чорабиниҳое, ки аз тарафи сарвари мактаб тасдиқ шудааст, амал менамояд. Масалан, осорхонаи мактаби рақами 82-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки ба номи устоди бузурги назми тоҷик Мирзо Турсунзода бунёд карда шудааст аз се ҳуҷра иборат буда, маводҳои он аз чордаҳ қисмат иборат аст. Ҳар як қисмати толор аз соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти шоир маълумот медиҳад. Амсилаю нигораҳои осорхона тамошобинонро бо зиндагию фаъолияти шоир аз наздик ошно месозад. Дар осорхона инчунин аксҳои Мирзо Турсунзода бо ҳамроҳии шоирон, олимони шинохта, китобҳои ба забонҳои халқҳои ҷаҳон чопшудаи шоирро дидан мункин аст. Дар осорхона ҷавонон бештар бо тарзи ҳаёт ва фаъолияти шоир аз наздик шинос гашта, савияи дониши худро нисбати фарҳангу адабиёти тоҷик инкишоф медиҳанд.

Хушбахтона, тайи солҳои охир якчанд осорхонаҳои мактабӣ таъсис дода шуданд. Масалан, соли 2008-ум осорхонаи адабию таърихии мактаби миёнаи рақами 6-и ноҳияи Ҳисор ба номи Ҳабибулло Назаров ба фаъолият шуруъ намуд. Қисмати аввали толор ба ҳаёт ва фаъолияти шоир бахшида шуда, аз мизи корӣ, мошинкаи чопкунӣ, либосу ҷевон ва тӯҳфаҳои ӯ гирд оварда шудаанд. Қисмати дуюми толор расму амсилаҳо, китобҳои шоиру нависандагони муосир бахшида ба 100-солагии нависанда, мақолаҳои илмӣ, дастхатҳо, китобҳои шахсӣ, гирд оварда шудаанд. Асарҳои адиб барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиию донишандӯзии хонанагону динишҷӯён ва таълиму тарбияи онҳо нақши муҳим мебозанд. Нигораҳои осорхона ба омӯзгорон ҳамчун воситаи аёнӣ заруранд, чунки хонандагон дар давоми дарс аз маводҳои осорхона баҳравар гашта, бо воқеаҳои таърихии кишвар, аҳли илму адаб аз наздик шинос шуда, дар мавзуъҳои гуногун суҳбатҳо, маърӯзаҳо, рефератҳо

навишта ҷаҳонбинии худро васеъ менамоянд. Дар соли 2010 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами №6-и ноҳияи Ҳисор осорхонаи таърихию кишваршиносӣ бунёд карда шудааст, ки он аз ороиши занона, гулдӯзиҳо, кулолгарӣ зиёда аз 1000 нигораҳои гуногуни адабию таърихӣ иборатанд. Ҳайати осорхона аз 17 нафар хонандаи беҳтарин иборат буда, ба кори Шӯрои осорхона ва фаъолияти он кӯмак менамоянд. Нақшаи солонаи кори осорхона аз тарафи сарвари мактаб тасдиқ гардидааст. Осорхонаи мактаби миёнаи №44-и деҳаи Бобо-Сурхони ноҳияи Ҳисор ба хотири устоди варзиш, Мураббии Шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Абдулло Муродов созмон дода шудааст. Ин амали нек танҳо барои зинда нигоҳ доштани хотираи неки бузургон, идома додани таҷрибаи бои гузаштагон, дар ҳисси ҷавонон бедор намудани эҳтиром нисбат ба шахсиятҳои арзанда мебошад.

Дар тамоми давраи тараққиёти худ сохтори таълим, ба мисли дигар қисмҳои тарбия, ба тарбияи техникии ҷавонон низ аҳамияти махсус медиҳад. Аз ҳал намудани роҳҳои тарбияи техникӣ чи гуна будани ҷамъияти ояндаи наздик, дорои чи гуна хислатҳои касбӣ будани насли ҷавон шаҳодат медиҳад. То ба имрӯз мо ба ақидаҳои марксистӣ-ленинӣ такя карда, кӯшиш менамудем, ки насли ояндаро дар рӯҳи коммунистӣ тарбия намоем, акнун, ки мо мехоҳем, ҷамъияти демократии ҳуқуқбунёд, дунявӣ созем, мо бояд ҷавононро дар рӯҳияи инсонпарварию инсондӯстӣ, ҳуқуқҳои худро донистану ҳимоя карда тавонистан ва барои шахси зарурӣ будан дар ҷомеа тарбия карда тавонем. Коллективҳои педагогӣ кӯшиш менамоянд, ки масъалаҳои тарбияи техникии ҷавононро бо роҳҳои гуногун дар ҳаёт татбиқ намоянд. Аз ин рӯ, таълим дар мактаб бо маҳфилҳои гуногун, ташкили мӯзейҳои мактабӣ, машғулият дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ ва ғайра алоқаманд карда мешавад, зеро яке аз қисмҳои таркибии кори

тарбияи ахлоқии ҷавонон онҳоро ба касби оянда тайёр намудан мебошад.

Таълимгоҳ дар алоқамандӣ бо оила бояд дар ҷавонони мо ҷаҳонбинии демократӣ, хислатҳои инсондӯстию ватанпарварӣ ва росткорию ростгӯй, ҳурмат ба меҳнати одамон, муҳаббат ба модар, бо ҳама чизҳои хубу зебо, зарурию муҳим, ба вижа муносибати дуруст карда тавонистан бо асбобҳои гуногуни техникӣ, ки дар ҳаёти ҳаррӯза вомехӯранд, бояд тарбия намояд.

Шахсони ҷомеаи ҳуқуқбунёд, ки мо ба сӯи он рафта истодаем, бояд ба маълумоти баланди техникӣ, ҷаҳонбинии васеъ, ки ба ҷамъият лозим аст, мусаллаҳ бошанд.

Тайёр намудани ҷавонон ва роҳнамоии онҳо ба касби дӯстдошта кори бисёр душвор буда зина ба зина сурат мегирад. Он тарбияи меҳнатӣ, инсонпарварӣ, тарбияи коллективона, ростию росткориро дар бар мегирад ва ҳар яки ин қисмҳои таълимӣ равандҳои илмӣ-тадқиқотии худро дар тарбияи техникии ҷавонон ба касби оянда зарур мешуморад. Нақши асосиро дар тарбияи меҳнатию техникии ҷавонон коллективҳои меҳнатие, ки сарпарастии ягон таълимгоҳро ба уҳда доранд, мебозанд. Онҳо ба хонандагон дар интихоб ва омӯхтану эҳтиром кардани ин ё он касб роҳнамо мешаванд. Ҷавонон доир ба касбҳои гуногун тассавурот пайдо карда, бо роҳбарии педагогон ва мураббиёни худ маводи заруриро ҷамъ намуда, нозукиҳои ҳар як касбро ҳис намуда барои ҳар як корро аз таҳти дил иҷро намудан, омода мешаванд.

Масалан, ҳангоми тамошои музей роҳбаладӣ ҷавонон,ки корманди музей аст, онҳоро бо таърихи маориф шинос менамояд. Дар бораи касби пуршарафи муаллимӣ маълумот медиҳад ва онҳоро бо меҳнати пурсамари муаллимони беҳтарин ва ифтихорӣ будани касби муаллимӣ, ҷойи онҳо дар ҷамъият шинос намуда, нозукиҳои ин пешаро баён менамояд ва бад-ин тартиб касби муаллимиро дар зинаи баланд

бардошта, дар дили ҷавонон нисбат ба ин касб ҳисси муҳаббату эҳтиромро бедор менамояд. Аз сӯйи дигар, ӯ ба ҷавонон чӣ гавр аз асбобҳои таълимии дар қисматҳои музей мавҷуд буда истифода бурда тавонистанро мефаҳмонад, ки аксар вақт, баъди чунин суҳбатҳо, он боиси интихоб намудани касби муаллимӣ аз тарафи ҷавонон мегардад. Қисми дигари ҷавонон дар рафти дарс ба рафтору гуфтори муаллим тақлид намуда, орзуи «Муаллим» шуданро дар худ мепарваранд.

Ё мисоли дигар, ҳангоми вохӯрии ҷавонон бо кормандони заводи «Тоҷиктекстилмаш» онҳо ба як дунёи пурасрори техникию дизелӣ ворид мешаванд. Челонгари собиқадори ин завод Идиев Ҷумъахон ҳар сол ба садҳо ҷавонон касби челонгариро меомӯзонад ва аз ин касби пуршарафи худ фахр менамояд. Ҷавонон бо кори челонгарону дуредгарон шинос гашта, дар амал мебинанд, ки чӣ тавр ба воситаи техника аз хок оҳан пайдо мегардад ва аз он иншоотҳои гуногун месозанд ва, махсусан, дар хоҷагии халқ васеъ истифода мебаранд.

Асосҳои  мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон яке аз шаклҳои баёни талаботҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ғоявӣ буда, дар шароити имрӯза мазмуни дӯст доштан ва хизмат намудан ба Ватанро дорад. Моҳияти ин талаботҳо таъмини ягонагии манфиати инсон, коллектив, муносибати байни одамон дар ҷамъият, давлатро ифода мекунад, равиши фаъолияти инсонро муайян меамояд ва дар асоси меъёрҳои мушаххаси рафтор ҷой дорад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ин хусусиятҳо асоси умумӣ дошта, тамоми фаъолияти одамонро фаро мегиранд, асосҳои маданияти муносибати байниҳамдигарии онҳоро, ки дар раванди тӯлонии тараққиёти таърихии ҷамъият офарида шудаанд, мустаҳкам менамоянд. Дар ин ҷода шартҳои асосии миллӣ-идеологӣ, ҷамъиятӣ-давлатӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, нақши Осорхонаи Маориф дар тарбияи инсонпарварии ҷавонон ва тайёр намудани онҳо ба касб

интихоб кардан кам нест. Масалан, мо музеи мактаби миёнаи №1-и шаҳри Норак ва гӯшаи «Норак, шаҳри ҷавонии мо» -ро, ки бо ёрии Осорхонаи маориф ташкил карда шудааст, ки ёдовар мешавем, ки амсилаҳои аҷоиби музей ҳаёти ҳаматарафаи сохтмони НОБ - и Норакро нишон медиҳад. Дар ин музей қисмҳои «Имрӯзу ояндаи шаҳр», «Норакиҳо - иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ», «Норак дар амали рассомону нависандагон» ва монанди инҳо мавҷуданд, ки дар ҷавонон хусусиятҳои мушоҳидакорӣ, ҳозирҷавобӣ, ифтихормандиро бедор месозанд. Дида тавонистани имрӯзу фардо, амали кори сохтмончиён, дӯстию инсонпарварӣ, ҳурмат нисбат ба одамон, аз ҷумла миллатҳои дигар, ки дар сохтмони НОБ иштирок карда буданд, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, ҳурмату пайравӣ ба касби сохтмончиёну бунёдгарони НОБ-и Нораку Роғун ва НОБ-и Сангтӯдаро бедор менамоянд. Бесабаб нест, ки аксарияти хонандагони ин мактабҳои ноҳияҳо баъди хатми он дар сохтмони иншоот ба кор дохил шуда, касбҳои гуногуни сохтмонию техникиро интихоб карда, адои касб менамояд. Дар тарбияи дурусти ҷавонон бояд ҳама якҷоя – ҳам оила, ҳам донишгоҳу мактаб, ҳам ҷамъият иштирок намоянд. Дар тарбияи дурусти техникии чавонон, инчунин, бисёр фанҳо ба мисли: ҷамъиятшиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ, нучум, риёзиёт кимиё ва ғайраҳо аҳамияти калон доранд, зеро онҳо ҷавононро ҳаматарафа тарбия намуда, бо донишҳои техникӣ мусаллаҳ, менамоянд. Дар раванди тарбияи техникии ҷавонон ва тайёр намудани онҳо ба касби интихобкарда як қатор корҳои илмӣ - тадқиқотие, ки аз тарафи олимони Академияи таҳсилот, кормандони илмии Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ ба анҷом расонда шудаанд, истифода мешаванд. Аз ин мебарояд, ки ҳал намудани як қатор масъалаҳои тарбиявии ҷавонон ба шароитҳои педагогие, ки истифодаи онҳо амалӣ бояд бошанд, сахт вобаста аст. Дар тарбияи техникию касбомӯзии ҷавонон фаъолияти муассисаҳои беруназмактабӣ низ кам нестанд.

Тарбияи инсонпарварӣ ба воситаи муассисаҳои беруназмактабӣ на танҳо ба педагог вобаста аст, балки дар он бояд тамоми гурӯҳи таълимгоҳ иштирок намояд. Комёбӣ дар тарбияи чавонон ҳамон вақт чашмрас мегардад, ки дар назди ҷавонон мақсад ва вазифаҳои худтарбиякунӣ, шароити аёнии тарбияи одамдӯстӣ фароҳам бошад. Тарбияи чавонон ва тайёр намудани онҳо ба касби интихобкарда кори ҳаррӯзаю доимӣ ва ҳаматарафа мебошад. Ба тарзи дигар, ҷараёни тайёр намудани ҷавонон ба касби оянда дарозу тӯлонию пурмашаққат буда, барои ба максад пурра ноил гаштан, бояд корҳоеро ҳал намуд, ки ҳалли дурусти онҳо ба ояндаи ҷавонон вобаста бошад. Аз суханони дар боло гуфта шуда маълум мегардад, ки дар тарбияи техникию инсонпарварии ҷовонон нақши осорхонаҳо низ кам нест. Ҷавонон бо воситаи осорхонаҳо тарбия гирифта, ҳаматарафа ташаккул меёбанд, зеро осорхонаҳо бо тарзи номаълум якчанд мақсадҳои тарбиявӣ, алалхусус, тарбияи ахлоқиро ҳам иҷро менамоянд. Масалан, агар ҷавонон ба воситаи осорхонаи маориф бо гузаштаю имрӯзаи таърихи маориф шинос гашта, меҳнати муаллимону олимони ҷумҳуриро қадр намоянд, пас ба воситаи музеи мактаби миёнаи № 32-и шаҳри Душанбе, бо меҳнати пурмаҳсули марди деҳқон, коргарони заводи нонбарорӣ, ҳолати кор дар назди дегдони нонбандию нонҳои суп-сурхро канда гирифтан, аз воситаҳои техникӣ истифода бурда тавонистан ба қадри кори нонпаз расидану нонро қадр кардан шинос мегарданд. Сарвари осорхонаи мактаби миёнаи рақами 82 н. Сино Назарова Адолат таҷрибаи бои педагогӣ дошта, бозёфтҳои осорхона аз кори пурмаҳсули муаллима шаҳодат медиҳад. Дар осорхонаи мактаби миёнаи рақами 11-и н.Мастчоҳ гарчанде навтаъсис бошад ҳам, маводҳои зиёде бо ёрии хонандагон ҷамъ оварда шудааст.

Умуман, ҳар як осорхонаи муттаҳидае, ки дар мактабҳои миёна ташкил шудаанд, ба номи худ вобаста буда мақсадҳои муҳимми тарбияи

ҷавононро иҷро менамоянд. Барои дуруст ба роҳ мондани тарбияи инсонпарварии ҷавонон ва тайёр намудани онҳо ба касби оянда методикаю дастурҳои зиёде мавҷуданд, ки аз онҳо самаранок истифода бурдан лозим аст. То ба имрӯз мо кӯшиш менамудем, ки аз нуқтаи назариявӣ ҷавононро тарбия намоем, яъне курси махсуси лексияҳоро ташкил намоем ва гузаронем ва бо ҳамин тамом, аммо лозим аст, ки аз лексияи хондашуда бояд ҷавонон баҳра баранд ва хулосаҳои даркорӣ бароранд. Тарбияи техникии ҷавонон ба воситаи музей яке аз рукнҳои муҳим мебошад, ки он ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият, малака ва истеъдоди ӯ равона карда мешавад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки осорхонаҳо, дар ҳақиқат, дар тарбияи ҷавонон нақши намоёнро мебозанд. Ба воситаи онҳо ҷавонон бештар ба тарзи ҳаёт ва фаъолияти ин ё он шахси номдор ва кору бори ӯ шинос гашта, бо назардошти таҷрибаи зиндагии онҳо дар интихоби ин ё он касб барои оянда ба худ роҳ мекушоянд. Мутаассифона, ба ҷавонон волидайнашон дар интихоби ин ё он касб таъсири манфӣ мерасонанд, ки ин мутлақо нодуруст аст. Натиҷаи манфии ҳамин амали волидайн аст, ки ҷавонон дар оянда дар ин ё он соҳа одамони тасодуфӣ шуда, ҷои худро намеёбанд.

Ҷавонон бояд бисёртар ба киною театр, музею намоишгоҳҳо раванд, бо муассиаҳои маданӣ зиёдтар ошноӣ намоянд, бо касбҳои гуногун шинос, шаванд, баъд худ аз худ маълум мегардад, ки онҳо кадом касбро интихоб менамоянд. Агар ҷавон касби худро дар ҳаёт дуруст интихоб карда тавонад, дар он сурат ӯ метавонад дар ҳаёт ба инсони дигаре лозим шавад, зеро ӯ дилдодаи касби худ буда, аз дилу ҷон кор мекунад. Дар ин раванд тайёр намудани ҷавонон ба касби интихобкарда роҳи дуруст ва бехатоӣ кор ба ҳисоб меравад, зеро онҳо дар оянда барои ҷамъият шахсони лозимӣ мешаванд.

Шакл ва воситаҳои тайёр намудани ҷавонон ба касби оянда ва тарбияи техникии онҳо гуногун аст. Масалан, суҳбати ҷавонон бо волидайн, вохӯриҳо, конференсияҳо, намоиши кинофилмҳо оид ба интихоби ин ё он касб, вохӯриҳо бо хатмкунандагони мактаб, хонишҳои педагогӣ бахшида ба касбинтихобкунӣ, ташриф ба осорхонаю намоишгоҳҳо, маҷлисҳои умумимактабию синфӣ, экскурсия ба заводу фабрикаҳо. Хуллас, интихоби ҳар як шаклу метод, таъсиррасонӣ ба ҷавонон ба муҳити оила ва хусусиятҳои синну солии ҷавонон сахт вобастагӣ дорад.

Тарбияи ҳурмат ба касбу ҳунарҳои техникӣ, ба олами рангоранги он низ тасаввурнопазир аст, зеро сарчашмаи муфиди он гуногун аст. Ибрати кори калонсолон, воситаҳои ахбори оммавию матбуот, китоб аз муҳимтарин роҳҳои донишомӯзию тайёрии ҷавонон ба касби интихобкарда мебошад.

Мавзуи меҳнату касбомӯзӣ бояд аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, дар тамоми раванди таълим мақоми муҳимро доро бошад. Бояд фаромӯш накард, ки тамоми ҷараёни кори касбомӯзӣ ба ташаккули малакаю маҳорат, шавқу рағбати ҷавонон, дилбастагӣ ба меҳнат, тассавур оид ба касбҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, гуногунрангии касбу ҳунар равона карда мешаванд.

Дар интихоб намудани ин ё он касб дар ҷавонон яке аз нақшҳои асосиро муаллими меҳнат ва маҳорати дарси ӯ, кор дар маҳфилҳои беруназмактабӣ мебозанд. Масалан, ҳангоми азназаргузаронии осорхонаи маориф дар экспозицияи 5-ум, ки он «Муассисаи корҳои беруназмактабӣ» ном дорад, диққати ҳар бинандаро амсилаҳои хонандагони мактаби миёнаи № 21 - и шаҳри Душанбе ба худ ҷалб мекунанд. Ин амсилаю нигораҳо, ки дар байни онҳо «Гавҳора», «Киштӣ», «Барабашка» мебошанд, хеле моҳирона сохта шудаанд. Сӯзанӣ, тоқиҳои гулдӯзи- кардашуда, дастпӯшакҳои нонпазӣ маҳсули

дасти хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумие мебошанд, ки дар Озмуни Ҷумҳуриявӣ ҷойҳои аввалинро ишғол намудаанд.

Ба ақидаи педагогон, ин озмунҳо, ки ҷавононро тарбия менамоянд, барои дуруст ба роҳ мондани роҳбарии мунтазами педагогӣ дар алоқамандӣ ба тарбияи оилавӣ ва тарбияи техникии ҷавонон ва интихоби бошууронаи касб хеле муҳим мебошанд. Дуруст ба роҳ мондани тарбияи техникӣ ва тайёр намудани ҷавонон ба касби оянда дар бисёре аз мактабҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла, мактабҳои миёнаи № 21, 18, 37, 22, 1, 60-и шаҳри Душанбе, мактаби миёнаи №6 ва № 2-и шаҳри Ваҳдат, №6-и шаҳри Бӯстон, №3-и шаҳри Хучанд, №49 ноҳияи Рӯдакӣ, мактаби миёнаи рақами 7 -и ш.Кулоб, мактаби миёнаи рақами 17- и н.Восеи вилояти Хатлон, мактаби миёнаи рақами 82 - и н.Сино ва ғайра натиҷаи хуб ба бор овардаанд.

Раванди илмӣ-тадқиқотии тайёр намудани ҷавонон ба касбҳои техникӣ як роҳи дорои пурпечутоб буда, аз сода ба мураккаб мегузарад. Агар дар боғчаи бачагон кӯдак ба навбатчигӣ шуғл намояд, дар мактаби миёна бошад, бояд ҷойи таълимии худро тозаю озода нигоҳ дошта тавонад, дар ҳавлии назди мактабӣ меҳнат кунад, дар донишгоҳҳо бошад, ягон намуди меҳнатро бояд ба таври бояду шояд, аз аввал то ба охир мустақилона ба сомон расонида тавонад. Ҷавононро бояд аввал бо назария ошно намуда, баъд онро дар амал татбиқ кунондан лозим аст, то онҳо тавонанд раванди иҷрои ин корро аз аввал то ба охир донанд. Агар касби омӯзгориро мисол орем, бояд ҳар як омӯзгор мувофиқи талаботи ҳозира аз рӯи ихтисоси, худ кор барад, албатта, на аз рӯйи конспектҳои зардгаштаи чандинсола, балки аз адабиёт ва дастурҳои методии ҳозиразамон истифода намояд. Омӯзгор бояд мавзӯи худро чунон донад ва ба хонандагон пешкаш карда тавонад, ки онҳоро ба шавқ биёрад, то ки онҳо дилгир нашаванд, дар ягон савол дар намонанд, боиси ифтихори

касби хеш гарданд. Аз дарси ин гуна омӯзгорон ҷавонон як ҷаҳон таассурот гирифта, боиси ҳурмату эҳтироми онҳо мегардад.

Дар осорхонаи маориф зина ба зина роҳи пуршарафи тайкардаи мактаби имрӯзаи тоҷик, муаллимону олимон, вазирони маорифу мураббиёни кӯдакистонҳо инъикос гаштааст. Албатта, ин макони маърифати илмиву педагогӣ дар ҷараёни тайёр намудани ҷавонон ба касби оянда ва тарбияи техникии онҳо бе таъсир намемонад.

Музей ин на танҳо амсилаю нигораҳо,лавҳаҳо, аксҳо, витринаю расмҳои гуногун, балки, пеш аз ҳама, одамон, кӯдакон ва калонсолони ояндаву раванда мебошанд, ки осорхона ягон нафари онҳоро бе таассурот гузошта наметавонад. Музей ҷавононро ба ҳолати пурасрори гузаштаю имрӯза ошно месозад ва онҳоро водор менамояд.ки ҳар як чизро бодиққат аз назар гузаронанд.

Ҷараёни таълими техникӣ хеле ҷараёни мураккаб буда, аз як зина ба зинаи дигар мегузарад. Вазифаи устодон ин аст, ки онҳо бо мисолҳои ҳаётӣ ин масъалаҳоро шарҳ диҳанд ва аз оғоз ҷавононро ба роҳи дуруст ва нек раҳнамой кунанд. Олими шинохта Маҳмадулло Лутфуллоев дар китоби «Инсон ва тарбия» овардааст: Мо, мардуми тоҷик,сарфарозем, ки дар хазинаи бузурги арзишҳои умумибашарӣ ҳиссаи муайян дорем [45, с.89].

Президенти мамлакат арзишҳои умумибашариро ба гулдастаи зебо ва муаттар монанд карда,таъкид менамояд, ки «Миллати куҳанбунёди тоҷик ба ин гулдастаи умумӣ як гули бисёр пурҷило ва ба таври ҳамеша тару тоза ҳамроҳ кардааст» [133, с.117].

Меҳр ба замин, меҳнату меҳнатдӯстӣ, нисбатан устувории оила, майлу рағбат ба дониш, посдории сулҳу оштӣ, зебописандӣ санъат, хоксорию фурӯтанӣ, камгапӣ, дастархони боз меҳмондорию меҳмоннавозӣ ҳама арзишҳоянд. Қисми асосии кори осорхонаи маорифро фаъолиятнокӣ ташкил менамояд. Ҷавонон ва хонандагоне, ки

ба ташкили ин ё он кор фаъол нестанд,бояд бештар ба осорхона ҷалб карда шаванд. Яке аз лаҳзаҳои ташаккули ҳайати осорхона ташкили Шӯрои он мебошад. Шӯро дар нақши марказе ба кор мепардозад, ки бояд тамоми раванди фаъолияти осорхона зери назорати он қарор гирад, тамоми корҳои осорхона бо роҳбарии Шӯро амалӣ гарданд. Шӯроҳои осорхонаҳо гуногун мешаванд.

Ба ҳайати Шӯрои осорхонаҳо сарвар ва муттасаддие, ки барои ин ё он қисми кори осорхона вобаста аст, дохил мешавад. Масалан, ба Шурои осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, кормандони илмӣ, иштирокчиёни ҷангу меҳнат аъзо мешаванд. Дар кору фаъолияти пурсамари осорхонаҳо накши шӯроҳои онҳо хеле калонанд ва дар амалишавии бисёр корҳои ин муассиса ҳиссагузоранд. Албатта, ҳамаи шахсоне, ки аъзои Шӯро мебошанд, устодони касби худ буда, дар таълиму тарбияи ҷавонон саҳм мегузоранд ва дар ҳама чорабиниҳои осорхона фаъолона иштирок менамоянд. Захираи асосии осорхонаҳо ёдгориҳои асили таърихию мадании ин ё он шахс, ё маводи амалан воқеиро дар бар мегиранд. Ҳамзамон, дар захираи осорхонаҳо ҳуҷҷату маводи зиёде гирд оварда шудаанд. Рисолати осорхона гирдоварӣ, омӯзишу таҳқиқ, ҳифз ва тарғибу ташвиқи таҷрибаи пешқадами педагогӣ мебошад. Маҳз, фаъолияти хазинавии осорхона яке аз самтҳои коргузории ин даргоҳ буда, он дар худ корҳои баҳисобгирӣ,ҳифз ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, таърихи маорифро дар бар мегирад. Бақайдгирии ашёи таърихӣ, илмӣ дар осорхона ду давраро дар бар мегирад: бақайдгирии аввалин, ки он ба таври ниҳоӣ мансубияти ашёро ба осорхона замина мегузорад ва бақайдгирӣ дар китобҳои воридотӣ, баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) ва тавсифи илмӣ мансубияти ҳуқуқии маводро ба осорхона таъмин менамояд. Муқоиса намудани ҳолати ашёи осорхонавӣ бо ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ бояд мунтазам сурат гирад. Компютеркунонии хазинаи осорхона барои ҳамагуна амалҳо оид

ба ҳуҷҷатнигорӣ ва феҳристнигорӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар осорхонаҳо ҳам, мисли дигар муассисаҳо, ҳуҷҷатҳои махсус истифода бурда мешаванд, ки яке аз ҳуҷҷатҳои асосии онҳо -китоби барӯйхатгирӣ мебошад.

Дар ин китоб ҳама асбобу маводе, ки ба хазинаи асосӣ тааллуқ доранд, ба қайд гирифта мешаванд. Ба қайдгирӣ дар ин китоб аз рӯи рақамҳои пайдарҳам, санаи ба бойгонӣ воридшавии асбоб, тавсифномаи он ва шумора қайд карда мешаванд.

Яке аз намудҳои кор оид ба шумораи захираи осорхонаҳо ин сохтани номгӯи захираи онҳо мебошад. Ин амал имконият медиҳад, ки омӯзгор ки дар ҷараёни таълим аз ҳамаи маводи асосию ёрирасони мавҷудбуда ба таври бояду шояд истифода намояд.

## 1.4. Вижагиҳои хоси ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ

Осорхона оинаи таърих, аҷргузори ниёгон, баёнгари воқеаҳои тақдирсоз ва шахсиятҳои таърихсоз, омӯзанда ва омӯзонандаи мероси куҳан, бавуҷудоварандаи ҳуввият, посдори урфу одат ва суннату анъанаҳои миллӣ ва маркази тарбияи худшиносию меҳандорӣ, зебоипарастию башардӯстӣ, бадеияту завқи баланд, балоғату фасоҳат, пайвандгари дирӯзу имрӯзу фардо ва аз ҳама муҳимтар ёдовари гузашта, муҳофизи хотираи инсоният ва мактаби бузурги маърифат мебошад.

Ҳар миллате, ки дар даврони ҷаҳонишавӣ мехоҳад боқӣ бимонад, бояд решаҳои таърихию фарҳангии пешиниёни хешро ҳамчун яке аз омилҳои муҳими пешрафти худ қарор бидиҳад, аз он сабақ бигирад ва дар ин асос барои наслҳои оянда заминаи бунёдии фарҳангию маърифатӣ ва иҷтимоию иқтисодиро ба мерос бимонад.

Мақсад ва вазифаҳои асосии осорхонаҳо дар ҷомеаи навин ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, таҳқиқу пажӯҳиш ва таблиғу ташвиқи мероси таърихию фарҳангӣ маҳсуб меёбад. Нақши осорхонаҳои мактабӣ дар ин самт басо муҳим ва назаррас мебошад. Осорхонҳои мактабӣ зодаи давраи Шӯравӣ буда, бузургтарин шоҳкориҳои ниёгон аз замонҳои қадим то имрӯз ҷамъоварӣ ва муаррифӣ менамояд.

Осорхонаи мактабӣ ба зеҳну шуур рӯҳи кӯдакон ва наврасон таъсири амиқи омӯзишии номаҳдуд дорад. Иштирок дар корҳои ҷустуҷӯӣ – гирдоварии дастаҷамъонаи мавод, мулоқот бо одамони наҷиб, шиносоӣ бо рӯйдодҳои таърихӣ ба донишомӯзон кӯмак мекунад, ки ба умқи таърих роҳ ёбанд ва дар бораи масъалаҳои ҳалталаби кишвари худ маълумот пайдо кунанд, дарк намоянд, ки ниёгони онҳо дар иқтисодиёт ва фарҳанги кишвар, ки оила ва мактаб низ ҷузъе аз он маҳсуб мешавад, чи қадар нерӯи зиёди ақлиюу зеҳнӣ сарф намудаанд. Ин амал дар донишомӯзон нисбат ба хотираи наслҳои гузашта ҳисси эҳтиромро бедор мекунад, муносибати ғамхоронаро нисбат ба мероси

маънавӣ ва модии кишвар, ки бидуни он ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватани худ омӯзонида намешаванд, тарбият менамояд.

Осорхонаи мактабӣ имкон медиҳанд, ки хонандагон нерӯи худро дар фаъолияти гуногуни илмӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ бисанҷанд. Донишомӯзон ҳангоми иштирок дар саёҳатҳои дастаҷамъӣ ва сайрҳои кишваршиносӣ обутоби ҷисмони маънавӣ меёбанд ва дар шароити мустақил зиндагӣ карданро аз худ мекунанд. Инчунин, онҳо дар раванди таъмини фаъолияти илмӣ – пажуҳишии осорхона бисёр малакаҳои амалиро ба даст меоваранд, соҳиби таҷрибаҳои корҳои ҷустуҷӯӣ, маҳоратҳои тавсифнигорӣ ва гурӯҳбандии сарчашмаҳои таърихӣ мегарданд, ба тармими ҳуҷҷатҳои таърихӣ мепардозанд, рӯйдодҳо ва воқеаҳоро сабт менамоянд.

Осорхонаи мактабӣ ниҳоди мураккабе буда, аҳамияти ҳаётии коршоямии он ба фаъолияти дастаҷамъонаи омӯзгорон ва донишомӯзон вобастагӣ доранд.

Фаъолияти осорхонавӣ – кишваршиносӣ як навъ аз воситаи иҷтимоӣ мебошад, ки бачагон дар раванди он корҳои муҳими дастаҷамъонаро ба анҷом расонанд, тарзи интихоб кардан ва эътироф кардани пешвоёни худро меомӯзанд, бо далелу бурҳон баҳс карданро аз худ менамоянд, минтақаи кори худро идора намуда, дар иҷрои амалҳо ва қабули қарорҳои худ масъулият эҳсос мекунад. Осорхонаи мактабӣ ба тамрини нақшҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд ва бадин васила, ба донишомӯзон имконпазир мешавад, ки ҳам дар нақши пешво ва ҳам дар нақши иҷрокунанда мунтазам амал намоянд. Фаъолият дар ҳайати Шурои осорхонаи мактабӣ, ки ниҳоди идоравии дастаҷамъонаи донишомӯзон мебошад, ба иштирокдорон малакаҳои фаъолияти маъмуриро фароҳам меорад ва дар онҳо ҳисси тааллуқ доштан ба ҷараёни воқеаҳоро парвариш медиҳад.

Ба даст овардани асосҳои умури осорхонашиносӣ, ошноӣ бо вижагиҳои ҳирфаҳои гуногун, санъатҳо ва касбу ҳунарҳои мардумӣ дар раванди тадқиқот дар тамоюли ҳирфавии донишомӯзон таъсири амиқ

мерасонад. Бисёр омӯзгорону роҳбарони осорхонаҳои мактабӣ ва иттиҳодияҳои кишваршиносии дигар фоизи баланди интихоби донишомӯзонро қайд кардаанд, ки ба фаъолияти осорхонавӣ, ихтисосҳои дорои хусусияти башардӯстона: педагогика, осорхонашиносӣ, бойгонишиносӣ, китобшиносӣ ва ғайра машғул ҳастанд [19, с.42].

Аксари донишомӯзоне, ки ба таҳқиқоти мавзӯи ҳарбӣ – таърихии кишвари худ машғул ҳастанд, дар оянда пешаи низомиро ихтиёр мекунанд, дар хадамоти оташнишонӣ фаъолият мебаранд, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сиёсатшинос, дипломат ва ғайра мегарданд.

Амалҳои ҷории осорхонашиносӣ дар чунин намуди фаъолият зарурати риояи амалҳои зеринро тақозо менамояд:

- робитаи системавӣ бо дарс, бо ҳамаи равандҳои таълимӣ – тарбиявӣ. Анҷоми тадқиқотҳои илмӣ ва таълимӣ – пажуҳишӣ, ки омӯзиши таърихи маҳал ҳамчун асос барои рушд ва фаъолияти осорхонаи мактабӣ маҳсуб мешавад;

- дар раванди фаъолияти таълимӣ – тарбиявӣ истифодаи восита ва шаклҳои гуногуни таълимӣ ва корҳои хориҷ аз барномаи дарсҳои осорхонавӣ, суханрониҳо дар муассисаҳои таълимӣ, семинарҳо, конфронсҳои илмӣ – амалӣ, фаъолиятҳои ҷустуҷӯӣ ва лоиҳавӣ, машварат бо собиқадорони ҷангу меҳнат ва ғайра;

- соҳибихтиёрӣ, ташаббуси эҷодии донишомӯзон, ки омили муҳим дар таъсис ва ҳаёту фаъолияти осорхона аст;

- кумаки омӯзгорон ва собиқадорони соҳаи маориф ба роҳбар ва Шӯрои осорхона;

- иртибот бо омма, собиқадорони ҷангу меҳнат ва касби педагогӣ;

- таъмини ваҳдати ҷанбаҳои маърифатӣ ва эҳсосотӣ дар муҳтавои намоишҳои осорхона, анҷоми саёҳат дар ҳамаи фаъолиятҳои осорхонавӣ;

- ҳисобдории дақиқ, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти маводи ҷамъовардашуда.

Созмондиҳӣ, иртиботи доимӣ бо осорхона ва бойгониҳои давлатӣ, кумакҳои илмӣ – методии онҳо ба осорхонаҳои мактабӣ хело муҳим мебошанд. Шаклҳои кор дар осорхонаи мактабӣ чунинанд:

| **Шаклҳои кор дар осорхонаи мактабӣ** | |
|---|---|
| **Фаъолияти таълимӣ:** | **Фаъолияти тарбиявӣ:** |
| - фаъолияти амалӣ дармаҳал;<br>- саёҳатои таълимии хориҷ аз осорхона;<br>- дарсҳо дар осорхона;<br>- саёҳатҳо дар осорхона;<br>- омӯзиши мустақилона. | - маҳфилҳо, саёҳатҳо, сафарҳо;<br>- сафарҳои сайёҳӣ;<br>- мулоқот, конфронсҳо берун аз осорхона;<br>- вохӯриҳо, маҷмуасозӣ, гирдоварии нигораҳо ;<br>- вохӯрӣ ва мулоқотҳо бо одамони касбҳои гуногун дар осорхона. |

## НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ ОСОРХОНАИ МАКТАБӢ

| **1. Кор дар самти таъмини меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва созмонӣ – методӣ ҷиҳати рушди фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ** | | |
|---|---|---|
| 1. Ташкили кори Шурои осорхонаҳои мактабӣ | Август | Муовини директор оид ба тарбия, роҳбарони синф ва роҳбари осорхонаю муассисаи таълимӣ |
| 2. Таҳия ва тасдиқи ҳайат, барномаи фаъолият ва нақшаи чорабиниҳои осорхона | Сентябр | Муовини директор оид ба тарбия ва роҳбари осорхонаи муассисаи таълимӣ, омӯзгорон |
| 3. Гирдоварии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, ки фаъолияти осорхонаҳои мактабиро танзим мекунад | Сентябр | Муовини директор оид ба тарбия, роҳбари осорхона ва роҳбарони синфҳои муассисаи таълимӣ |
| 4. Баргузории ҷамъомад бо хонандагон оид ба фаъолияти самарабахши осорхона | Сентябр | Муовини директор оид ба тарбия, роҳбари осорхона ва роҳбарони синфҳои муассисаи таълимӣ |
| 5. Таҳия ва тасдиқи барнома доир ба кор бо фаъолони осорхона | Сентябр | Муовини директор оид ба тарбия ва роҳбари осорхонаи муассисаи |

| | | |
|---|---|---|
| | | таълимӣ |
| 6.. Гузаронидани ҷамъомад бо хонандагон роҷеъ ба мукаммалу ғанӣ гардонидани ёдгориҳои осорхона | Тибқи нақша | Муовини директор оид ба тарбия ва роҳбари осорхонаи муассисаи таълимӣ, созмони талабагӣ |
| | | |
| **2. Дастгирии илмӣ – методии осорхона** | | |
| 1. Дастрас ва таъмин намудани осорхонаи мактабӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқии осорхонаи мактабӣ | Ноябр | Муовини директор оид ба тарбия, Шӯрои осорхона |
| 2. Ташкили намоишҳои нигораҳои экспонатҳои нав ва муҳими осорхона | Декабр | Муовини директор оид ба тарбия, Шурои осорхона |
| **3. Таҳия ва нашри маҷмуа, мақола ва дастурҳо оид ба фаъолияти осорхонаи мактабӣ** | | |
| 1.Нашри маҷмӯа ва эҷоду навиштаҳои хонандагон оид ба осорхона ва коллексияҳо | Дар давоми сол | Муовини директор оид ба тарбия, Шӯрои осорхона ва роҳбарони синфҳо |
| 2. Баргузории ҷамъомад бо хонандагон оид ба тавсифиу тарғиби ёдгориҳоии таърихӣ ва мероси ниёгон ва Ватани маҳбубамон Тоҷикистон | Ноябр | Муовини директор оид ба тарбия, Шурои осорхона |
| 3. Таҳия ва насби лавҳаи осорхона | Дар давоми сол | Муовини директор оид ба тарбия, Шурои осорхона |
| **4. Таъмини иштироки ҳайати осорхонаҳои мактабӣ дар озмунҳо** | | |
| 1. Баргузории озмуни « Таърихдони ҷавон» | Ноябр – апрел | Муовини директор оид ба тарбия, Шурои осорхона, омӯзгорони фаннӣ |
| 2. Баргузории озмуни «РоҳбаладИ наврас» | Ноябр | Муовини директор оид ба тарбия, Шурои осорхона, омӯзгорони фаннӣ |
| 3. Баргузории озмуни | Декабр – | Муовини директор оид ба |

| | | |
|---|---|---|
| «Муҳаққиқ – кишваршиноси ҷавон» | март | тарбия, Шӯрои осорхона |
| 4. Баргузории Рӯзи дарҳои кушод дар осорхонаи мактабӣ | Апрел | Сарвари осорхона |
| 5. Баргузории «Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо» дар осорхонаи мактабӣ | Май | Муовини директор оид ба тарбия, Шӯрои осорхона |
| 6. Гузаронидани ҳафтаи фаннӣ таҳти унвони «Кишварамонро меомӯзем» | Феврал - май | Сарвари осорхона, сардори маҳфили кишваршиносӣ |
| 7. Таъмини иштирокчиён дар озмунҳои ноҳиявӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тибқи роххатҳо | Дар рафти иҷрои барнома | Муовини директор оид ба тарбия, Шӯрои осорхона ва муаллимони фаннӣ |

Таҳлили таҷрибаи фаъолияти осорхонаҳо нишон медиҳанд, ки хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар раванди таъсис ва таъмини фаъолияти осорхона бо усулҳои кишваршиносӣ ва осорхонадорӣ бештар шинос мешаванд ва тарбияи шаҳрвандии онҳо таъмин мегардад.

Озмоиш тибқи барнома баргузор гардида, машғулиятҳо ҷиҳати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърих, фарҳанг ва табиати кишвар тавассути воситаҳои осорхонашиносӣ – кишваршиносӣ ба хонандагон ёрӣ мерасонанд ва дар ин замина хонандагон маърифати хешро дар бораи таърих, фарҳанг ва табиати кишвари худ ғанӣ гардонанд. Онҳо мавзуъ ва масъалаҳоеро, ки пажуҳишҳои осорхонавӣ ва кишваршиносиро тақозо менамоянд, ошкор сохта, методҳои баргузории чунин тадқиқотро омӯхта, дар раванди машғулиятҳои амалӣ ва дар лаҳзаҳои фароғат дар амал татбиқ менамоянд.

Барномаи озмоишӣ ҳамчун корҳои таълимӣ – эҷодӣ амалӣ гардида, на танҳо ба наврасон ҷиҳати омӯзиши асосҳои мавзуии кишваршиносӣ ва осорхонадорӣ, балки барои шомил гардидани онҳо дар фаъолияти мушаххаси осорхонавӣ – кишваршиносӣ мусоидат карда, имкон фароҳам

меорад, ки фаъолони осорхонаи мактабӣ дар конфронсҳои илмӣ – амалӣ, олимпиадаҳои кишваршиносӣ ва дигар чорабиниҳо ширкат варзанд.

Ҷузъи асосии барнома экспедитсияи илмии муассисаи таълимӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи мероси таърихӣ –маънавӣ ва модии кишвар маҳсуб мешаванд, тавассути маъмурияти осорхона роҳандозӣ мешавад. Дар ташкили намоишҳои осорхонавӣ метавонанд теъдоди зиёди донишомӯзони муассисаҳои таълимӣ иштирок намоянд.

Маркази созмонӣ – методии экспедитсияи мазкурро Шурои осорхона амалӣ менамояд. Бинобар ин, фонди осорхонаи мактабӣ ва пояи иттилоотӣ – кишваршиносии онро на танҳо дар натиҷаи фаъолияти густурдаи фаъолони худи осорхона, балки донишомӯзони дигари муассисаи мазкур низ метавонанд ғанӣ гардонанд.

Экспедитсияи илмӣ дар нақшаи таълимӣ – мавзуӣ танҳо ба он андоза шомил мегардад, ки барои Шӯрои осорхона ҷиҳати амалисозии вазифаҳои ташкилӣ ва ҳамоҳангсозии гурӯҳҳои экспедитсионӣ дар татбиқи масъалаҳои осорхонаи таърихи маҳал зарур мебошанд.

Тибқи озмоиши мазкур се ҷанбаи иҷтимоӣ – фарҳангӣ амалӣ мешавад:

1.Такмили шаклу усулҳои таълим ва тарбияи хонандагон тавассути омӯзиши таърихи маҳал ва осорхонадорӣ.

2.Ташкили фаъолияти осорхона ҳамчун маркази илмӣ – пажӯҳишӣ, таълимӣ – тарбиявӣ ва фароғатӣ.

3.Ташкили иштироки донишомӯзон дар ҳаракатҳои сайёҳӣ – кишваршиносии ҷумҳурӣ, вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ, ки аз тарафи осорхонаҳои кишваршиносӣ маблағгузорӣ мешаванд.

Роҳбари осорхона метавонад пайдарпайии мавзуъҳои омӯзиширо, ки курси кишваршиносиро ташкил медиҳанд, тағйир диҳад. Барои гузаронидани машғулиятҳо доир ба мавзуъҳои алоҳида метавонанд мутахассисон ҷалб карда шаванд.

Ҳар як мавзуи таълимии барнома бо рӯйхати адабиёти махсуси тавсияшуда таъмин мешавад. Дар маҷмуъ, барои барнома рӯйхати адабиёти тавсияшудаи умумӣ тартиб дода шудааст.

Аммо агар роҳбари барнома имкони дастрасӣ ва истифодаи яке аз адабиёти тавсияшударо надошта бошад, ӯ метавонад онро бо адабиёте, ки дар ноҳияҳо ва кишвараш ба табъ расидаанд, иваз намояд ва ё аз кумаки мутахассисони кишваршиноси маҳаллӣ ва осорхонашиносон истифода барад. Ҷиҳати тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ зарур аст, ҳамкорӣ бо марказҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шуда, хонандагон ба омӯзиши таъриху фарҳанги кишвар тарғиб ва ҷалб гарданд. Дар ҳамкорӣ бо кормандони осорхонаи шаҳрӣ саёҳатҳои илмии дастаҷамъӣ ба мавзеъҳои таърихӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ ва марказҳои мардумшиносӣ (этнографӣ) ташкил карда шавад. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд бо ташаббуси омӯзгор С. Валиев ва кӯмаки хонандагон осорхонаи мактабӣ таъсис дода шудааст. Дар ин осорхонаи мактабӣ ба хонандагон мафҳуми мероси таърихӣ – фарҳангӣ ва табиӣ, шаклҳои мероси мавҷуда, қонун дар бораи ҳифзи ашёи таърихӣ-кишваршиносӣ ҳамчун усулҳои маҷмуавии шиносоӣ ва омӯзиши мерос, таҳияи ашёи мероси фарҳангӣ ба унвони абзоре барои ҳифозат ва истифода омӯзонида мешавад. Пас аз тамошои осорхонаи мактабӣ омӯзгор ба хонандагон супориш дод, ки дар мавзуи «Мавқеи шаҳрвандӣ ва мероси ниёгон» иншои озод нависанд. Вақте ба хонандагон бо савол муроҷиат шуд, ҷавобҳо чунин буданд:

| **Савол** | **Ҷавобҳо** | **Фоиз** |
|---|---|---|
| Шумо пас аз шиносоӣ бо осорхонаи мактабӣ чиро мушоҳида намудед? | Устураҳо оид ба таърихи бостонии кишвар ;<br>Аввалин ишораҳо аз минтақа дар сарчашмаҳои расмӣ ;<br>Лаҳзаҳои хотирмони таърихи маҳал дар замонҳои таърихи давлат;<br>Хусусиятҳои нодири табиат, таърих ва фарҳанги аҷдодӣ. | 50<br>15<br>17<br>18 /100% |

Аз ин маълум мегардад, ки осорхонаи мактабӣ вазифаҳои зеринро дорад: ҳамчун як созмони иҷтимоие аст, ки бачагон ва калонсолони наслҳои гуногунро муттаҳид месозад; озмоишгоҳи эҷодии омӯзгорон ва донишомӯзон аст. Ғайр аз ин, роҳҳои ҳуҷҷатгузории таърихи табиат ва ҷамъияти кишвар, шакли нигаҳдорӣ ва муаррифии мероси моддӣ ва маънавӣ, мактаби раҳнамо ва интихоби касбии хонандагон шуда метавонад.

Ҷиҳати созмондиҳии осорхонаи мактабӣ, ки ҳамчун воситаи иттиҳодияи иҷтимоии таълимӣ – пажуҳишии донишомӯзон мебошад, чунин фаъолият анҷом дода мешавад: мушаххасот ва номи осорхона, шакли созмондиҳӣ, нақш, ҳуқуқ ва вазифаҳои фаъолони осорхонаи мактабӣ муайян карда мешаванд, ҳуҷҷатҳои ташкилдиҳандаи осорхонаи мактабӣ таҳия мегарданд. Лоиҳаи Низомномаи осорхонаи мактабӣ омода, муҳокима ва қабули мегардад, ки мафҳумҳои осорхонаи мактабӣ дар он ҷой дода шудаанд. Баъд аз он интихоби мақомоти иҷроияи осорхонаи мактабӣ: Шурои осорхонаи мактабӣ, сарвари осорхонаи мактабӣ, ташкилдиҳии гурӯҳҳои корӣ ва интихоби роҳбарони он сурат мегирад. Вазифаҳои Шурои ҳамкорони осорхонаи мактабӣ муайян мегардад ва аъзоёи он тасдиқ мешавад. Ҷиҳати тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар осорхонаи мактабӣ корҳои ҷамъоварию ҷустуҷӯӣ ташкил намуда,. мавзуъҳои кишваршиносӣ – пажуҳишии осорхонаро бо барномасозӣ ва таҷҳизоти махсус таҳия кардан мувоффиқи мақсад аст. Тадқиқи ҳодиса ва падидаҳо дар кишвар, ошкорсозӣ ва ҷамъоварии ашёи шоистаи осорхона хонандаро водор месозад, ки оид ба муҳити атроф ва арзишҳои миллию давлатӣ андеша намояд. Ҷамъоварии иттилооти иловагӣ дар бораи воқеаҳои таърихӣ, падидаҳои табиӣ ва ашёи осорхона аз фаъолиятҳоеанд, ки омили болоравии назарраси тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон гардида метавонад. Қайд намудан бамаврид аст, ки зимни сафар, сайрҳои дастаҷамъӣ ва ковишҳои саҳроии дигар, риояи чораҳои бехатарӣ шарт ва зарур аст.

Тибқи анъана машғулиятҳо бо хонандагон ба категорияҳои афзалиятноки хизматрасонии осорхонавӣ шомил мешаванд. Гузашта аз ин, бо итминон метавон гуфт, ки муносибат бо фарҳангро ҳанӯз аз овони бачагӣ мебояд оғоз кард, ки наврас дар остонаи кашфи олами атроф қарор дорад.

Осорхонаҳои мактабиро метавон ба яке аз падидаҳои назарраси фарҳанг ва маорифи миллӣ нисбат дод. Чунин осорхонаҳо ба ҳайси ҳуҷраҳои ёрирасони фаннӣ барои ҳифзи ашёи аёнии таълимӣ оид ба таърих ва кишваршиносӣ: гирдоварии маводи таърихи маҳал аз ҷониби хонандагон – маҷмуаи гиёҳҳони хушк (гербарийҳо), маъданҳо, аксҳо, ёддоштҳо ашёву ҳуҷҷатҳои гуногун ташкил шудаанд.

Нахустин сорхонаҳои мактабӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 70-уми асри XX ба вуҷуд омадаанд. Масъала оид ба бунёди мақсадноки осорхонаҳои мактабии таърихӣ – кишваршиносӣ ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри XX баррасӣ гардиданд. Тадриҷан, баробари рушди осорхонаҳои кишваршиносии мактабӣ дар солҳои 80-90-уми асри XX, дар ҶШС Тоҷикистон низ ба ташкили оммавии осорхонаҳои мактабӣ қадамҳои қатъӣ гузошта шуданд.

Дар марҳалаҳои гуногуни таърих осорхонаҳои мактабӣ марҳалаҳои рушд ва таназзулро аз сар гузарониданд, зеро онҳоро гоҳ чун захираи асосӣ ҷиҳати рушди шабакаҳои осорхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ эътироф мекарданд ва гоҳ бо онҳо чун ҷузъе аз намунаҳои идеологияи иртиҷоӣ зиддият доштанд.

Осорхонаҳои мактабӣ ҳамчун шакли фаъолиятҳои омӯзишӣ ва таълимӣ бо ташаббуси хонандагон, падару модарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ таъсис дода мешаванд. Онҳо ба сифати посух ба ниёзҳои иҷтимоӣ, ки ба муассисаҳои омӯзишӣ аз намояндагони донишҷӯён, ҷомеаҳои падару модарон ва ё омӯзгорон пешниҳод мешаванд ва ҳамчунин, натиҷаи фаъолиятҳои ҷустуҷӯйи хусусии ҷамъоварӣ ва пажуҳишӣ ба шумор мераванд, ба вуҷуд меоянд. Дар осорхонаҳои мактабӣ хонандагон ба ҷустуҷӯ, нигаҳдорӣ, омӯзиш ва

гурӯҳбандии ёдгориҳои воқеии таърих, фарҳанг, табиати кишвар, ашё ва ҳуҷҷатҳои гуногун машғул мешаванд. Осорхонаҳои мактабӣ чун воҳидҳои омӯзишии ёрирасони муассисаҳои таълимӣ ба ҳайси қисми аслии шабакаи осорхонаҳои ҷумҳурӣ амал мекунанд.

Ашёи таърихии гирдовардаи онҳо шомили фонди осорхонаҳо ва бойгониҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд.

Тавре ки дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд гардидааст, «Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама унсури муҳими тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои зодгоҳ, диёр, кишвар, сарзамин, Ватан ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар дорад» [31, с.26].

Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дӯст доштани Ватан, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ таъкидҳои бамаврид ва судманд кардаанд:

Аз ҷумла, «Вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи мо истиқлолияти давлатамонро мустаҳкам карда, насли наврасу ҷавонро дар руҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангии миллат ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия намудан аст. Онҳо бояд шахсони соҳибмаърифат, бофарҳанг, мутамаддин, эҷодкор, номбардори миллати қадима ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон гарданд. Тоҷикистонро ҳамчун зодбум ва Ватани азизи хеш дӯст доранд, аз он ифтихор кунанд ва ҳамчун гаҳвараки чашм ҳифз намоянд»

Яъне ба андешаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ шуруъ аз он мешавад, ки шаҳрванди фардо саодати зиндагиро дар хидмат ба мардум бубинад.

Академик Ф. Шарифзода  Ватан - модарро тавъам шуморида, чунин менависад: «Ватан сарфарозию сарбаландӣ, бахту иқбол ва орзую умеди инсон аст. Ватан ва модар ҳамрадифанд. Он тавр ки инсон як

модар дорад, ҳамин тавр як Ватан дорад. Аз ин лиҳоз, «Ватан – Модар» ё «Модар – Ватан», мегӯянд [104, с.34].

Ватанпарастӣ арзишҳои муқаддас ва муҳимтарин буда, аз ҷумла мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватанро фаро мегирад.

Тарбияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар низоми маориф ба муайян намудан ва ҳифзи расму оин ва анъанаҳои милливу давлатӣ дар тарбияи насли наврас, таҷдиди мазмуни он ва ҷорӣ намудани технологияи навин алоқаманд аст. Мақсади асосии тарбияи миллӣ ҷалб ва равона кардани таваҷҷуҳи насли наврас ба арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ миллӣ, умумибашарӣ, гиромидошти мафҳуми Ватан ва мероси таърихиву фарҳангӣ мебошад. Зеро ватандӯстӣ аз муҳаббат ба зодгоҳ ва Ватан, эҳтиром ба гузаштаи таърихӣ ва таърихи пурғановати миллӣ сарчашма мегирад ва дар ин замина бе иштибоҳ нақши муҳим мебозад. Осорхона воситаи ҳифзи хотираи инсоният буда, ҳамчун муассисаи хазинаи фарҳанг мероси таърихӣ-фарҳангиро ҷамъоварӣ, ҳифз, муаррифӣ ва тарғиб намуда, таваҷҷуҳи хонандагонро ба олами фарҳангӣ зиёд менамояд. Барои осорхонаи муосир фаъолияти фарҳангӣ-таълимӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Осорхонаи мактабӣ яке аз омилҳои таъсиррасон пешбаранда ва вусъатбахши фаъолияти эҷодӣ ва ҷамъиятии хонандагон маҳсуб ёфта, дорои арзиши баланди тарбиявӣ мебошанд. Осорхона маълумотро дар бораи гузашта ва имрӯзи миллат ва давлат ҷамъоварӣ намуда, ҳамчун воситаи ташаккули худогоҳии насли наврас хизмат мекунад. Тавассути осорхона хонанда имконият пайдо менамояд, ки муносибати худро ба таъриху фарҳанг муайян созад. Хонандагон тавассути сайрҳои илмӣ омӯхтани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, дар корҳои ҷустуҷӯӣ ширкат меварзанд, бо ашхоси барӯманд мулоқот намуда, таърихи Ватани худро дақиқ меомӯзанд, инчунин, хуб сарфаҳм мераванд, ки ниёгонашон дар рушди фарҳангу иқтисодиёти кишвар заҳматҳо кашидаанд. Ва ин имкон медиҳад, ки муносибати онҳо ба мероси пурғановати фарҳангиву

таърихии кишвар дигаргун шуда, эҳтирому муҳаббаташон ба гузаштаи хеш дучанд афзояд [46, с.78].

Гузашта аз ин, осорхонаи мактабӣ имкон медиҳад, ки хонанда дар ҳамаи намудҳои фаъолияти илмӣ, техникӣ ва ҷамъиятӣ қувваозмоӣ намояд, соҳиби дониши таҷрибавӣ гардад, сарчашмаҳои таърихиро тавсиф, шаклбандӣ ва ҳуҷҷатҳои таърихиро таҳия намояд. Аз ин ҷо фаъолияти ҳамарӯзаи осорхонаи мактабӣ ба фаъолияти омӯзгорон ва хонандагон пайвандӣ дорад.

Ёдгорӣ ва нигораҳои дар намоиш гузошташудаи осорхонаҳои мактабӣ худ шиносномаи таърихи миллатанд. Дар ин замина баргузории ҳар гуна чорабиниҳо, аз қабили шиносоӣ ва саёҳат бо осорхонаҳои мактабӣ, шаҳриву ноҳиявӣ ва вилоятиву ҷумҳуриявӣ, вохӯриҳо бо пирони деҳа, маҳалла, шахсони маъруф, таърихнигорон ва сайрҳои илмӣ ба мавзеъҳои таърихӣ аз манфиат холӣ нахоҳанд буд.

Осорхонаи мактабӣ на танҳо як шакли ташкили фаъолияти таълимӣ-фаҳмондадиҳӣ ба шумор меравад, балки он воситаи рушди тарбияи маънавӣ, худшиносии миллӣ ва ватандӯстии хонандагон аст. Иштироки хонандагон дар корҳои ҷустуҷӯйӣ, омӯзишӣ ва ҷамъоварии ёдгориҳову нигораҳои осорхонавӣ, ташкили намоишҳо, гузаронидани шабнишиниҳою конференсияҳо ва сайрҳои таърихӣ малакаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, ва кишваршиносии онҳоро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, муаллим ва масъули осорхонаи мактабиро мебояд тавассути хонандагон ва ҳайати осорхона тадбирҳои зеринро амалӣ намояд:

1.Гузаронидани мулоқот бо кӯҳансолон, пирони хирад;

2.Маълумотгирӣ ва пурсиши аҳолӣ оид ба мавзеъ, ёдгориву нигораҳои таърихӣ, либос, ҳаргуна зару зевар барои ороиш, олот, дастгоҳҳои қадима ва ашёи рӯзгор.

3.Ҷамъоварӣ ва нигоҳ доштани маводу маълумоти бадастомада оид ба таърихи зодгоҳ, маҳал, ноҳия, шаҳр, вилоят ва билохира Ватани азиз Тоҷикистон;

4.Тарғиби муҳтаво ва моҳияти маълумоти зикршуда байни хонандагон;

Имрӯз аксарияти насли наврас, мутаассифона ба таърихи кишвари худ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Қисме аз хонандагон таърихи зодгоҳи худро намедонанд кушишу талош анҷом намедиҳанд, ки таърихи зодгоҳ ва сокинони баруманди онро биомӯзанд. Дар шиносоӣ ва азбар намудани осори ниёгон ва таърихи гузаштаи миллат осорхонаи мактабӣ нақши бориз дорад. Аз ин рӯ, осорхонаи мактабиро зарур аст, ки фаъолияти худро мақсаднок ва самарабахш ба роҳ монад.

Вазифаи осорхонаи мактабӣ ташаккули ҳисси масъулиятшиносии хонандагон дар ҳифзи бозёфтҳои фарҳангию таърихии зодгоҳ, ифтихор аз мероси ниёгон, Ватан, эҳтиром гузоштан ба гузаштаву имрӯзи кишвар, расму оин, урфу одатҳои миллӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии онҳо оид ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ бояд тадбирҳои зеринро амалӣ намояд:

1.Ташаккули тарбияи ҳисси ватандӯстии хонандагон, ки он аз муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз гузашта ва имрӯз сарчашма мегирад.

2.Дар ниҳоди хонандагон парваридани ҳифзи сарчашмаҳои таърихӣ, бозёфти нигораҳои осорхонавӣ, ки дорои арзиши баланди таърихӣ доранд.

3.Истифодаи мунтазам ва самараноки маводи осорхона дар ҷараёни таълим вобаста ба мавзуъ.

4.Тарғиби аҳамият, нақш ва мавқею манзалати таърих, осори ниёгон дар шинохти Ватани азизу маҳбуб - Тоҷикистон.

5.Ҷалби хонандагон ба фаъолияти эҷодкорӣ ва таҳқиқот роҷеъ ба омӯзиши таърихи Ватан ва гиромидошти арзишҳои миллӣ.

6.Тарғиб ва ташвиқи:

- мероси таърихиву фарҳангии ниёгон, ки хотираи таърихии халқро ифода менамояд;

- урфу одат, анъанаҳо ва тарзи зиндагии миллат, ки дар он хусусиятҳои миллии мафҳуми кишвар инъикос ёфтаанд.

7.Таблиғи мавод  ва арзишҳои миллӣ, аз қабили: асбобҳои мусиқӣ, зарфҳои сафолӣ, кулолӣ, сӯзанӣ, қолину атлас, гиёҳҳои табобатӣ, гӯштини миллӣ, бозиҳои миллӣ, боигарию сарвати  миллӣ миёни хонандагон ва ҳифзи онҳо.

8.Ташаккули тарбияи ҳувияти миллӣ ва тафаккури миллии хонандагон.

9.Рушди тарбияи худшиносӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ дар миёни хонандагон.

10.Ба роҳ мондани омӯзиши осори пурарзиши илмӣ, адабӣ, таърихии муттафакирони форсу тоҷик ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба тарбияи насли фаъолу эҷодкор ва худогоҳу ояндасоз дар байни хонандагон  [46, с.62].

Дар «Фарҳанги энсиклопедии педагогӣ» омадааст: «Педагогикаи осорхонавӣ соҳае аз илм аст, ки таърих, вижагиҳои фаъолияти фарҳангӣ-омӯзишии осорхонаҳо, равишҳои таъсиргузории осорхона ба қишрҳои гуногуни тамошогарон ва ҳамкории осорхонаро бо муассисаҳои таълимиро меомӯзад» [67, с.108].

Мавзуи таълими осорхонавӣ аз масъалаҳое мебошад, ки ба муҳтаво, усул ва шаклҳои асаргузории осорхона, махсусият ва омилҳои муассири он ба қишрҳои ҷомеа рабт дошта, дарс, методология ва самаранок ба роҳ мондани фаъолиятҳои назариявию амалии таълими осорхонавӣ  муҳим аст. Зеро танҳо тавассути дарки бонизоми мафҳуми осорхона ҳамчун муҳити омӯзишӣ метавон ба ташхиси мавқеи педагогии осорхона ва масъалагузории ҳадафҳо ва вазифаҳои он пай бурд.

Педагогикаи осорхонавӣ ҷанбаҳои фарҳангӣ-омӯзишӣ ва иртиботии осорхонаро фаро гирифта, фаъолияти хосаро ҳангоми раванди фаъолияту муошират ҷиҳати ташаккули шахсияти озод, эҷодкору ташаббускор - иштирокдори фаъоли гуфтугӯйи тамаддунҳо тақозо менамояд.

Мафҳумҳои калидии педагогикаи осорхонаӣ чунинанд:

1. Ашёи осорхонавӣ -ашёи дорои арзиши илмӣ, таърихӣ ва ҳунарӣ, ки дар аснои боздиди шахс ё тамошобин ба таърих, фарҳанг, ҳунармандӣ ва эҷодкории офарандагони ашё шинос мегардад.

2. Фарҳанги осорхонавӣ- аз як тараф, маҷмуае аз ашёи таърихӣ ва аз тарафи дигар фарҳанги, ки равандҳои истеҳсол, таҷдиди тавлиди осори фарҳангиро дар худ таҷассум менамояд.

3. Иртиботи осорхонавӣ - яке аз самтҳои зарурии фаъолиятест, ки мавҷудияти фарҳанги осорхонаро таъмин намуда, гузаштаро ба имрӯз мепайвандад [Мизробзода, 32].

Мавқеъҳо дар мавриди ашё, фарҳанг ва иртибот дар фаъолияти осорхона чунинанд:




- мавқеи эҷодкор (рассом, нависанда, олим, сиёсатмадор), истеҳсолкунандаи унсурҳои фарҳангӣ, ки шоистаи дарёфти мақоми ашёи осорхонаӣ ҳастанд;

- мавқеи шахси дарккунанда (тамошогар, шунаванда, сайркунанда)-и ашёи осорхонаӣ;

- мавқеи педагогикаи осорхона, ки на танҳо маҷмуае аз донишҳои хосро оид ба ашёи дар намоиш ҷойдошта ба тамошогарон мерасонад, балки дар ниҳоди онҳо шавқи пажуҳиши мустақилонаро бедор месозад ва баъзан, миёни тамошогар ва ашёи осорхона робитаро ба вуҷуд меорад. Гузашта аз ин, педагогикаи осорхона ба унвони созмондиҳандаи

иртибот байни шахси эҷодкор ва тамошогар, қабулкунандаи ашёи осорхона маҳсуб мешавад.

Мавқеъҳои мазкур иртиботи осорхонаро ба тамошобин танзим намуда, бо усул ва тарзҳои зер сурат мегирад:

1. Намоиш ва нигориши диққатҷалбкунанда, хотирмон ва фаъол дар осорхона.

2. Шиносоӣ бо таъриху фарҳанг ва осори гузаштагон.

3. Ба роҳ мондани гуфтугӯ миёни тамошобин ва ашёи осорхона, бад- ин васила муаррифии тамаддунҳо ва персонажҳои фарҳангӣ.

Модели педагогикаи осорхона аз қисматҳои зерин иборат аст:

- ҳадаф;
- вазифаҳо;
- самтҳо;
- талаботи хос;
- шакл ва усули кор;
- усул;
- технологияҳои педагогии осорхона.




**Расми 1. Модели педагогикаи осорхона.**

Аз модели таҳиякардаи мо чунин бар меояд, ки ҳадафи педагогикаи осорхонавӣ – фароҳам овардани шароит барои рушди шахсият бо роҳи ҷалби ӯ ба фаъолияти гуногунҷанбаи осорхонаи мактабӣ сурат мегирад.

Самтҳои фаъолияти осорхонаи мактаб:




1.Ҷустуҷӯйи – ҷамъоварии нигораҳо. Омодагӣ ба корҳои ҷустуҷӯйӣ – гирдоварӣ дар раванди такмили осорхонаи мактаб иқдоми асосӣ маҳсуб мешавад. Ин самти фаъолият ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар ҷараёни фаъолияти пажуҳишӣ таъсиргузор бошанд, тавоноии ва пажуҳишии худро нишон диҳанд. Дар чаҳорчӯби тадқиқот метавон ҳар мавзуеро, ки барои хонандагон шавқангез аст, мавриди таҳқиқ қарор дод. Дар марҳалаи муқаддамотӣ азхудкунии мавзуъ аз адабиёт ва маводе, ки дар ҳоли ҳозир дар осорхонаи мактаб вуҷуд дорад, шуруъ мешавад. Ҳамчунин, дарёфт кардани иттилооти изофӣ оид ба мавзуи мазкур аз осорхонаи давлатӣ, бойгонӣ, марказҳои кишваршиносии маҳаллӣ ва аз мулоқот бо сокинони маҳал – шоҳидон ва иштирокдорони ин ва ё он воқеаҳо низ мумкин аст. Дар асоси иттилооти бадастомада роҷеъ ба масъалаи омӯхташуда гузориш тартиб дода мешавад. Дар он доираи ашхосе, ки бояд мавриди ҷустуҷӯ қарор дода шаванд, инчунин, рӯйхати ташкилоту одамоне, ки бо онҳо иртибот барқарор кардан зарур аст, мушаххас карда мешавад. Дар ҳамаи марҳалаи фаъолият бояд рӯзнома тартиб дода, навъҳои гуногуни сабт (наворбардорӣ, сабти овоз ва ғайра)-ро ба роҳ монд.

Яке аз аслҳои асосии ҳар кори пажуҳишӣ фарогирии мукаммали илмӣ (маҷмуӣ) маҳсуб мешавад. Бо пайравӣ аз ин, кишваршиносони ҷавон бояд кӯшиш намоянд, ки мавзуъро ҳамаҷониба тадқиқ намуда, саъй кунанд, ки воқеаҳои омӯхташударо бо равандҳои умумитаърихӣ алоқаманд намоянд, мушаххасоти онро муайян, дурустии иттилооти бадастомадаро исбот ва нақши шахсони алоҳидаро дар ҷараёни воқеаҳо аниқ созанд. Ин амал барои тартиб додани тасаввуроти воқеӣ перомуни

рӯйдодҳои таърихии омӯхташаванда, ҳамчунин, барои дарачаҳои инъикоси он дар ёдгориҳои таърихиву фарҳангии кашфшуда шароит фароҳам меорад.

Ҳамаи ҳуҷҷатҳо (дафтари саҳроӣ, дафтар барои сабти хотираҳо ва ҳикояҳо, аксҳо) ҳангоми фаъолияти ҷустуҷӯӣ – пажуҳишӣ тартибдодашуда низоми ҳуҷҷатҳои ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки тибқи он иттилooту маълумот доир ба ин ва ё он мавзуъ гирд оварда шудааст. Ҳамаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳуҷҷатҳои саҳроӣ, ки ба фонди намоиш шомил шудаанд, бояд ба фонди осорхонаи мактаб супорида шаванд.

Дар давоми корҳои пажуҳишӣ ҳамгироии иҷтимоии муҳаққиқ ва кишваршиноси ҷавон сурат гирифта, дар ин замина муносибати шахсӣ ба масъала равшан мегардад.

2. Тарроҳӣ – намоишӣ. Ҷузъиёти намоиши осорхонавӣ дар он ифода меёбад, ки ин ва ё он воқеа, рӯйдоди табиӣ ва ё иҷтимоӣ дар он на танҳо тавассути ашёи осорхонавӣ, балки бо кумаки воситаҳои техникӣ ва ҳунарӣ инъикос мешавад.

Бинобар ин, дар таҳияи намоиши осорхонаӣ доираи васеи кормандон – кормандони илмӣ, рассомон, тарроҳон, ва техникҳо саҳм мегузоранд. Баргузории намоиш раванди мураккабе аст, ки бояд чандин марҳаларо тай намояд:

А) Тарҳрезии консепсияи намоиш;

Б) Тарҳрезии меъморӣ - ҳунарии намоиш.

Пас аз тасдиқи нақшаи мавзуӣ намоиш ва лоиҳаи меъморӣ -ҳунарӣ аз тарафи Шӯрои илмӣ, осорхона метавонад ба насб ва ҷо ба ҷогузории ашёро шуруъ намояд. Агар ҳамаи иштирокдорон ба баргузории намоиш мароқ зоҳир намоянд, дар ин ҳангом баъзе аз масъалаҳои ин корро метавон ба нақшаи тадриси фанҳои таълимӣ шомил кард. Масалан, дар дарсҳои фанни таърих метавон консепсияи илмӣ - таърихии қисмҳои алоҳидаи намоишро таҳия кард. Дар машғулиятҳои нақшакашӣ метавон нақша ва тарҳи деворгӯшаҳо, рафҳо, минбар ва дигар таҷҳизоти

намоиширо омода сохт, дар машғулиятҳои таълими меҳнат тайёр ва сохтани таҷҳизоти намоиширо омода намуда, дар машғулиятҳои расмкашӣ намунаҳои матнҳои ташреҳиро тартиб медиҳанд, дар дарсҳои математика нархи ашёи омодашуда муайян карда мешавад ва дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ тарроҳии компютерӣ ва ороиши намоиш анҷом дода мешавад.

3.Сайёҳӣ (экскурсионӣ). Ҳама намуди саёҳатҳо як хусусияти умумӣ доранд. Ин умумият дар он зоҳир мешавад, ки ҳамаи онҳо бо такя ба як методи асосӣ – методи сайёҳӣ амалӣ мегарданд.

«Сайри осорхонавӣ шакле аз фаъолияти омӯзишӣ - фарҳангии осорхона мебошад, ки бо мақсади боздиди дастаҷамъона таҳти сарпарастии мутахассис қаблан оид ба мавзуи муайян ва хатсайри махсус ташкил мешавад» [40, с.16].

Намоиш ва нақл асоси сайри осорхонавӣ буда, зимни он хонандагон усули суолу ҷавоб, навъҳои бозиҳои гуногуни маърифатӣ, намоишҳои хурди театрикунонидашуда ва фаъолияти эҷодии мақсаднок, аз ҷумла, расмкашӣ ва моделсозиро истифода карда метавонанд. Ҳар шахсе, ки осорхонаро дӯст медорад, қобилияти нақли шавқоварро доро мебошад, барои азхудкунии донишҳои нав кӯшиш менамояд ва дар ин замина метавонад роҳбалад шавад. Омодагӣ ва баргузории сайр дар осорхонаи мактаб кори осон нест. Ин амал иродаи қавӣ, дониши амиқ, таҷрибаи махсусро тақозо менамояд. Омодагӣ ба интихоби мавзуъ, тартиби матни сайри осорхонавӣ низ бояд таҳти сарпарастии омӯзгор сурат гирад. Дар аснои сайр бояд талаботҳои зер риоя шаванд:

• мақсаднок, бардавом ва бо мавзуъҳои муҳими тақозои замон доир кардани сайр;

• бо роҳи намоишдиҳӣ ва таҳлили ашёи намоишии мушаххас мавриди интихоб қарор додани мавзуи сайр;

• бо нақли ҷолиб ва бо далелҳо тарбиявӣ ва хотирмон гузаронидани сайр.

Барои он ки ин самти кор бомуваффақият ва хотирмон анҷом ёбад, гурӯҳи хонандагонеро, ки хоҳиши экскурсия (сайр)-ро доранд, дар як ҷой ҷамъ карда, онҳоро бо қоидаҳои асосии сайр шинос намудан зарур аст.

4. Чорабинӣ ва корҳои оммавӣ – фарҳангӣ. Яке аз меъёрҳои асосӣ дар арзёбии фаъолияти осорхонаи мактаб, шаклҳои мухталифи корҳои оммавӣ ва тарбиявию таълимӣ, аз ҷумла, баргузории сайрҳо ва машғулиятҳо дар асоси намоишҳо, мулоқоту вохӯриҳо бо иштирокдорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷанговарони башардӯст, муҳофизони сохти конститутсионӣ, чеҳраҳои мондагори илм, фарҳанг ва санъат, кор бо сокинони маҳаллӣ маҳсуб мешавад. Осорхонаи мактаб бояд мувофиқ бо нақшаҳои кории ҳамаи муассисаҳои таълимоти умумӣ фаъолият намояд.

Шакл ва усули фаъолият. Таҳсилоти иловагӣ, ки дар асоси рӯйкарди хонандамеҳвар, ҳамкорӣ дар омӯзиш, сайрҳои таълимии гуногун ва ҳаққи интихоби озоди хонандагон амалӣ мешаванд, ҳарчанд дарсро иваз карад натавонад ҳам, онро мукаммал месозанд, ҷиҳати фаъолгардонии шахсияти хонандагон ва мавқеъёбии иҷтимоии онҳо шароити мусоид фароҳам меоранд. Агар дар дарси таърих хонандагон доир ба шаҳр ва кишвар маълумоти асосӣ ба даст оранд, аммо дар фаъолияти берунаэмактабӣ онҳо метавонанд дониши амиқ ва васеъ андӯзанд, гузашта аз ин, онро дар яке аз навъҳои корҳои амалии худ татбиқ менамоянд, таҷрибаҳои касбии роҳбалад, пажуҳишгар ва корманди илмии осорхонаро азхуд мекунанд. Фаъолияти эҷодии хонандагон бояд ҳам дар мактаб ва ҳам дар осорхона мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, агар мактаб, маъмулан, бо низоми дарсиву синфии худ бо мақсади додани дониш аз муаллим ба хонанда амал кунад, осорхона – ба ҳифозати арзишҳои фарҳангӣ вазифадор аст, пас фаъолияти онҳо дар якҷоягӣ сифатан ғанитар мегардад, онҳо соҳиби имкониятҳои нав, усули ҷадиди корро анҷом медиҳанд. Дар фаъолияти осорхонаи мактаб шаклҳо ва усулҳои мухталифи корро бо истифода аз маводи осорхонавӣ дар раванди таълим мушоҳида карда мешавад. Бо

такя бар ин лоиҳаҳои осорхонавӣ, сомонаҳои осорхона, шаклҳои нави ҳамкории таълимӣ дар мактаб ба вуҷуд меоянд.

Ҳангоми таҳия ва баргузории чорабиниҳо ва корҳои оммавӣ-фарҳангӣ дар чаҳорчӯбаи осорхонаи мактаб бояд асосҳои зерини дар тӯли таърих муқарраршуда ба эътибор гирифта шаванд:

Интерактивӣ, дар ин асно инсон танҳо он чиро, ки худ анҷом медиҳад, дарк менамояд.

Пажуҳиши маҷмуӣ – ғунҷонидани ҳамаи навъҳои идрок;

Барномарезӣ – дар ин ҳангом азхудкунии иттилоот, маҳоратҳо ва таҷрибаҳо дар асоси барномаҳои махсус таҳияшуда таъмину ташаккул меёбанд.

Олими немис Ганс Фройденталь маҷмуаи талаботро ҷиҳати баргузор кардани машғулият дар осорхона, ки имрӯз низ мубрам аст, муайян кардааст:

**«-** ҳар як боздид аз осорхона машғулият маҳсуб мешавад ва он бояд дорои ҳадафи (таълимӣ, тарбиявӣ ва рушддиҳанда) –и хос бошад;

**-** омӯзгор ва хонандагон бояд дарк кунанд, ки боздид аз осорхона саргармӣ ва хушҳолӣ набуда, балки фаъолияти муҳиму ҷиддӣ аст, бинобар ин, бояд ба он омода бошанд;

**-** аз осорхона бояд пас аз омодагии қаблӣ ва дар ҷараёни машғулиятҳои мактабӣ, ки ҳанӯз хонандагон хаста нашудаанд, дидан кард;

**-** аз сайри умумӣ бояд даст кашид, ки дарки он ҳам ба кӯдакону наврасон ва ҳам ба ҷавонон душвор аст;

**-** натиҷаи боздид аз осорхона кори мустақили хонандагон (расмкашӣ, иншо доир ба таассуроти худ, сохтани моделҳо ва ғ.) маҳсуб мешавад» **(**Freudenthal,**72).**

Осорхонаи мактаб бояд дар асоси низоми чорабиниҳои ба нақша гирифташуда фаъолият намояд, макони амалигардониии ҳувияти таърихӣ - фарҳангӣ, маҳалли муколамаи замонҳо, одамон ва ашёи осорхонавӣ бошад.

Муҳиту фазои таълимӣ бояд тарзе фароҳам овардаву сохта шавад, ки муҳтавои он занҷираи «осорхона - мактаб - осорхона» -ро инъикос намояд.

осорхона - мактаб ↗ омӯзгорон ⟶ осорхона
↘ хонандагон

Шаклҳои фаъоли корҳои осорхонавӣ гуногун буда, шаклҳои: оммавӣ, гурӯҳӣ ва фардии фаъолият муҳиму судмандтаранд.

Шакли оммавӣ иборат аз: сайрҳои театрикунонидашуда ва ҳафриётӣ, сафарҳо, шабнишиниҳо, олимпиадаҳо, викторинаҳо, мулоқотҳо бо иштирокдорон ва шоҳидони воқеаҳои таърихӣ, бозиҳои кишваршиносӣ, конфронсҳои мактабӣ, баҳсҳо, суханрониҳо, сафар ба осорхонаҳои шаҳрҳои дигар мебошанд.

Шакли кори гурӯҳӣ-маҳфилҳо, нишастҳо, нашри роҳномаҳо, маҷаллаҳо, наворбардорӣ, ташкили хатсайрҳои осорхонавӣ ва омӯзишии фардӣ тибқи харитаи шаҳр, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ маҳсуб шуда, фаъолияти мазкур таҳти раҳнамоии омӯзгор сурат мегирад ва маводи таҳияшуда ҳангоми машғулиятҳои синфӣ – дарсӣ ва хориҷ аз мактаб мавриди истифода қарор дода мешаванд. Омӯзиш ва таълими осорхонавӣ дар баробари ҳифзу нигаҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва намоишдиҳии ашёи осорхона яке аз навъҳои асосии фаъолияти осорхона маҳсуб мешавад. Фаъолияти омӯзишии бисёре аз осорхонаҳо дар айни замон бо дигар муассисаҳои таълимии кишвар чандон ҳамсохтор ва ҳамоҳанг нест; он на ҳамеша бо дидгоҳи муосир аз осорхона ҳамчун низоми ягонаи илмӣ ва фарҳангиву омӯзишӣ мутобиқат мекунад.

Таҳлили таҳқиқоти олимон нишон дод, ки ҷиҳати такмили корҳои тарбиявию омӯзишии осорхонаҳо бо унсурҳои таҳлили аввалияи ин умур дар фаъолияти осорхонаҳои маҳаллӣ ва марказӣ фаъолиятҳои мушаххасе лозим аст. Дар айни замон, вақте сухан дар бораи ташаккули шахсияти хонанда, тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва фарҳангшиносии онҳо меравад, ҷараёни рушдёбанда, қавӣ ва гоҳе васеи иттилоот ба ташхиси махсус, метавон гуфт, ба як маҳдудияти хос ниёз дорад. Ҷомеа дар

масъалаи тарбия ва омӯзиши шахсияти чӣ хурду чӣ бузург ба иттилооти мақсаднок, боэътимод, хуб ба роҳ мондашуда ва барои зуд дастрасшаванда эҳтиёҷ дорад. Азбаски омӯзиш дар баробари ҳифзу нигаҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва намоишдиҳии ашёи осорхонавӣ яке аз навъҳои асосии фаъолияти осорхона маҳсуб мешаванд, аз ин хотир, нақши осорхонаҳо, бешак, муассир мебошанд. Осорхонаҳо ҳамроҳ бо дигар ниҳодҳои илмии кишвар, аз ҷумла, муассисаҳои таълимии асосиву миёна, донишгоҳу донишкадаҳо, китобхонаҳо ва бойгониҳо муассисае маҳсуб мешаванд, ки таҷрибаҳои тамаддуни ҷаҳониро ҷамъоварӣ намуда, онро ҳамчун маҳсули таҷрибаҳои ҳамагонӣ ба таҳсилот ва омӯзиш пешниҳод месозанд. Ҳатто осорхонаҳо дар ин замина бинобар дастрасӣ, ошкор будан ва ба ҳамаи табақаҳои ҷомеа мансуб будани худ бартарияти бештар доранд. Мароқангезии осорхона ба унвони муассисаи маърифатӣ, ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки ин ниҳод ҳамчун воҳиди миёнарав байни мавзеъҳои мероси таърихиву фарҳангӣ ва қабулкунандаи иттилоот – гирандаи кодҳои фарҳангӣ, таҷрибаҳои фарҳангӣ ва суннатҳои ҳунарии наслҳои гузаштаро интиқол медиҳад, як дарки устувор ва таҳаммулпазир аз арзишҳои ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии онҳоро шакл мебахшад. Ҳамчунин, осорхона ба ташаккули нигариши таҳаммулкунанда ба шаклҳои мухталифи табиӣ, мардумшиносӣ, динӣ, ҳунарӣ ва фарҳангии халқҳои гуногун мусоидат мекунад. Нақши ангезишии осорхонаҳо дар рушди салоҳияти эҷодии наврасону ҷавонон ва имкониятҳои эстетикии онҳо хеле бузург аст.

Умуман, ҷиҳати рушди барномаҳои омӯзишиву таълимии осорхона ва таҳкими мавқеи он дар байни муассисаҳои маорифу фарҳанг осорхона бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, дигар осорхонаҳо, ташкилоту идораҳо ва муассисаҳои маорифу фарҳанги ноҳия, пойгоҳи бостоншиносӣ ва ниҳодҳои пажуҳишӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма, намояндагони соҳибкории хурду миёна, ки омодаанд, барномаҳои фарҳангӣ-маърифатиро маблағгузорӣ кунанд, робитаи зич дошта бошад, ба манфиати кор мебуд.

## Хулосаи боби якум

Дар боби якуми диссертатсия бо назардошти масоили асосҳои осорхонашиносӣ, арзишҳои миллӣ ва алоқаи он бо пажуҳишҳои илмӣ таҳлил ва тадқиқ гардидааст. Асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ аз нигоҳи олимони тоҷику Россия ва Аврупо мавриди омӯзиши мукаммал қарор гирифтаанд.

Сараввал, пеш аз дохил шудани комил ба мавзӯъ, дар масоили ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон чун пояи муҳими тарбияи худшиносии миллӣ гуфта шуда, дар ин замина иқтибосҳо аз каломи олимони соҳа оварда, он як ба як мавриди таҳлилу баррасии ҷудогона қарор гирифт. Сипас бобати таърихи осорхона ва илми осорхонашиносӣ ҳамчун ҷузъи худшиносии насли башар дар Тоҷикистон ва ҷаҳон дар асоси ақидаи муаррихон таҳлили ҷудогона сурат гирифт. Ва пас аз ин, масъалаи асосӣ дар боби мазкур, ки оид ба тарзу ташкил ва ба роҳ мондани тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ омӯхта шуд ва зимни таҳлилҳо ба хулосаҳои муҳим дастёб гардидем. Зеро аз синни мактабӣ ба тарбия фаро гирифтани наврасон дар дарсҳои фанни таърихи халқи тоҷик дар осорхона муассир хоҳад буд. Ва ё ба тарзи дигар, осорхонаи мактабӣ барои хонандагон дар дасрҳо ҳамчун аёнияте ба кор меравад, ки боиси дуруст маърифатӣ кардани хонанда дарсро ва, ҳамзамон, дар рӯҳияи худшиносии миллӣ тарбия ёфтани наврасону ҷавонон мусоидат мекунад. Дар ин боб мавзуи мавриди назар бо мисолҳои мушаххаси назарию амалӣ ифода ёфтаанд.

Таҳлили масъала дар боби якум собит месозад, ки осорхона ба унвони як ниҳоди фарҳангӣ дар ҷомеа, махсусан, дар миқёси мактабу маориф, бисёр зарурист. Ҳадаф ва мақсади асосии осорхонаҳо бевосита ҷамъоварӣ ва нигоҳдории осори таърихию фарҳангӣ мебошад. Албатта, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории осору ашёи таърихӣ дар осорхонаҳо таърихи

дерина дорад, аммо аз нигоҳи илми имрӯза осорхона дар баробари ҳифз ва нигоҳдошти осори таърихӣ, инчунин як маркази бузурги омӯзишу пажӯҳиш, маркази фарҳангию фароғатӣ маҳсуб меёбад.

Осорхонашиносӣ - соҳаи илмест, ки пайдоиш ва вазифаҳои иҷтимоии осорхонаҳо, назария ва методикаи кори онҳоро меомузад. Аз ин ҷост, ки олимон ва мутахассисони соҳа, илми осорхонашиносиро ба ду қисмат ҷудо намудаанд:

1. Қисмати назарӣ, яъне осорхонашиносӣ (музеелогия) дар бораи таърихи пайдоиши осорхонаҳо, сохтори осорхонаҳо, нақши осорхона дар тавсеаи фарҳанг ва ғайра маълумот медиҳад.

2. Қисмати амалӣ, яъне осорхонанигорӣ (музееграфия) дар бораи ҷамъоварии ашё, (вазифаи аслии осорхона) ҳифз ва нигоҳ доштани ашё, бақайдгирӣ ва феҳристнигории ашё, омодасозии ашё барои ба намоиш баровардани онҳо ва инчунин корҳои илмӣ – тадқиқотӣ маълумот медиҳад.

Осорхона - муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва фарҳангӣ-маърифатие мебошад, ки дар мувофиқа бо функсияҳои иҷтимоии худ пуррагардонӣ, нигоҳдорӣ, омӯзиш ва тарғиби ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва инчунин объектҳои табииро амалӣ менамояд. Осорхонаҳо дар маҷмуъ муҳити махсусро ба вуҷуд оварда, дар асоси он барои ташаккулёбии арзишҳои маънавӣ, натиҷаҳои моддии фаъолияти одамон ва объектҳои табиат хизмат менамоянд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ вожаи осорхона (музей) ҳамроҳ бо таҳаввулот ва инқилоби санъат дар адабиёту фарҳанги форснажод ворид гардидааст. Дар мавриди бардошт аз мафҳуми осорхона чунин омадаст: «Осорхона ба истилоҳи мардуми Фаранг макон ва маҳали махзани осори қадимӣ ва ашёи нафоису мустазрафоти дунёст».

Вобаста ба истифодаи мафҳуми осорхона дар асноди расмии Тоҷикистон бояд ҳаминро қайд кард, ки ин мафҳум дар Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхона» ба чунин шакл қаламдод шудааст: «Осорхона – муассисаи ғайритиҷоратии фарҳангӣ, ки бо мақсади дарёфт, бақайдгирӣ, гурӯҳбандӣ, барқароркунӣ, нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва намоиши оммавии ашё ва коллексияҳои таърихию фарҳангӣ таъсис дода мешвад».

Омӯзиши илми осорхонашиносӣ дар замони ҳозира характери илмӣ дошта, муносибати одамонро ба таъриху осори аз қадим боқимондаи инсоният шинос месозад ва муҳимтар он, ки одамонро бо ҳам наздик мекунад. Мақсад ва вазифаҳои асосии осорхонаро метавон ба таври зайл баён намуд:

- ҷамъоварӣ, ҳифз ва нигоҳдошти осори таърихиву фарҳангӣ;
- ба намоиш баровардани мероси фарҳангӣ;
- таблиғу ташвиқи осори таърихӣ;
- ошно намудани мардум ба арзишҳои фарҳангии миллат;
- барқарор намудани ҳамкориҳо миёни осорхонаҳои кишвар ва хориҷи он;
- таҳқиқ, омӯзиш ва пажӯҳиши осори таърихӣ;
- таҳияи барномаҳои омӯзишӣ, ҷиҳати ошно намудани ҷомеа бо арзишҳои фарҳангӣ;
- баргузор намудани ҷаласаву семинарҳои тахассусӣ дар робита бо риштаи осорхонашиносӣ;
- баргузор намудани намоишҳои муваққатӣ дар сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ;
- таҳия ва чоп намудани мақола, маҷалла ва китобҳои тахассусӣ.

Дар рисола таъкид шудааст, ки осорхона ҳамчун муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳамчун институти иҷтимоии ҷомеа бояд дар ҳама давру замон ва шароитҳои мухталиф ҷамъоварии ёдгориҳои таърихӣ ва гирдоварии осореро, ки шоҳиди равнақу воқеаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа

мебошанд, дар шакли ёдгориҳои аслӣ, ҳуҷҷатҳо ва суратҳо ҷамъоварӣ намояд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки масъалаҳои ҳалталаби музейшиносӣ дар асри XX аз нигоҳи нав ба миён гузошта шуда, зумрае аз олимон пешниҳод менамоянд, ки ин фан аз доираи фанҳои гуманитарию ҷомеашиносӣ ҷудо карда шуда, мустақил гардад ва барои пеш бурдани ин соҳаи илм мутахассисонро бояд омода намуд.

Баҳсу мунозираҳо нисбат ба «Осорхонашиносӣ» ҳамчун илм ё фан солҳо давом кард. Ба ин матлаб осорхонашиносӣ аз рӯйи равияҳои номбаршуда ва таҳлили ҳаматарафаи илмии он чун фанни илмӣ сохт, таркиб ва соҳаи махсуси худро пайдо кард: Аз ҷумла:

1. Назарияи кори осорхонаҳо (назарияи умумӣ, фаннии осорхонаҳо, ҳуҷҷатгузорӣ, назарияи кори фонди илмӣ ва назарияи коммуникатсионӣ).

2. Таърих ва историографияи кори осорхонаҳо.

3. Сарчашмашиносии осорхонаҳо.

4. Музеография - номнависи осорхонаҳо ва коллексияи он, нишон додан дар феҳристҳо ва ғайра.

5. Методикаи кори осорхонаҳо - методикаи кори намоишӣ, ташкили кори роҳбарӣ ба тамоми воситаҳо (ҷомевшиносӣ, техникӣ ва ғ).

6. Педагогика ва психологияи осорхонаҳо.

7. Корҳои иттилоотии осорхонаҳо ва ҳоказо.

Омӯзиши масъалаи осорхонашиносӣ дар мамлакати мо пас аз ноил шудан ба Истиқлолияти давлатӣ мазмун ва мундариҷаи нав пайдо кард ва ба қатори падидаҳои арзишманд ворид гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба таърихи пурифтихори кишвар таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, дар соҳаи илми таърих асарҳои беназире таълиф намудааст. «Дар шароити ҷаҳонишавӣ – қайд мекунад, – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, – яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат – ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла, ёдгориҳои таърихӣ

мебошад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст. «Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст». Бо ин мақсад дар ҷумхурӣ махсус санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурамал барои кормандони ҳифзи ёдгориҳо бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба тасвиб расида, дар он тамоми қонунҳои аз тарафи давлати Тоҷикистон интишоршуда ифода ёфтаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат – ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла, ёдгориҳои таърихӣ мебошад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст. «Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст». Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ махсус санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурамал барои кормандони ҳифзи ёдгориҳо бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба тасвиб расида, дар он тамоми қонунҳои аз тарафи давлати Тоҷикистон интишоршуда ифода ёфтаанд.

Ба феҳристи мероси ҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО ворид шудани ёдгории қадимаи Саразм, ки таърихи панҷҳазорсола дар пушти сар дорад, низ амри муҳиме дар тавсеаи эътирофи ҷаҳонии фарҳанги миллӣ ва таърихи қадимаи тоҷикон шинохта мешавад. Феълан тавассути барномаи фаромиллии «Шоҳроҳи бузурги абрешим» омодагӣ ва корҳои пажӯҳишӣ ҷиҳати ба феҳристи ЮНЕСКО шомил намудани ҳашт ёдгории таърихиву фарҳангӣ: «Шаҳраки қадимаи Панҷакент», «Шаҳри Бунҷекат», «Қалъаи Ҳисор», «Маъбади буддоии Аҷинатеппа», «Мадрасаи Хоҷа Машҳад», шаҳри «Тахти Сангин», «Шаҳри Ҳулбук», «Қалъаи Ямчун» дар арафаи анҷомёбист.

Президент роҷеъ ба такмили усулҳои таълиму тарбият сухан ронда, ҳануз соли 1996 таъкид карда буданд, ки эҳтиром гузоштан ба

муқаддасоти миллӣ аз донистани онҳо шурӯъ мешавад. Ба ин хотир мо бояд тамоми низоми таълиму тарбияро дар мактаб бо дарназардошти ниёзҳои истиқлолияти давлат, самтҳои пешрафти ҷомеа, арзишҳои маънавию ахлоқии халқамон дар пайвастагӣ бо арзишҳои умумибашарӣ таҷдиди назар кунем.

Дар рафти фаъолият, таҳлил ва мушоҳида намудани кори Осорхонаи маорифи кишвар осорхонаҳои мактабӣ ҳангоми сафарҳои хидматӣ ҳамчун объекти мушоҳида қарор мегиранд. Кормандони илмии осорхона ба ҷавонони имрӯза паҳлӯҳои гуногуни кори осорхона ва аҳамияти тарбиявӣ доштани онро шарҳ медиҳанд. Ҳар як сӯҳбату вохӯрӣ дар осорхона доираи ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ менамояд, онҳоро аз ҷиҳати маънавӣ, тарбияи ахлоқӣ бархурдор менамояд.

Тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ омӯзиши таърихи ниёгон, эҳёи анъанаҳои миллӣ ва меҳанпарастиро дар назар дорад. Вақте ки худро «тоҷик» меномем, вале аслу насаб, таърихи давлату давлатдорӣ, фарҳанги ниёгони худро намедонем, худро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ карда ҳам наметавонем. Файласуфи Юнони қадим Суқрот мегӯяд: «Худро бишнос». Воқеан ҳам то он вақте ки инсон худашро нашиносад, инсони комил шуда наметавонад. Дар ин хусус, зикри ақидаи Пешвои миллат айни муддаост: «… инсон таърихи гузаштаи худро фаро нагирад, табиист, ки аз зоти худ, роҳи тайкарда, дастовардҳои сиёсиву фарҳангӣ ва бурду бохти мардумаш ноогоҳ монда, чун махлуқи одамсурат, вале бепарво, бемасъулият, бенишон умр ба сар мебарад».

Имрӯз ҳар як хонанда, донишҷӯ бо кӯмаки амалии устодон таърихи Ватанро аз нигоҳи нав бояд омӯзанд. Дар рафти омӯзиш хонандагон ба омилҳои зерин: аз худ кардани таҷрибаи мусбати таърихӣ, таҳлили объективонаи мушкилиҳо, камбудиҳо ва каҷравиҳо дар гузашта ва равшан донистани вазифаҳои имрӯза ва ояндаи кишварамон диққати махсус диҳанд. Бо туфайли омӯзиши ин фан хонандагон ва донишҷӯён

дорои тафаккури таърихӣ гардида, бо воқеият шинос шуда, аз камбудиҳои ҷиддии гузашта сабақ хоҳанд гирифт. «Омӯхтани таърих - гуфтааст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон - ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳиояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад».

Дар боби аввал инчунин хусусиятҳои хоси шаклгирии мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мавриди таҳлил қарор гирифт. Пеш аз ҳама, аз аҳамияти калони худшиносии миллӣ иборат будани дарси таърихи халқи тоҷик ба ҳамагон маълум аст ва ин албатта, бе заҳмати омӯзгори асил ба даст нахоҳад омад. Ва осорхонаи мактабӣ низ ҷузъи ин дарс маҳсуб мешавад. Метавон гуфт, ки ташаккули тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, маҳз, аз истифодаи самараноки муштараки дарсу осорхонаи мактаб шакл мегирад. Илова бар ин, ташкил ва баргузории чорабиниҳо аз тарафи шахсони мутасаддӣ дар осорхонаи мактаб дар рушди тарбияи хонандагон самаранок ва намунаи нақша-чорабиниҳо низ дар ҳамин қисмат таҳлил гардидааст.

Мусаллам аст, ки агар шахс маълумоти заминавӣ дар бораи ҷузъиёти таърих надошта бошад, дидани осорхонаҳои аҳамияти байналмилаллӣ дошта ба назараш афсонае беш наменамояд. Дар заминаи маълумоти илмӣ ва назариявӣ, таҳкими худшиносии миллии хонандагон тавассути таълими фанни таърих дар заминаи омӯзиши хидматҳои Пешвои миллат – ҳамчун поягузорӣ давлати соҳибистиқлол мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамчунин, дар ин боб вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ дар дарсҳои таърих ва адабиёт мувофиқи талаботи замони муосир низ баррасӣ гардидаанд.

## БОБИ II. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАТБИҚИ КОРҲОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯВИИ ОСОРХОНАҲО ДАР ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАВҚЕИ ШАҲРВАНДӢ ДАР НАВРАСОНУ ҶАВОНОН

### 2.1. Татбиқи усулу воситаҳои таъминкунандаи самарабахши ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ

Истиқлолият барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа заминаи воқеӣ гузошт. Маҳз, истиқлолият буд, ки мо ба мероси таърихиву фарҳангии миллати хеш боз наздиктар шавем ва онро дақиқназарона мавриди омӯзишу истифода қарор диҳем.

Яке аз вазифаҳои асосӣ ҳоло дар кишвари соҳибистиқлоламон дар шуури ҷавонон бедор кардани ҳисси ватанпарастӣ, ватандустӣ ва ҳисси мавқеи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Осорхонаҳои мактабӣ дар ин кор саҳми муносиб гузошта метавонанд.

Тарғибу ташвиқи осори таърихию фарҳангӣ аз муҳимтарин вазифахои осорхона мебошад. Мероси фарҳангӣ ҳамчун баёнгари руҳи миллӣ, расму оин ва хотираи таърихӣ дар тарбия ва ташаккули шуур, ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ нақши муҳим дорад. Дар ин робита, муассисаҳои фарҳангӣ ҳамчун пойгоҳи иҷтимоӣ саҳм гирифта, барои аз як насл ба насли дигар интиқол додани арзишҳои миллӣ мусоидат менамоянд. Дар ин радиф, осорхонаҳо, ба хусус, осорхонаҳои мактабӣ, мавқеи хоса доранд.

Муаррих Бахтовар Темирзода дар мақолаи хеш қайд менамояд, ки “Дар тарбия намудани насли наврас истифодаи ёдгориҳои таъриху фарҳанги гузаштагон хеле зарур аст. Чӣ хеле, гуфтаанд: “Шунидан кай бувад монанди дидан». Албатта, агар ба хонанда доир ба таърихи кишвари худ, зодгоҳи худ ҳангоми мушоҳида намудани мероси моддӣ, таълиму тарбия дода шавад, пас дар он вақт дар ӯ ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳӣ нисбати таърихи Ватан ва аҷдодон бедор мешаванд ва дар замири ӯ заррае бошад ҳам, меҳри беандоза нисбати

ҳифзу посдории мероси боқимондаи таърихӣ пайдо мешавад» [108, с.124].

Барои ба низоми нави рушд ворид шудани осорхонаҳо, қабл аз ҳама, бояд қабул шудани асноди ҳуқуқию меъёрӣ ва шароитҳои заруриро фароҳам овард. Ҳалли бештари масоили марбут ба рушду такмили осорхонаҳо инъкоси воқеии худро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (ба руйхати адабиёт ) (с.1997) пайдо кардаанд. Қонуни мазкур барои сифатан беҳтар намудани ҳифзу нигоҳдории сарватҳои фарҳангӣ ва мавриди омӯзишу тарғиб қарор додани онҳо мусоидат мекунад.

Дар руҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, бунёдкорӣ, сулҳхоҳӣ, илмомӯзӣ, некуахлоқӣ, худшиносӣ, ҳифзи осори фарҳангӣ, моддию маънавии ниёгон ва дигар ахлоқи ҳамида тарбия намудани насли наврас яке аз нақшаҳои умдаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва вобаста ба ин, мақоми осорхонаҳо дар амалӣ шудани ин нақшаҳои тақдирсоз аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарк ва бо ин мақсад такмилу таҳкими минбаъдаи фаъолияти осорхонаҳо дастгирӣ меёбад. Аз ин ҷост, ки солҳои охир ба фаъолияти осорхонаҳо дар сатҳи давлатӣ аҳамият дода мешаванд.

Худшиносии миллӣ унсури асосии табиати шахсият мебошад, ки огоҳии мансубият ба ягон миллат, мавқеи шахс дар ин ҷомеа ва системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, фаҳмиши манфиатҳои миллӣ ва муносибатҳои ин миллатро бо дигарон муайян мекунад. Аҳамияти ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ҷанбаи сиёсию иҷтимоӣ ва ҳам маданию фарҳангиро фаро мегирад. Синну соли наврасиву ҷавонӣ давраест дар ташаккули шахсият, ки дар шуури хонанда заминаи сифатҳои шаҳрвандӣ гузошта мешаванд, эҳтиром ба одамон, фаҳмиш ва дарки атрофиён, сарфи назар аз пайдоиши иҷтимоӣ, миллат, забон ва дин омӯзонида мешаванд.

Тарбия ва таълими насли наврас раванди ниҳоят масъулиятнок ва чиддӣ буда, тақдири насли ояндаи ҷомеа аз сифати он вобаста аст. Бо дарки ин масъулият омӯзгоронро зарур аст, ки кори таълиму тарбияи насли наврасро бо методу равиши хоса самаранок ба роҳ монанд.

Осорхонаи мактабӣ ҳамчун ҳифзкунанда ва муаррифгари таърихи диёр ва муассисаи таълиму тарбиявӣ бо пешниҳоди мавод оид ба кишваршиносӣ, инъикоси ҳаёти собиқадорони ҷангу меҳнат, фаъолияти омӯзгорону хатмкунандагон ва бозтоби рӯйдодҳои ҳаёти мактаб дар тарбияи ҳисси ватанпарастии хонандагон нақши муҳим мебозанд. Дар айни замон боло бурдани нақши таълиму омӯзиш ба василаи муассиса хеле муҳим аст. Такмили муҳтавои таълиму тарбия, ки имрӯз бо супориши Ҳукумати ҷумҳурӣ, хусусан, бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва барномарезиҳои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии кишвар роҳандозӣ мешавад, ба рушди шахсияти хонандагон ва таҳкими мавқеи маҳсули ниҳоии мактаб, яъне хатмкунандагон равона шудааст.

Тавре, ки дар мақолаи София, Н. "Осорхона дар мактаб" омадааст: «Ман дарк менамоям, ки мактаб дар баробари ҳалли масъалаҳои таълиму омӯзиш, бояд бо такя ба ҷанбаҳои ахлоқӣ ва маънавӣ дар инсон ба ҳар як толибилм кӯмак намояд, то ки арзишҳои аслии ҳаёти шахсии худро муайян созад, баҳри ҳифзи асосҳои ахлоқии ҷомеа, ки худогоҳии миллӣ ва меҳанпарастӣ маҳсуб мешаванд, эҳсоси масъулият намояд. Аммо тарбияи ҳисси ватандӯстиро наметавон ба таври иҷборӣ ва ё ба таври сунъӣ ташаккул ва анҷом дод. Ин ғоя бояд бар асоси зарурати воқеӣ, ниёзҳои иҷтимоӣ ва қонуниятҳои таърихӣ амалӣ шавад[79, с.6].

Тарбияи ватандӯстии насли наврас ҳамеша яке аз ҳадафҳои асосии муассисаҳои таълимии муосир маҳсуб мешавад, зеро бачагӣ ва наврасӣ даврони мувофиқтарин барои ба даст овардани ҳисси муҳаббат ба Ватан

мебошад. Ин ҷо ҳамон шоҳбайти Абдурраҳмони Ҷомӣ пеши назар меояд, ки гуфта буд:

Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,

То ба охир меравад девор кач.

Зери мафҳуми тарбияи меҳанпарастӣ шаклгирии мунтазам ва тадриҷан эҳсоси муҳаббат ба Ватани худ дар ниҳоди хонандагон ташаккул дода мешавад. Ватандӯстӣ яке аз вижагиҳои муҳими шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта ба шумор меравад. Дар тинати хонандагон бояд ҳисси ифтихор аз Ватан ва миллати худ, эҳсоси эҳтиром ба корнамоиҳои бузурги ниёгон ва сафаҳоти дурахшони гузашта ба ҷиддӣ таҳким ёбад. Дар ҳоли ҳозир, масъалаи ватандӯстии хонандагон беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, мубрам будани худро аз даст надодааст, аммо ҳассосияти хосеро касб кардааст. Вақте дар тарбияи наврасони ватандӯст, фидокор ва ҷоннисор ғамхор ҳастем, метавон чунин маънӣ бардошт, ки мо ба рушд ва шаклгирии ҷомеаи солим ва иқтидори ватандорӣ иқдом мегузорем. Ин аст рисолати ҳамешагии ҳар педагоги ватан дар кори тарбияи насли наврас.

Дар рисолаи илмии Қодиров Ю – «Осорхонаи мактабӣ ҳамчун восита дар ташаккул додани ҳисси ватандӯстии хонандагон» зикр шудааст, ки: «Ватандӯстӣ дараҷаи ахлоқӣ буда, аз сифатҳои фардӣ ва шаҳрвандии шахсият ҷудо намебошад. Барои он ки ин сифатро дар инсон парвариш диҳем, роҳу шеваҳои муназзаме лозим аст, ки онро имрӯз бояд бар асоси талош ва ниёзҳои ҷадиди ҷомеаи муосир роҳандозӣ кард». [40, с.22].

Ташаккули меҳр ба Ватану ватандӯстӣ ва тарбияи дурусти он тақозоизамон аст: ба онҳое, ки имрӯз пушти мизи мактаб нишастаанд, бо ояндаи инкишофи мамлакати мо вобастагӣ дорад. Мактаби муосир нобаста аз мақоми худ ба осорхонаи мактаб ҳамчун омили парвариши эҳсоси ватандӯстӣ, фарҳанги маънавию ахлоқии шахсият, шаҳрванди

сазовори ватан, ки бидуни он ояндаи моро тасаввур кардан номумкин аст, эҳтиёҷи шадид дорад.

Равоншиносон муайян кардаанд, ки хонандагон ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ дорои ҳассосияти зиёд нисбат ба воқеияти атроф буда, ба ҳақиқати он чизе, ки ба онҳо меомӯзанд, мегӯянд, бовар доранд, ба омӯхтани меъёрҳои ахлоқӣ зарурат доранд. Маҳз, дар ҳамин овон барои тарбияи бонизоми ахлоқӣ имконоти фарох вуҷуд дорад, ки дар раванди он мавқеи шаҳрвандӣ ва ҳисси ватандӯстӣ ташаккул меёбад.

Дар овони камолёбӣ ва бавоярасӣ дар тинати хонандагон шаклгирии сарчашмаи қаҳрамонӣ оғоз меёбад, ки ниёз ба амалӣ шудан дошта, бо таассуфи зиёд метавон гуфт, ки дар айни замон ин падида дур аз мадди назари мо  мондааст. Агар ҳамин бетаваҷҷуҳӣ минбаъд идома ёбад, ин нерӯи бедоршудаи олами ботинии наврасон дар созмону фирқаҳои ғайриҷамъиятӣ, ки сол ба сол ҷараёни зиёдшавӣ доранд, мавриди истифода қарор мегиранд ва ҷомеаро ба оқибатҳои фоҷиабор оварда мерасонанд.

Албатта, тавре ба ҳамагон маълум аст, вазифаи мактаб, пеш аз ҳама, аз омӯзиш ва таълим, тарбия додан иборат аст. Аммо имрӯз баробари зуҳури бӯҳрони маънавии охири асри XX ва аввали садаи XXI ки дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад, маълум гардид, ки масъалаи тарбияи ахлоқӣ ва маънавии наврасон бояд дар маркази таваҷҷуҳи муассисаҳои таълимии кишвар қарор дошта бошад.

Дар айни замон, созмону ташкилотҳои экстремистиву террористӣ, ҳизбу ҳаракатҳои мазҳабӣ бо истифода аз идеологияҳои иртиҷоии динӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоии интернет ба фазои иттилоотии ҷумҳурии мо нуфуз пайдо карда, бо ҳамин роҳ мехоҳанд, ба мафкураи наврасону ҷавонони тоҷик таъсир гузоранд, ниятҳои нопоки худро, ки иборат аз барангехтани оташи низоъу ҷанг дар ҷомеа мебошад, дар кишвар амалӣ созанд. Ин аст, ки мо бояд бештар ба тарбияи ахлоқиву маънавӣ, мавқеи наврасон дар ҷомеа, гароишу тамоюлҳои онон бештар диққат диҳем,

онҳоро ба омӯзиши фарҳанги оламшумул ва инсонгароёнаи ниёгон ҳидоят намоем.

Дар ҳақиқат, ақидаҳои гуманистӣ ва инсонгароӣ ба ташаккули маънавиёти инсон таъсиррасон аст. «Ғояҳои гуманистӣ ҳамеша бо ҳалли масъалаи ташаккули инсон, фароҳам овардани шароит барои инкишофи мутаносиби он зич алоқаманд буданд» [34, с.109].

Имрӯз зарурат пеш омадааст, ки таърихи гузаштаи халқамонро амиқ омӯхта, аз бурду бохт, пирӯзиву нокомӣ, қаҳрамониҳои фарзандони диловари миллат бохабар шавем, самти зиндагӣ ва марому мақсади миллиамонро муайян созем, ба бунёдкориву созандагӣ қадами устувор гузорем. Дар ин ҷода теъдоди зиёди осорхонаҳои кишвар, аз ҷумла, осорхонаҳои мактабӣ, ки дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ амал мекунанд, моро ҳамроҳӣ мекунанд.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати рушди осорхонаҳои мамлакат ва зиёдшавии теъдоди онҳо иқдом намуда, барои фаъолияти босамари осорхонаҳо шароитҳои мусоид фароҳам меоранд. Аз ҷумла, дар соли 2022 осорхонаи Пешвои миллат дар ноҳияи Данғара ифтитоҳ гардид. Афзоиши шумораи осорхонаҳои мактабӣ дар ҷумҳурӣ низ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар кишвар раванди эҳёи осорхонаҳои мактабӣ ривоҷ ёфта, ба ташаккули худшиносии миллӣ, бедории ҳисси ватанпарастии хонандагон таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад.

Имрӯз барномаҳои ҷомеи корҳои тарбиявӣ ва таърихомӯзӣ дар робита бо осорхонаҳои мактабӣ тарҳрезӣ мешаванд, ки ба мафкура, ҷаҳонбинӣ ва шуури хонандагон таъсири нек мегузоранд. Маврид ба зикр аст, ки мақсад аз ташкил намудани осорхонаиҳои мактабӣ ҳам тақвияти ҳамин фикр аст. "Мақсади осорхонаҳои муассисавӣ тарғиби дастовардҳои илм, фарҳанг, таърих, анъанаҳои миллӣ ав ҷаҳониро омӯзонидану аз худ намудан, баланд бардоштани мавқеи ҷараёни таълиму тарбия, фаъол намудани амалҳои ҷустуҷӯйӣ-тадқиқотӣ, эҷодӣ

ва мустаҳкам намудани робитаи муассиса бо осорхонаҳои ҷамъиятию давлатӣ маҳсуб меёбад”. [82,с.10].

Пас маълум мешавад, ки осорхонаҳои мактабӣ дар тарбияи насли ҷавон дорои аҳамияти бузурги хештаншиносиву худогоҳии миллӣ иборат мебошанд. Вобаста ба ин, бояд тарзе аз осорхонаҳои мактабӣ мавриди истифода қарор дод, ки натиҷаи он ба рушди тарбияи шаҳрвандии ҳар хонанда таъсири амиқи хешро гузорад.

Албатта, фақат ташкил намудани осорхона дар мактабу онро бо ашёи мухталиф, ки ба таърихи миллат оид аст, таъмин намудан бар манфиат нест. Натиҷаи ин кор ҳамон ҳамон заминеро мемонад, ки бешудгору кишт мондааст. Аз ин хотир, дар роҳи истифодаи босамари осорхонаи мактабӣ ақидаҳои педагогону методистони пешқадамро мавриди омӯзиш қарор дода, бо иловаи роҳу равиши тоза ва истифодаи воситаҳои навро ба роҳ монем.

Масалан, мувофиқи методу усули анъанавӣ дар ғанӣ гардонидани осорхонаи мактабӣ ба хонандгоне, ки фанни таърихро меомӯзанд, дар таътили тобистона ва умуман, дар ҳар сайру саёҳат ҳамеша омӯзгоронро мебояд, ки талқин намоянд, то хонандагон ҳар ашёи нодиреро, ки пайдо мекунанд, ҳатман ба осорхонаи мактаби хеш оранд. Муаллимонро зарур аст, ки атрофи ҳар бозёфти таърихии пайдогардида таҳқиқоти комил анҷом диҳанд, инчунин, мавқеи пайдогардида ва баромади таърихии онро бо хонандагон муашаххасу амиқ созанд. Ин раванд, агар аз як тараф боиси бой гардидани осорхонаи мактабӣ шавад, аз тарафи дигар, бо эҳтимолияти зиёд оғози кашфиёти нав мешавад, ки бозгӯкунандаи як ҷузъи таърихи миллат аст ва диққати аҳли олимони соҳаи таърихро ба сӯйи худ ҷалб мекунад. Ҳамзамон, дар пайи ин, на танҳо як хонанда, балки тамоми хонандагони мактаб аз кашфиёти нав бохабар гашта, дар вуҷуди эшон ҳисси баланди хештаншиносию ватандӯстӣ бедор мегардад ва завқи омӯзишашон низ, бидуни шак, бештар аз пештар хоҳад гашт.

Метавон илова намуд, ки дар ҳолати рӯ ба рӯ шудан ба ин вазъ омӯзгоронро зарур аст, ки баъди ин ҳама бозёфтҳо атрофи ҳамин маводи ёфтшуда ва ба таъриху фарҳанги  халқи тоҷик бо хонандагон махсус семинарҳо ташкил намуда ва ягон олими соҳаи таърихро ҷалб намудан ба мақсад наздик аст. Инчунин, барои санҷиши бардошти хонандагон барои ин ҳама талошҳо метавон дар алоҳидагӣ бо пешниҳоди саволу масъалаҳои тестӣ истифода намуд ва супориш додан, ки ҳар бардошти хешро рӯйи коғаз оваранд ҳам, аз аҳамият холӣ нест.

Тарзи дигари дар хонандагон бедор намудани ҳисси худшиносиву ватандӯстӣ, ин бевосита, дарси самараноки таърихи халқи тоҷик ҳисобида мешавад. Зеро дар он аз фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик бештар аз дигар фанҳо бозгӯ мешавад. Мусаллам аст, ки халқи тоҷик задухӯрдҳои зиёди моддиву маънавии бесобиқаро аз сар гузаронидааст, ки дар он фарзандони бонангу номуси тоҷик ҷонбозиҳо намуда, тӯли қарнҳо бо фарҳангу тамаддуну забони асолати хеш ҷойгоҳи худро нигоҳ дошта омадаанд. Агар дар ҳар дарси таърих ба хубӣ нигариста шавад, ин нукта ба хубӣ мунъакис гардидааст.

Агар омӯзгори таърих бе истифода аз ягон аёният дарсҳоро пайи ҳам гузашта рафтан гирад, маъмулан, дар зеҳни хонанда нуктаҳои муҳим на ҳамеша ҷой мегиранд. Ва агар рафту фарзан, 30%-и хонандагон фаҳмида тавонанд ҳам, баъд аз андаке оҳиста-оҳиста аз хотироташон зудуда хоҳад гашт. Аксари педагогону методистон ҳам бар ҳамин назаранд.

Аз ин хотир, дар ҷараёни дарси таърих агар аёният аз осорхонаи мактабӣ ба синф оварда шаваду мавриди истифода қарор гирад, аз аҳамияти зиёди илмиву амалӣ орӣ нест. Албатта, агар аз рӯйи имкон дарсҳои таърих дар ҳамон осрхонаи мактабӣ гузаронида шавад, бештар таъсиргузор хоҳад буд.

Шакли дигари расидан ба ҳадафи худшиносии миллӣ ва ё худ тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ин бевосита дар ташкили саёҳат дар заминаи донишҳои омӯхтаи хонандагон дар осорхонаҳои мактабӣ маҳсуб мешавад.

Экскурсия шакли асосии фаъолияти фарҳангӣ-маърифатии осорхона буда, ташаккулёбии ин навъи фаъолияти осорхонавӣ таърихи қадим дорад. Ҳанӯз дар даврони то мелоди Масеҳ дар Миср, Эрон, Хитой ва баъдтар дар аҳромҳои Юнон мутасаддиёне хидмат менамуданд, ки онҳо ба меҳмонон ва тамошобинони (зоирони) ҷойҳои муқаддас, қасрҳо, асарҳои наққошону пайкарасозон ва маҳсули дигар ҳунармандони дар он ҷо бударо тавзеҳ медоданд. Ин амал дар давраи Эҳё ва маорифпарварӣ дар Аврупо инкишоф ёфта, бо ташкил шудани осорхонаҳо ба як навъи фаъолияти расмӣ табдил меёбад.

Дар фаъолияти осорхонавии Тоҷикистон вожаҳои «экскурсия» ва «сайр» баробармаъно истифода мешаванд. Вале ҳарду вожа ҳам тоҷикӣ нестанд. Вожаи «сайр» арабӣ буда, он дар насру назми тоҷик аз асрҳои миёна бештар ба маънои «гашту гузор», «тамошо» ва дар забони русӣ ба маънои «ходьба», «движение», «марш», «поведение», «образ», «действие», «кожаный пояс», «ремень» ва «приводной ремень» тарҷума мешавад. Вожаи «экскурсия» аз забони русӣ мавриди истифодаи кормандони осорхонаҳои Тоҷикистон қарор гирифтааст. «Экскурсия» дар забони русӣ аввал (дар асри XIX) ба маънои «выбегать», «военный набег» ва баъдтар ба маънои «вылазка», «поездка» истифода мешуд. Вале асли вожаи «экскурсия» аз вожаи лотинии «excursio» гирифта шуда, дар Тоҷикистон аз замони Шӯравӣ истифода мешавад. Ҳоло дар Тоҷикистон тавзеҳгар ё шореҳи экспозитсияро бештар «экскурсовод» ё «роҳбалад» мегӯянд.

Дар осорхонашиносӣ шаклҳои гуногуни аз ҳам чандон фарқнадоштаи таърифи экскурсия мавҷуд аст. Аз ҷумла, дар китоби «Осорхонашиносӣ»-и соли 1986 омада, ки: «Экскурсия ин аз рӯйи хатти сайри муайян бо роҳнамоии роҳбалад бо мақсади донишомӯзӣ,

маърифатӣ, ҳадафҳои илмию таълимӣ қонеъ гардондани талаботи зебопарастӣ ва истифодаи пурсамари вақти холӣ, тамошои дастҷамъии осорхона, мавзеъҳои таърихӣ, гӯшаҳои табиат, намоишҳо ва дигар нуқтаҳои таърихию фарҳангист» [108, с.49].

Чунин муайян намудани ду мафҳуми бо ҳам алоқаманд гурӯҳи экскурсионӣ-одамони барои тамошои осорхона ва ё объекти берун аз осорхона омода ва экскурсия – намуди меҳнати илмӣ-педагогии экскурсия ин коркарди низоми ба тамошобинон нишон додани экспозитсияи осорхона, намоишҳо ва объекти аз осорхона берун воқеъбударо дар бар мегирад. Барои сермаҳсул гузаронидани экскурсия ба ин ду навъи кор бояд ба таври дифференсионӣ муносибат намуд.

Дар байни ҳамаи корҳои оммавии осорхона экскурсияҳои аз ҷиҳати сиёсӣ мақсаднок ва илман асоснокшуда мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Танҳо экскурсия метавонад бештар аз рӯи нақша ва бо мақсади муайян бинандаро бо экспозитсияи осорхона ва инчунин, ёдгориҳои таърихӣ ва мавзеъҳои зебои табиии берун аз он аз наздик шинос намояд.

Экскурсияи осорхонавӣ дар худ намуди махсуси кори илмӣ-маърифатиро дар бар мегирад, ки ба сифати омили ҳатмии ба дарки зеҳнии нигораҳо-ашёи осорхонавӣ, ёдгориҳои аслии таърихӣ ва маводи ёрирасон равоншудаи аҳамияти тарбиявӣ дошта баромад менамояд. Нутқи буррою фаҳмо ва ҳаракати ҷаззоби роҳбалад дар таносуб бо дарки зеҳнии ашёи осорхонавӣ дар тарбияи ғоявӣ ва маърифатии наврасонун ҷавонон ва умуман, тамошобинон аҳамияти калон дорад.

Гуфта мешавад, ки экскурсия шаклҳои асосии кори оммавии осорхонавӣ мебошад, ки он тахассусӣ буда, ба экспозитсия вобастагии зич дорад. Экскурсия ба маводе гузаронида мешавад, ки мушоҳидаи онҳо имконпазир буда, аҳамияти маърифатӣ дошта бошад. Арзиши асосии экскурсияи осорхонавӣ шайият (предметность) ва айнияти (объективность) он мебошад.

Аслан, дар замони муосир пешбурди кори экскурсионии

осорхонаҳои Тоҷикистонро таҷрибаи замони Шуравӣ ташкил медиҳад. Вале асоси ғоявии он, ки дар ин хусус мо дар қисми алоҳида сухан хоҳем гуфт, тағйир ёфтааст. Экскурсияи осорхонавӣ умумияте дорад, ки ин умумиятро мавзуӣ будани он ташкил медиҳад. Мавзуӣ будани экскурсия аз усули сохти мавзуии экспозитсия бармеояд, ки ин усули асосӣ дар осорхонаҳои Шуравӣ буд. Мавзуи экскурсия метавонад хеле васеъ ва ё хеле махсусгардонидашуда бошад ва он барои шуъбаҳои алоҳидаи осорхона истифода бурда мешавад. Мавзуи экскурсияи осорхонавӣ наметавонад доимӣ ё карахт бимонад. Зеро осорхона вазифадор аст, ки вобаста ба ҳадафҳои худ ва тақозои замон экспозитсияро таҷдид намуда, проблемаҳо ва ё мавзуъҳои муҳимро иниъкос намояд. Мавзуи экскурсия аз мундариҷаи экспозитсияи осорхона, аз мақсадҳои маърифатӣ ва тарбиявии ба нақшагирифта ва инчунин, аз маводи мавҷуда вобастагӣ дорад.

Экскурсия метавонад воситаи асосии осорхона дар тарғибу ташвиқи ғояҳои умумиинсонӣ, сулҳпарварӣ, ғояҳои пешқадами ҷамъиятӣ ва муаррифии мероси фарҳанги бумӣ бошад. Дар кори амалӣ экскурсия то вақте шакли асосии кори оммавии осорхона мебошад, ки ба талаботи умумиметодӣ ҷавобгӯст.

Ҳар як экскурсия, новобаста аз он ки барои кӣ гузаронида мешавад, бояд илман асоснок, аз ҷиҳати ғоявӣ пурмазмун ва аз ҷиҳати сиёсӣ бехато ташкил карда шавад. Роҳбалад вазифадор аст, ки ба тамошобинон маълумоти нав дода тавонад. Экскурсия, пеш аз ҳама, дар асоси илмӣ ташкил карда мешавад. Зеро бе ин роҳбалад дар рафти экскурсия наметавонад вазифаҳои ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ вобастабударо иҷро намояд. Мундариҷаи экскурсия бояд муҳим ва фарогиру қонеъкунандаи талаботи зеҳнии тамошобин бошад.

Экскурсияро ташкил карда, баргузорӣ ва мавзуи мақсадноки онро муайян кардан зарур аст. Таъйиноти мақсадноки экскурсия-ин ғояи асосии вазифаҳои маърифатӣ ва тарбиявии онро инъикоскунанда

мебошад, ки дар рафти экскурсия ҳалли худро меёбанд.

Мақсаднокӣ асоси ғоявии экскурсияро ташкил медиҳад ва лозим аст, ки шакли он ба таври амиқу аниқ пешакӣ муайян гардад. Ивази экскурсияҳои мақсаднок ба экскурсияҳои танҳо бо мақсади шинос намудани экспозитсияи осорхона бо тамошобин, яке аз норасоиҳои кори оммавии осорхонаҳо мебошанд. Мисол, вақте ки роҳбалад ба тамошобинони ватанӣ дар мавзуи «Таъсисёбии давлати Сомониён» экскурсия ташкил менамояд, ӯ бояд натанҳо дар асоси маводи осорхонавӣ-нигораҳо, матнҳо, харитаҳо ва ғайра тамошобинонро бо таърихи ин давлат шинос намояд, балки ба экскурсовод (роҳбалад) лозим меояд, ки аҳамияти таърихии давлати Сомониён ва мавқеи ҷамъиятии онро дар рушди худшиносии миллати тоҷик ва зарурати сабақомӯзиро аз таърихи Сомониён ба тамошобинон фаҳмонида тавонад.

Метавон гуфт, ки дар ташакккули мавқеи шаҳрвандии хонандагон осорхонаи мактабӣ аз самти аксу нигораҳо ҳам бетаъсир нахоҳад буд. Ба ин мисол шуда метавонад, ки тамошо ва омӯзиши ёдгориҳои меъморӣ, биноҳои аҳамияти ёдбудию бадеӣ дошта, ҷойҳои таърихӣ, ёдгории ба воқеаҳои таърихӣ алоқаманд метавонанд аз тамошои экспозитсияи шуъбаи таърих, ки дар он ҷо амсилаҳои онҳо ба намоиш гузошта шудаанд, ташкил ёбад. Мисол, тамошои амсила ва акси мақбараи Муҳаммад Башороро тамошобин дар осорхонаи мактабӣ дида метавонад. Вале агар хонандагон ба деҳаи Мазори Шарифи Панҷакент рафта, бо мақбара аз наздик шинос шаванд, таъсири зеҳнии мақбара ба онҳо муассиртар аст. Ва дар мафкураи онҳо нақши мондагон хоҳад гузошт.

## 2.2.Мазмун, шакл ва мундаричаи корҳои осорхонаи мактабӣ ва дар заминаи ин ба роҳ мондани тарбияи босамари мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон

Солҳои 70-80-уми асри XX саросари ҷумҳуриро фаъолияти «Осорхонаҳои мактабӣ» фаро гирифт. Таҳқиқот нишон дод, ки аз рӯйи бархе маълумот танҳо дар ҳудуди вилояти Суғд наздик 65 «Осорхонаи мактабӣ» фаъолият доштанд. Осорхонаҳои номбурада дар тарбияи ватандӯстии мактабиён, хусусан наврасону ҷавонон, саҳми сазовор доранд. Вале боиси таассуф аст, ки солҳои охир ба муносибати душвориҳои иқитсодӣ осорхонаҳои мактабӣ аз фаъолият монданд ё кори худро суст намуданд. Фаъол намудани фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ яке аз вазифаҳои асосии кишваршиносӣ-мактабӣ бояд қарор гирад.

Осорхонаҳои мактабӣ низ аз рӯйи дастурамли тасдиқшуда фаъолият менамоянд. Онҳо низомнома, оиннома, нақшаи кор ва хазина-фонд доранд. Осорхонаҳои мактабӣ ба шакли фаъолиятҳояшон гуногун мешаванд. Дар вилояти Суғд ҳоло танҳо як Осорхонаи мактабӣ-«таъриху кишваришносӣ» ба роҳ монда шудааст. Фаъолияти осорхонаҳи мактабӣ, асосан, ба гирд овардани мавод оид ба ёдгориҳои таърихӣ ва осори санъат, эҷодиёти даҳонии халқ, маводи мардумшиносӣ, маълумот доир ба фаъолони сохтмони сохти Шӯравӣ дар кишвар, пешқадамони ҳаракати колхозӣ, иштирокчиёни ҶБВ, ҳунармандони халқӣ ва дигар ҷабҳаҳо равон гаштаанд.

Ташкили осорхонаи мактабӣ бояд, ки аз тарафи омӯзгор сар занад. Барои ташкили осорхона омӯзгори фанни таърих бояд, ки бо дастур, низомнома ва ҳуҷҷатҳои дигари расмии осорхонаҳои мактабӣ пешакӣ шинос шавад. Масъалаи ташкили осорхонаҳои мактабиро дар Шӯрои омӯзгорони мактаб бояд мавриди муҳокима қарор дод ва сипас бояд ба фаъолият шурӯъ намояд. Сохтори осорхонаи мактабӣ аз раиси Шӯрои осорхона, нигаҳбони фонд-хазина, котиби Шӯрои осорхона, аъзои

Шурои осорхона иборат аст. Дар пешрафти фаъолияти осорхонаи мактабӣ маҳфили таъриху-кишваршиносӣ нақши устувор дорад.

Осорхонаи мактабӣ дар мактабҳо вобаста ба имконоти мавҷуда ташкил ва бунёд карда мешавад. Агар асоси моддӣ-техникии муассиса аз ҷиҳати фарогирии хонандагон ба таҳсил ҷавобгӯи талабот бошад, метавон дар гӯшаи муассисаи таълимӣ осорхонаи хубе дар як синфи алоҳида ташкил намуд. Ҳатто метавон аз доираи синфхона ҳам осорхонаи мактабии калонтарро ташкил намуд. Вале мусаллам аст, ки имконият на дар ҳамаи мактабҳои миёна умумӣ мавҷуданд, то осорхонаи мактабиро дар ҳаҷми нисбатан калонтарро бунёд кард. Сарфи назар аз ин, метавон гуфт, осорхонаи мактабиро дар як гӯшаи кабинети таърих ва ё дар як гӯшаи муассиса бунёд кардан мумкин аст.

Умуман, дар ташкилу бунёди осорхонаҳои мактабӣ аввалан, саъю талоши омӯзгорон, ба хусус омӯзгорони фанни таърих дорои аҳамияти хоса доранд. Ҳамзамон, аз ҳисоби омӯзгорон таъйин намудани мудир ва аъзои осорхонаи мактабӣ шарти муҳим аст. Ҳамон тавре, ки дар боло зикр гардид, пас аз ташкилу бунёд ва таъйин намудани мудиру аъзои осорхонаи мактабӣ як қатор ҳуҷҷатҳои зарурииро низ бояд мураттаб намуд. Мо дар кори таҳқиқотии хеш аз бисёр осорхонаҳои мактабҳои ҷумҳурӣ дидан намудему тарзи ҳуҷҷатгузориашнро низ мавриди таҳлил қарор додем. Ва дар ин замина, нисбатан тарзи ҳуҷҷатгузории комилеро пешниҳод хоҳем кард:

1.Фаъолияти коргузории осорхонаи муассиса бо фармоиши директори муассиса тибқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2.Ҳуҷҷатҳои осорхонаи муассиса аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо” шиноснома, низомнома, оиннома, феҳристи осорхона, нақшаи солонаи осорхона иборат аст.

3.Фаъолияти осорхонаи муассиса дар китобҳои “Қарорҳои шӯрои осорхонавӣ”, “Китоби воридот ва содироти осорхона”, “Фикру мулоҳизаҳо” ва “Китоби техникаи бехатарӣ”, ки саҳифабандӣ, таноббандӣ гашта, муҳр зада шудааст, сабт карда мешавад.

4.Ҷузвдонҳои осорхонаи муассиса аз ҷузвдонҳои аризаҳои аъзои шӯро, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо, шаҳодатномаю маълумотҳои алоҳидаю ашёи осорхонавӣ, мақолаҳои ба табъ расида нисбати осорхона ва дастурҳо барои осорхонашиносӣ иборат аст.

Ҳамаи ҳуҷҷатгузориҳои осрхонаи мактабӣ бо сабт, рақам (№) дар осорхона нигаҳ дошта мешаванд.

Инчунин, дар як гӯшаи осорхонаи мактабӣ аз таърихи ташкилёбии муассиса ва осорхона, ҳамзамон, дастовардҳои инҳо ба таври мушаххас дар овеза оварда мешаванд.

Дар фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ бояд як қатор нуктаҳои муҳим ба инобат гирифта шаванд. Масалан, дар ташкил ва идораи осорхона бандҳои зерин бар манфиати кор аст, ки дар мадди назар дошта шаванд:

- Фаъолияти осорхонаи мактабӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, мувофиқа бо мақоми ваколатдори соҳаи маориф Оинномаи худро амалӣ месозад;

- Тарғиби сиёсати давлатро дар самтҳои сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт илму фарҳангро такмил мебахшад;

- Дар фаъолияти осорхонаи мактабӣ мудири осорхона роҳбарӣ намуда, дар ҳайати 10-12 нафар аъзои шӯрои осорхонаро аз ҳисоби хонандагони синфҳои 7 – 11 тибқи фармоиши директри муассиса ба худ ҷалб менамояд;

- Осорхонаи мактабӣ то 15 сентябри соли таҳсил барои фаъолияту машғулият омода карда мешавад;

- Давомнокии намоишдиҳии ашёи осорхонавӣ барои дарсҳои саёҳатӣ то 2 соати академӣ бо танаффусҳои 5-10-дақиқагӣ сурат мегирад;

- Сайру саёҳат тибқи барномаи давлатӣ ва ҷадвали тасдиқшудаи осорхона ба роҳ монда мешаванд;

-Ба осорхона дар ҳолати зарурӣ ҷонишинҳои директрон низ роҳбариро ба уҳда мегиранд;

- Содирот ва воридоти ашё ва коллексияи осорхонавиро танҳо мудири осорхона кафолат дода метавонад;

- Дар дохили осорхона фаъолияти дигар созмону шӯроҳои дохилимуассисавӣ ва берун аз он манъ аст;

Дар баробари ин, як қатор уҳдадориҳои мудири осорхонаи мактабӣ дар назар гирифта шудааст, ки мутаносибан ба тариқи зайл аст:

-Дар фаъолияти осорхонаи мактабӣ низомнома ва оинномаи осорхонаро татбиқ менамояд;

- Шурои осорхонавӣ гузаронида, раис, ҷонишин ва котиби шӯрои онро тибқи қарор тасдиқ мекунад;

- Ҳамасола нақшаи солонаи осорхонаро таҳия сохта, барои тасдиқ ба директори муассиса пешниҳод менамояд;

- Феҳристи осорхона ва шаҳодатномаи ашёи осорхонавиро ба танзим медарорад;

- Ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва нашри маълумотҳои осорхонавӣ мунтазам машғул мегардад;

- Ҳамкорӣ бо осорхона, хонандагонро барои навиштани рисолаҳо (реферат) ҷалб менамояд;

- Ба аъзои шӯрои осорхона дарсҳои дастурдиҳии осорхонашиносӣ ва роҳнамоӣ мегузаронад;

- Дар ҳифзи ашё ва коллексияҳои осорхона чораҳо меандешад;

- Бо осорхонаҳои ҷамъиятию давлатӣ, Академияи милли илмҳо, Иттифоқи нависандагон, Бойгониҳои ҷумҳуриявӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва муассисавӣ ҳамкорӣ менамояд.

Ҳамзамон, вазифа ва уҳдадориҳои хизматии аъзои шӯрои осорхонавӣ аз нуктаҳои зерин иборат аст:

-Дар амалӣ сохтани оиннома ва нақшаи солонаи осорхонаи мактабӣ ҷидду ҷаҳд менамоянд;

- Дар шуроҳои осорхонавӣ ширкат варзида, масъалагузорӣ ва пешниҳодҳо мекунанд;

- Дар ташкили намоишҳои осорхонавӣ, сайру саёҳат, конфронсҳо, озмунҳо ва дигар чорабиниҳои осорхонавӣ ташаббускорӣ нишон медиҳанд;

- Бо мақсади ғанӣ гардонидани фонди осорхона миёни хонандагони муассиса тарғибот мегузаронанд;

- Пешниҳоду супоришҳои мудир, ҷонишин ва котиби шӯрои осорхонавиро амалӣ месозанд;

-Дар шӯрои осорхонавӣ баробарҳуқуқӣ ва равшанфикриро ҳадафи хеш мешуморанд.

Барои ба роҳ мондани фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ шарти дигари муҳим ҳамеша дар мадди назар дошта мешавад, ки ин дар гурӯҳбандии ашё ва коллексия ба ифода меёбад. Ҳамчунин, амсилаҳои дохили осорхонаи муассисаро ҳам аз рӯйи хронология ҷобаҷогузорӣ намудан ҳам аз нуктаҳои муҳиму хос дониста мешаванд.

Ба тарзи мисол метавон чунин гуруҳбандии ашё ва коллексияҳоро пешниҳод намуд:

***Мактабшиносӣ*** – маҷмуи маълумоти бойгонӣ бо ҳуруфоти форсӣ, лртинӣ ва кириллӣ, варақаҳои омӯзиши сарварону омӯзгорон, маълумот оид ба таърихи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сурат-китобҳои таърихӣ, рисолаҳои илмии нисбати муассиса нашргардида,

ҳуҷҷатҳои бойгонии муассиса, ашёи хониши гузашта, нишонҳои ташкилотҳо ва амсоли инҳо.

***<u>Кишваршиносӣ</u>*** – маълумоти таърихию ҷуғрофӣ, сурат-китобҳо, китобҳои ба табърасида, расмҳои ёдгориҳои таърихии минтақа ва харитаи таърихии миллат, бозёфтҳои археологӣ, осори дасти ҳунармандон, сурат-китоби сайёҳон-кишваршиносон...

Умуман, ба ҳамин тариқа ҳар маъмури осорхонаи мактабӣ уҳдадориҳои зиёдеро соҳиб аст, то дар рушду равнақ додани тафаккури ҳар хонанда ҳиссаи муҳим гузорад. Бо назардошти ин, таъкидан ишора мешавад, ки дар ҳоли дурусту мақсаднок ба роҳ мондани кори осорхонаи мактабӣ дар насли ҷавони миллат эҳсоси омӯзиши арзишҳои миллӣ ташаккул ёфта, ҳамзамон, боло меравад ва дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон таъсири бузурги хешро хоҳад гузошт.

Ҳамчунин, дар ҷалб намудану парвариш додани мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаи мактабӣ аз як қатор семинару корҳои беруназсинфӣ, ки фарогири мавзуъҳои таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бошад, истифода намудан бар салоҳи кор хоҳад буд.

Ҷиҳати муайян намудани дараҷаи тарбиявии мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ мо аз меъёрҳое, ки И. Ф. Харламов пешниҳод намудааст, истифода бурдем:

- когнитивӣ-фарҳангӣ (шавқу рағбат ба таърихи мамлакат, анъана ва арзишҳои миллӣ, донистани фарҳанги халқи худ, ба муҳити зисти ватани худ дилсӯзона муносибат намудан);

- эҳсосӣ-арзишӣ (муҳаббат ба арзишҳои миллӣ, санъату фарҳанги халқи худ, анъанаву сунатҳои миллӣ, дин ва оила);

-рафтор (иштироки фаъолона дар ободонии мактаб, ҷойи зист ва идҳои миллӣ) [86, с.44].

Барои муайян кардани дараҷаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон методҳои зерини тадқиқ дар озмоишҳои илмӣ истифода

бурда шудаанд: мушоҳида, сӯҳбат, пурсишномаи шифоҳӣ ва хаттӣ, тестгузаронӣ. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада 3 намуди дараҷаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон бояд муайян карда шаванд:

1. Дараҷаи баланд: муҳаббати беандоза ба таърихи мамлакат ва миллат, расму анъанаҳои миллӣ, забони модарӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва риояи волоияти қонун. Иштироки наврасон ва ҷавонон дар ободонии мактаб, маҳалли зист ва идҳои миллӣ.

Иштироки бачагон дар корҳои ҷустуҷӯӣ-гирдоварии мавод, омӯзиш ва барӯйхатгирии ашёи шоистаи осорхона, таҳияи намоишҳо, баргузории сайрҳо, шабнишиниҳову конфронсҳо имкон медиҳанд, ки онҳо лаҳзаҳои фароғати худро самаранок истифода баранд. Хонандагон дар ҷараёни фаъолияти пажӯҳишӣ дар тарзу усулҳои гуногуни кишваршиносӣ ва корҳои ҳирфаии осорхонадорӣ таҷрибаи кофӣ ҳосил мекунанд, инчунин, дар ҷараёни пажуҳиши таърихи кишвар бо асосҳои риштаҳои мухталифи илмӣ, ки дар барномаҳои таълимии мактабҳо ҷой надоранд, ошно шаванд. Гузашта аз ин, хонандагон усулҳои фаъолияти пажуҳиширо аз худ кунанд.

Хонандагон бо сайру сайёҳат кардан дар сарзамини аҷдодӣ, аз наздик шинос шудан бо ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, мавзеъҳои табиат, суҳбат ва мулоқот кардан бо иштирокдорон ва мушоҳидони воқеаҳои мавриди назар, ошноӣ бо аснод ва осори моддии боқимонда дар муҳите, ки он арзи ҳастӣ дорад, бо гардиши дастаҷамъона дар осорхонаҳо ва бойгониҳо оид ба таърих, фарҳанг ва табиати шаҳри худ тасаввуроти мушаххас ва образнок ҳосил кунанд, дарк намоянд, ки чи гуна таърихи хурди диёр, маҳалли зист, деҳа ноҳия, шаҳр бо таърихи ҷомеи Тоҷикистон пайванди ногусустанӣ дорад, равандҳои гуногуни таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки дар давлат ва ё ҷаҳон ҷараён меёбанд, ба рушди ин равандҳо дар маҳалли зист ва мактаб таъсир гузоранд.

2. Дараҷаи миёна. Таҳти роҳбарии омӯзгор мароқ зоҳир намудан ба таърихи мамлакат ва миллат, эҷодиёти халқ, дар бораи анъанаҳои миллӣ камее маълумот доштан, хоҳиши омӯхтани фарҳанги гузаштаи

худ. Муҳаббат ба оилаи худ, ифтихор аз қаҳрамонони миллат, ғамхорӣ нисбат ба кишвар ва ҷойи зист. Барои супориши калонсолонро иҷро намудан тайёр будан.

3. Дараҷаи паст. Дониши рӯякӣ дар боби анъана ва фарҳанги халқу мамлакати худ, барои донистани сатҳи зиндагии халқи худ кам мароқ зоҳир намудан ва риояи накардани талаботи қонунҳои давлат. Бетараф будан нисбат ба таърих ва гузаштаи ватан, фарҳанги миллӣ ва дину мазҳаб. Аз меҳнати коллективӣканораҷӯий кардан ва иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ даст кашидан.

Фаъолияти осорхонавӣ ба рушди сифоти зарурии ҳаётӣ, ки дар зер манзур мешавад, шароит фароҳам меорад:

- ҷомеашиносӣ ва суханварӣ;

- қобилияти суҳбат кардан бо одамони синнусоли гуногун ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ;

- ташаккул додани масъулиятшиносӣ ва ташаббускорӣ;

- самаранок истифода бурдани лаҳзаҳои фароғат.

Ин сифот, бешак, шомили меъёрҳои ахлоқӣ мебошанд.

Осорхонаи мактаб набояд танҳо ба фаъолияти ҷустуҷӯӣ маҳдуд шавад. Дар таркиби фаъолияти рӯзмарраи осорхона конфронсҳо, ҷамъомадҳо, озмунҳо ва шабнишиниҳо бо омӯзгорони собиқ ва хатмкардагони муассиса низ шомиланд. Ҳамин фаъолияти густурда имкон медиҳад, ки бисёре аз хонандагон фаъолтар бошанд, инчунин, ба маркази тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ табдил ёфтани осорхонаи мактаб кӯмак расонанд.

Имрӯз дар осорхонаҳои давлатӣ ва мактабӣ доир ба таърих ва фарҳанги халқамон маводҳои гаронбаҳо гирдоварӣ шудаанд. Ба омӯзгорони мактабҳо зарур аст, ки аз онҳо дар кори таълим ва тарбияи ватандӯстии талабогон фаровон баҳрабардорӣ намоянд.

## 2.3.Таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ

Осорхонаи мактабӣ метавонад тавассути сайри маърифатии оддӣ кӯдакро ба сӯйи тафаккур ва дарки масъалаҳои хеле ҷиддии кишвар, ноҳия, шаҳрак, инчунин, таърих, фарҳанг ва илми мамлакат «ҳаракат диҳад». Осорхона натанҳо нигоҳдорандаи таърих мебошад, балки ҳофизаи таърихӣ дар ҳама давру замон ва ба ҳар давлат зарур ва асоси ҳастӣ маҳсуб мешавад.

Осорхонаи мактаб маконест, ки бачагони дорои имконоти гуногуни таҳсил: аз хонандагони болаёқат гирифта, то хонандагони дорои эҳтиёҷи мухталифи таҳсилотӣ, ҳамчунин хонандагони гурӯҳи «осебпазир»-ро гирдиҳам меорад ва муттаҳид месозад. Фаъолияти илмию пажуҳишии хонандагон шакли асосии анҷоми корҳои кишваршиносӣ дар муҳити осорхона ба шумор меравад. Ин аст, ки осорхонаи мактаб яке аз ниҳодҳои фаъоли тарбияи меҳанпарастӣ, муҳаббат ба сарзамин ва хоки аҷдодӣ маҳсуб мешавад.

Тавре дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд гардидааст: «Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Баҳри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад» [33, с.15].

Бо мақсади тадқиқи мавзуи тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ гузаронида шуд, ки ҷиҳати муайян намудани асосҳои педагогӣ ва таносуби таъсири осорхонаҳои мактабӣ ба ин намуди тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ нақши муҳим мебозанд.

Қабл аз оғози фаъолияти таҳқиқотӣ мо бо фаъолияти осорхонаҳои мактабии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 54 ноҳияи Синои ш.

Душанбе, № 1 ва №9 Сангтӯдаи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, №14 шаҳри Хуҷанд, №26 ноҳияи Кӯшониён, №10 шаҳри Панҷакент №1 Айнӣ, №40 Варзоб, №40 Ваҳдат, гузаронида шуд. Дар озмоиш дар умум бо 268 нафар хонанда ва 31 нафар омӯзгор суҳбат намудем. Дар оғози кори озмоишӣ мо масъалаҳои зеринро дар назди худ гузошта, кӯшиш намудем, ҳал намоем:

1). Муайян намудани меъёрҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон тавассути осорхонаҳои мактабӣ;

2). Барои тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон тавассути осорхонаҳои мактабӣ интихоб намудани усулҳои ташхисию таҳлилӣ;

3). Муайян намудани асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии синфҳои озмоишӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

Барои муайян кардани компоненти когнитивӣ-маърифатӣ тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон, хонандагони синфи 8 "а" –и гурӯҳи озмоишӣ ва 8 "б" –и гурӯҳии озмоишии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26 - и ноҳияи Кӯшониён мавриди санҷиш қарор дода шуд. Дар ин замина саволномаи озмоишӣ таҳия карда пешниҳод намуда шуд. Пурсишномаи тартибдода аз 16 савол иборат буд. Барои ҳар як ҷавоб миқдори муайяни холҳо муқаррар шуда, дар охир ин холҳо ҷамъ намуда шуд ва се дараҷаи компоненти когнитивӣ-маърифатии тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон муайян гардид:

-дараҷаи баланд – 53-42 хол;

-дараҷаи миёна – 43-30 хол;

-дараҷаи паст – 29-0 хол.

Таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки 41%-и хонандагон зарур намедонанд, ки шаҳрванди Тоҷикистон бошанд. Ба саволи шаҳрванди ватани худ будан чӣ аҳамият дорад, хонандагони бисёре ҷавоб доданд, ки «хешу таборамон ҳамин ҷо аст», «падару модарамон дар ин ҷо зиндагӣ мекунанд», ки ба савол рабте надорад. Ба саволи дар кадом мамлакат зиндагӣ кардан мехоҳед ва шаҳрванди кадом малакат будан мехоҳед, ба ғайр аз якчанд нафар дигарон ҳама мамлакатҳои гуногунро

интихоб мекарданд. Идҳои миллии дар ҷумҳурӣ қайд мешударо ҳама якхела интихоб намуда буданд. Шаҳрвандони муътабар ва соҳибэҳтироми маҳалли зисти худро намедонистанд ва танҳо як ё ду нафарро номбар карда тавонистанд. Натиҷаҳои пурсишномаро дар шакли ҷадвали зерин нигаред:

**Натиҷаи санҷиши сатҳи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар давраи қабл аз озмоиш (нафар)**

| гӯруҳо | синфҳо | баланд | миёна | паст | ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|
| **озмоишӣ** | **Синфи 8 «А»** | **3** | **16** | **12** | **31** |
| **назоратӣ** | **Синфи 8 «Б»** | **4** | **13** | **13** | **30** |

Аз рӯйи нишондоди ҷадвал мушоҳида намудем, ки танҳо 3-4 нафари хонандагон дараҷаи баланди тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ доранд.

Дар ҳар муассисаи таҳсилотӣ осорхона, ё ҳуҷрае ба манзури осорхона ва ё гӯшаи осорхонаӣ мавҷуд аст. Педагогикаи осорхонавӣ, маҳз, аз ҳамон лаҳзае шуръ мешавад, ки вақте замони мувофиқ барои бархӯрди босамари осорхона бо тамошогар рух медиҳад.

Пурсишномаи  дигаре, ки ба хонандагон пешниҳод гардид, муайян намудани дониши хонандагон оид ба осорхона буда, аз ҳашт савол иборат буд. Барои ҳар як ҷавоб холи муайян дода мешуд ва дар асоси ҷамъ намудани ин холҳо се дараҷаи дониши онҳо муайян гардид:

1.Дарачаи баланд – 22-17 хол;

2.Дараҷаи миёна – 16-13 хол;

3. Дараҷаи паст – 12-0 хол.

Таҳлили ҷавобҳо ба пурсишнома нишон дод, ки 49%-и хонандагон осорхонаро воситаи зиёд гардонидани дониш ва шавқу рағбат ба гузашта меҳисобанд. Аз ин, 21% боварӣ доранд, ки осорхона барои хурсандӣ ва дидани экспонатҳо мавҷуданд, 12% ҷавоб доданд, ки «намедонем», «танҳо барои ҷамъ овардани ашё». 29%-и хонандагон як

намуд осорхонаро медонанд. 71%-и хонандагон номи ақалан як экспонати дар осорхона дидаашонро гуфтанд. Дар бораи осорхонаи миллии Тоҷикистон 77%-и хонандагон маълумоти кофӣ доранд. Қариб 89%-и хонандагон мехоҳанд, ба сайри осорхонаҳои гуногун раванд. Ба саволи охирини эҷодӣ хонандагон бомасъулият ҷавобҳо навишта, вариантҳои худро оид ба ташкили осорхонаҳои хурд пешниҳод намуданд. Ба монанди: «либосҳои қадима», «гулҳо ва ҳайвонот», «ҳарбӣ», «таърихӣ», ки 61%-ро ташкил доданд ва боқимонда 40% чизе пешниҳод накарданд.

**Инкишофи донишҳои когнитивӣ-маърифатии тарбияи мавқеи шахрвандии хонандагон дар давраи озмоиш**

| № | Синф | Иштирок карданд | Хол | Фоиз | Дараҷаи инкишоф |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | **8 А** | **31** | **18** | **19%** | **Баланд** |
| **2** | **8 Б** | **30** | **15** | **89%** | **Паст** |
| **3** | **8 В** | **32** | **16** | **82%** | **Миёна** |
| **Ҳамагӣ** | **3** | **83** | **109** | | |

Аз таблитса маълум аст, ки 12%-и хонандагон дараҷаи баланди дониш дар бораи осорхонаҳои кишварро доранд.

Зимни муқоиса ва таҳлили ин методҳо ба чунин хулоса омада шуд, ки 12%-и хонандагон дараҷаи баланди тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ доранд, 69% дараҷаи миёна ва 19% дараҷаи паст:

**Дараҷаи тарбияи мавқеи шахрвандии хонандагон дар давраи констативӣ**




Аз таҳлили пурсишномаҳо бармеояд, ки ҷиҳати болоравии дараҷаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон кор бурдан ва муайян кардани асосҳои педагогии баланд бардоштани дараҷаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон ҳатмӣ ва зарур аст.

Мақсади давраи ниҳоии озмоиш, истифодаи роҳҳои болоравии дараҷаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон хоҳад буд. Барои ба ин мақсад ноил гаштан мо системаи машғулиятҳоро ба нақша гирифтем:

1. Экскурсия (саёҳатӣ) ба осорхонаи мактабӣ;

2. Машғулияти беруназсинфии «Ёдгориҳои қадимаи ҷумҳурии Тоҷикистон»;

3. Машғулияти беруназсинфии «Мадрасаҳои қадимаи ҷумҳурии Тоҷикистон»;

4. Машғулияти беруназсинфии «Олами наботот ва ҳайвоноти ҷумҳурии Тоҷикистон»;

5. Ташкил намудани осорхонаи хурд дар синф.

Дар давраи аввали озмоиш хонандагон бо осорхонаи мактабӣ шинос гаштанд. Пас аз чанд муддат саёҳат ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Осорхона дар рушду нумуи фарҳанги миллии тоҷикон мавқеи хоса гузоштааст. Осорхонаи калонтарини ҷумҳурӣ дар майдони марказии ба номи С.Айни шаҳри Душанбе соли 1934 дар заминаи Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурӣ ташкил шуда буд ва соли 1960 ба Осорхонаи санъати тасвирии ба номи

Беҳзод табдил дода шуд. 20 марти соли 2013 бо расман кушода шудани Осорхонаи миллии Тоҷикистон тамоми нигораҳо ба осорхонаи нав гузаронида шуданд.

Ба ҳамин тариқ, дар раванди гузаронидани машғулиятҳо мо имконияти саёҳат ба осорхонаро ҷиҳати шаклгирии шавқу рағбати хонандагон ба фарҳанг, таърих, табиати маҳал ва расму оинҳои миллӣ истифода бурдем.

Машғулияти охирин дар давраи озмоиш ин амалигардонидани лоиҳаи «Мини-осорхона» дар синф буд. Ба хонандагон супориш дода шуд, ки бо роҳнамоии муаллими фанни таърих осорхона (осорхонаи хурд) ташкил намоянд. Ин барои онҳо бениҳоят шавқовар буд. Барои ташкил намудани осорхона усули лоиҳаҳоро истифода бурдем, ки барои хонандагони мактаби миёна дастрастар аст. Ин усул ҷиҳати ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагон мусоидат мекунад. Хонандагон иттилои зиёдеро аз худ мекунанд ва чун шахсияти комил тарбия меёбанд. Онҳо муваффақ мегарданд, ки муҳиту фазои осорхонаро дар зиндагӣ низ истифода бурда тавонанд. Дар фаъолияти лоиҳавии хонандагон давраҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- сабабнокии иҷрои амал (омӯзгор пешниҳоди умумӣ мекунад, барои ба хонанда мотиватсия додан онҳоро шавқманд мегардонад, муҳокима мекунанд, ақидаҳои худро пешниҳод мекунанд);

- банақшагирӣ (мавзуъ ва мақсади лоиҳа муайян, вазифаҳо мушаххас ва, нақшаи фаъолият мураттаб мегардад, меъёрҳои арзёбии натиҷа таъйин ва, усулҳои фаъолияти якҷоя бо омӯзгор ва сипас, кори мустақилонаи хонандагон коркард мешавад);

- иттилоотӣ-амалӣ (хонандагон мавод ҷамъоварӣ мекунанд, бо адабиёт ва дигар сарчашмаҳо кор мебаранд, бевосита лоиҳаро иҷро мекунанд, омӯзгор кори онҳоро онҳоро назорат, роҳбаладӣ ва дастгирӣ мекунад, худ сарчашмаи омӯзиш мегардад);

- рефлективӣ-арзёбӣ (хонандагон лоиҳаҳо пешниҳод ва дар муҳокимаи коллективонаи арзёбии натиҷаҳо ва раванди кор иштирок

мекунанд, ба таври шифоҳӣ ва ё хаттӣ худбаҳогузориро анҷом медиҳанд, омӯзгор иштирокчии баҳогузории коллективӣ мебошад).

Дар давраи далеловарӣ ба хонандагон пешниҳод гардид, ки мини-осорхона дар синф ташкил намоянд. Пас аз гузаштани корҳои беруназсинфӣ ва экскурсияҳо (саёҳати фаннӣ) хонандагон пешниҳод намуданд, ки осорхонаи «Арзишҳои миллӣ муқаддасоти давлат»-ро ташкил намоянд. Онҳо ғояи худро дар бораи ташкили он ба миён гузоштанд. Пешниҳод гардид, ки дар ин бора иттилоот, маълумоти илмӣ, сарчашмаҳо ва расму ҳуҷҷатҳо ҷамъоварӣ карда шаванд.

Дар давраи банақшагирӣ мавзуъ ва мақсади лоиҳа муайян гардид, вазифаҳо мушаххас шуданд, нақшаи фаъолият мураттаб гардид. Ҳамаи хонандагон ҷиҳати ташкил намудани осорхонаи хурд ба хулоса омаданд. Тақсимоти ҷамъоварии мавод аз рӯйи хоҳиш ва шавқу завқи хонандагон амалӣ гашт. Ҷой ва мавқеи осорхона дар синф интихоб гашт.

Дар давраи иттилоотӣ-амалӣ хонандагон аз китобхона, бойгонӣ, интернет мавод ҷамъоварӣ намуданд. Иттилоот дар шакли маълумотнома, амру фармонҳо ва расмҳо ҷамъоварӣ гардид. Хонандагон ҳар яке маводи ҷамъоварӣ кардаи худро ба ҳамсинфонашон муаррифӣ намуданд. Пас аз баромад, ҳар яке аз хонандагон варақаи маводи худро дар осорхона гузошта, баъди аз анҷоми машғулият онро муҳокима намуданд, ки чи чизи нав ёд гирифтанд ва кадом маълумот ба онҳо бештар писанд омад. Барои хонандагон арзишҳои миллӣ ва муқаддасоти давлат бо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд муфассал дар шакли расму ҳуҷҷатҳо пешниҳод гардида буд. Дар натиҷаи кор хонандагон нақл намуданд, ки чӣ гунна маълумоти шавқоварро онҳо фаҳмиданд. Иттилооти бадастомада дар мини-осорхонаи таъсисдода гузошта шуд. Ба хулосае омадем, ки арзишҳои миллӣ чи аҳамият доранд ва барои риояи муқаддасоти миллию давлатӣ мо бояд чи амалҳоро анҷом диҳем.

Дар давраи рефлективӣ-арзёбӣ корҳо ҷамъбаст гардиданд. Муҳокима намудем, ки оё вазифаҳои дар назди мо гузошташуда иҷро шудааст? Ҳар як хонанда аз рӯйи ченаки меъёрӣ (шкала)-и панҷхола

кори коллективонаи худро баҳо дода, шарҳ дод, ки чаро чунин фикр дорад. Пас аз ташкил додани экспозитсияи мини-осорхонаи «Арзишҳои миллӣ муқаддасоти давлат» муаррифии он дар маҷлиси волидон ва машғулияти беруназсинфии синфи 8- А ба роҳ монда шуд. Ҳамин тариқ, дар ин давраи корҳои озмоишӣ воситаҳои педагогикаи осорхонавӣ дар фаъолияти гуногуни хонандагон корбурд шуд, ба монанди корҳои мустақилона ва якҷо бо дигар воситаҳо. Дар умум, дар раванди гузаронидани давраи ҷамъбастии кори озмоишӣ мо корҳоро оид ба санҷиши шароити педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, ки дар фарзия нишон дода шуда буданд, ба анҷом расонидем.

Дар давраи анҷоми озмоиш самаранокии корҳои анҷомдодашуда, таҳқиқот дар осорхонаро мавриди санҷиш қарор додем. Дар давраи назоратии кори озмоишӣ тасмим гирифтем, ки масъалаҳои зеринро ҳаллу фасл намоем:

1. Таҳлилу ташхиси тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон ва ҷавононро гузаронем.

2. Натиҷаҳои бадастомадаро бо натиҷаҳои давраи оғози тадқиқот констативӣ муқоиса намоем.

3. Оид ба самаранокии корҳои анҷомдодашуда хулосаҳо барорем.

Дар раванди давраи озмоиш низ усулҳое, ки барои муайян намудани дараҷаи компоненти шаклгирии когнитивӣ-интеллектуалии тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон ба онҳо пурсишнома тақсим ва таҳлил карда шуд. Пурсишнома саволҳоеро доро буд, ки дар давраи оғози тадқиқот пешниҳод карда будем. Натиҷаи ҷавоб бо холҳо ҳисоб карда шуд. Дар асоси ҷамъи холҳо се дараҷаи компоненти когнитивӣ-маърифатӣ муайян карда шуд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки 20%-и хонандагон маҳаллаи худро на он қадар диққатҷалбкунанда мешуморанд. Ба саволи шаҳрванди ҳақиқӣ бояд чи гуна бошад, бисёриҳо ҷавобҳои қаноатбахш медоданд. Ба саволҳои дар кадом мамлакат зиндагӣ кардан мехоҳед ва ба кадом

шаҳрҳо сафар кардаед, ҷавобҳои бо масъулияти шаҳрвандӣ бештар буданд. Ҷашнҳои миллиро бошад, хонандагон ҳама якхела номбар кардаанд.

Дар бораи қаҳрамонҳои миллат низ маълумоти бештар навиштаанд. Ҳамаи хонандагони дар озмоиш иштирокнамуда худро ҳамчун шаҳрванди ифтихории мамлакати Тоҷикистон дидан мехостанд. Онҳо мехостанд, дар ободонии мамлакат бо роҳи сохтани хонаҳои баландошёна, кӯпрукҳо ва ободонии роҳҳо бевосита саҳми худро гузоранд. Аз нишондоди ҷадвал бармеояд, ки 32%-и хонандагон дараҷаи баланди инкишофи когнитивӣ-маърифатии компоненти тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ 59%-дараҷаи миёна ва 9%-дараҷаи паст доранд. Натиҷаҳои пурсишнома дар ҷадвали зерин оварда мешавад:

**Дараҷаҳои инкишофи когнитивӣ-интеллектуалии компоненти тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ дар давраҳои озмоиш**

| Дараҷа | Давраи констативӣ | Давраи ташаккулдиҳӣ | Давраи назоратӣ |
|---|---|---|---|
| Баланд | 12% | | 32% |
| Миёна | 69% | | 59% |
| Паст | 19% | | 9% |

Бо мақсади муқоиса намудани натиҷаҳои давраҳои констативӣ ва назоратӣ мо маълумотро дар диаграмма ҷойгир намудем, ки чунин шакл дорад:




Ҳамин тавр, хулоса бароварда шуд, ки дар натиҷаи гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ дараҷаи тарбияи мавқеи шаҳрвандон баланд гашт, хонандагон аз моҳияти ҷавҳари фаҳмиши шаҳрванди ватан будан огоҳ шуданд, масъулияти ватандорӣ дар ниҳоди онҳо ба воситаи педагогикаи осорхонаи мактабӣ болотар гашт.

Инчунин, дар рушду нумӯи самти тарбияи худшиносии хонандагон ташкили экскурсияҳои таърихӣ ҳам бар манфиат аст. Аз ин ҷост, ки мо ин роҳро ҳам мавриди истифода қарор додем.

Олимони соҳаи педагогикаи осорхонашиносӣ экскурсияро аз рӯи характери мавзуъ, мақсади таъйинотӣ, таркиби гурӯҳ, хоҳиши гурӯҳ ва вобаста ба дараҷаи огоҳии аъзои гурӯҳ аз фарҳанги осорхонавӣ ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд. Вале ҳама намуди экскурсияҳо як хусусияти умумӣ доранд. Ин умумият дар он зоҳир мешавад, ки ҳамаи онҳо дар такя ба як методи асосӣ-методи экскурсионӣ гузаронида мешаванд. Мо барои таҷриба ва таҳқиқ хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 9 – и ноҳияи Данғараро ба Осорхонаи аввалин маорифчиёни ноҳия ба саёҳат бурдем ва бо мақсади озмоиш дар миёни онҳо пурсишнома гузаронидем, ки натиҷаи он чунин буд:

Натиҷаи ниҳоии озмоиш дар ҷадвали зерин оварда шудаанд:

| Таҳлили тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ | Озмоишӣ | | | Назоратӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Синфи 8А(3 нафар) | | | Синфи 8 Б | | |
| | Дарачаи % | | | Дарачаи % | | |
| | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст |
| Дарки мафҳуми мавқеи шарвандӣ | 39% | 52% | 9% | 18% | 68% | 14% |
| Риояи одоби шаҳрвандӣ | 12 | 5 | 9 | 11 | 7 | 9 |
| Эҳтиром ба арзишҳои миллӣ | 15 | 4 | 7 | 14 | 6 | 6 |

Озмоиш нишон дод, ки танҳо пас аз ташкил намудани саёҳатҳои омӯзишӣ ва сайри таърихии осорхона, ки бевосита аз донишу фаҳмиши заминавӣ дар осорхонаҳои мактабӣ ба даст омада буд, тасаввуроти хонандагон дар бораи мавқеи шаҳрвандӣ ба дарачаи баланд моил гаштааст. Ин нишондод далели он аст, ки чиҳати болоравии маърифати шаҳрвандӣ ва дарки мавқеи шаҳрвандии хонандагон осорхонаҳои мактабӣ накши муҳим мебозанд.

Осорхонаи мактаб ҳамчун воҳиди муҳим маркази корҳои кишваршиносӣ ва ватандӯстии муассисаи таълимӣ маҳсуб мешавад. Дар ин чо метавон худро чузъе аз таърих ва шахсият, ки имкони таъсиргузорӣ ба раванди таърихро медиҳад, тасаввур кард. Муҳити осорхона моломоли фазои гарм ва ғамхории шахсони саховатпешаест, ки мунтазам фонди онро ғанӣ месозанд, ба корҳои чустучӯиву пажуҳишӣ содиқона машғул мешаванд.

Муҳаббат ба Ватан дар замири ҳар шахс бояд ноаён шакл гирад. Перомуни он набояд дар ҳар гӯшаву канор садо баланд кард. Ватандӯстӣ аз эҳсоси дард ва унси ботинии ҳар шахс нисбат ба олами атроф ва воқеоте, ки то ба мо ва пас аз мо низ зуҳур мекунанд, маншаъ мегирад. Ба ҳамин итминон, ки таърихи мактаб, шаҳр ва мамлакати ту таърихи

шахсии ту шинохта шавад. Асоси ҳастии воқеии осорхонаи мактаб низ ҳамин аст.

Ба ин тартиб, маҳз осорхонаи мактаб дар тарбияи маънавии насли наврас ва ташаккули ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстии онон саҳми назаррас гузошта, барои рушди салоҳиятнокӣ ва истиқлоли фикрии онон заминаи мусоид фароҳам меорад. Тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ асоси кори осорхонаи мактаб маҳсуб мешавад, ки имрӯз чандон кофӣ нест.

Он меомӯзонад, ки ватандӯст ба воя расем, гузаштаи дур ва Ватани худро дӯст дорем, аз корнамоиҳо ва қаҳрамониҳои ниёгони худ ифтихор намоем, фидокориҳои ононро сармашқи кори худ қарор диҳем. Ба кӯдак кӯмак мерасонад, ки танҳо зиндагии худро ба сар набарад, ҳаёти садҳо одамонро мавриди таҳқиқ қарор диҳад, инчунин, осорхонаи мактаб имкони гардиш кардан дар масири таърих, аз ҷумла, муқаддасоти хонаводагӣ, шаҷараи хешутабории худ: аз кӣ иборат будан ва ва бо кадом мақсад зиндагӣ кардани ононро фароҳам меорад, ки ҳамчун мероси фарҳангӣ манзури наслҳои оянда мегарданд.

## Хулосаи боби дуввум

Мутобиқи нақша боби дуюми рисола фарогири масоили дар амал татбиқ намудани тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаи мактабӣ бо тарзу усули хоса ва натиҷагирӣ аз он буд, бо баррасии зербоби «Коркард ва татбиқи шартҳои таъминкунандаи самаранокии ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ” рисола мавриди пажуҳиш қарор гирифта шуд. Дар мавзуи аввал иқтибосот аз рӯйи таҳқиқоти олимони соҳа оварда шуда, дар зимни он бо пешниҳоди коркарду дар амал татбиқ намудани тарбияи худшиносиимиллии хонандагон дар асоси осорхонаи мактабӣ таҳлил гардида, натиҷагирии он оварда шуд.

Дар мавзуи дуюми боби мазкур, ки “Мазмун, шакл ва мундариҷаи корҳои осорхонаи мактабӣ ва дар заминаи ин ба роҳ мондани тарбияи босамари мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон” унвон гирифта буд, перомуни сохтору таҳияи кори босалоҳияти осорхонаҳои мактабӣ, ки дар заминаи он наврасону ҷавонон дар руҳияи худшиносии миллӣ ба камол мерасанду тарбияи мавқеи шаҳрвандии онҳо боло меравад, таҳқиқот анҷом ёфт. Гуфта шуд, ки дар фаъолияти босамари осорхонаи мактаб, ки расидан ба ҳадафи ниҳоӣ – тарбияи мақеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон аст, дар асоси принсипҳои мавҷуда ва ба роҳ мондани як қатор методу равиши хоса дар мундариҷаи кори осорхона бар манфиати кор хоҳад буд. Инчунин, дар ин зимн масоили зер фаро гирифта шуд.

- Ташкил ва идораи осорхонаи мактаб:

а) вазифаҳои хизматии директори муассиса;

б) вазифаҳои хизматии ҷонишин, шӯро ва котиби сосрхона;

в) ба нақша гирифтани фаъолияти кори солонаи осорхона;

г) Фаъолияти такмилдиҳӣ ва худомӯзии корбарони осорхона.

Дар баробари ин, ғояҳои тарбиявии мақеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар ин замина мавриди таҳқиқу баррасии амиқ қарор гирифт.

Дар қисмати сеюми боби мавриди назар масъалаи “Таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ” дар чанд муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии кишвар мавриди санҷишу натиҷагирӣ қаорор гирифт.

Бояд тазаккур дод, ки на ҳамеша кори осорхонаҳо босамар ва мувофиқи мақсад меанҷоманд. Албатта, агар он бо тарзу усулҳои муфид ҳадафмандона роҳандозӣ шавад, бар манфиат хоҳад буд. Бо назардошти ин, бо омӯзишу таҷрибаандӯзӣ аз як қатор методу усулҳои пешниҳодкардаи педагогони пешқадам истифода намуда, натиҷаи он оварда шуд. Инчунин, чанд роҳу равиши хоса дар истифодаи босамари осорхонаи мактабӣ, ки дар худшиносиву ватандӯстии хонандагон таъсири амиқи худро мегузоранд, пешниҳод гардида, он аз таҷриба гузаронида натиҷагирии он арзёбӣ гардид.

Дар рафти таҳқиқоти зерин  маълум шуд, ки дар руҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, бунёдкорӣ, сулҳхоҳӣ, илмомӯзӣ, некуахлоқӣ, худшиносӣ, ҳифзи осори фарҳангӣ, моддию маънавии ниёгон ва дигар ахлоқи ҳамида тарбия намудани насли наврас яке аз нақшаҳои умдаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, мақоми осорхонаҳо дар амалӣ шудани ин нақшаҳои тақдирсоз аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарк ва бо ин мақсад такмилу таҳкими минбаъдаи фаъолияти осорхонаҳо дастгирӣ меёбад. Аз ин ҷост, ки солҳои охир ба фаъолияти осорхонаҳо дар сатҳи давлатӣ аҳамияти зиёд дода мешаванд.

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки осорхонаи мактабӣ ҳамчун ҳифзкунанда ва муаррифгари таърихи диёр ва муассисаи таълиму тарбиявӣ бо пешниҳоди  мавод оид ба кишваршиносӣ, инъикоси ҳаёти собиқадорони ҷангу меҳнат, фаъолияти омӯзгорону хатмкунандагон ва бозтоби рӯйдодҳои ҳаёти мактаб дар тарбияи ҳисси ватанпарастии хонандагон нақши муҳим мебозанд.

Такмили муҳтавои таълиму тарбия, ки имрӯз бо супориши Ҳукумати ҷумҳурӣ, хусусан, бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва барномарезиҳои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии кишвар роҳандозӣ мешавад, ба рушди шахсияти хонандагон ва таҳкими мавқеи маҳсули ниҳоии мактаб, яъне хатмкунандагон равона шудааст.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати рушди осорхонаҳои мамлакат ва зиёдшавии теъдоди онҳо иқдом намуда, барои фаъолияти босамари осорхонаҳо шароитҳои мусоид фароҳам меоранд. Аз ҷумла, дар соли 2022 осорхонаи Пешвои миллат дар ноҳияи Данғара ифтитоҳ гардид. Афзоиши шумораи осорхонаҳои мактабӣ дар ҷумҳурӣ низ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар кишвар раванди эҳёи осорхонаҳои мактабӣ ривоҷ ёфта, ба ташаккули худшиносии миллӣ, бедории ҳисси ватанпарастии хонандагон таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад.

Дар рафти иҷрои рисола яқин кардем, ки дар замони муосир пешбурди кори экскурсионии осорхонаҳои Тоҷикистонро ҳамон таҷрибаи замони Шуравӣ ташкил медиҳад. Вале асоси ғоявии он тағйи ба ҷониби манфиатҳои миллӣ пайдо кардааст.

Мо ба хулоса омадем, ки осорхонаи мактаб набояд танҳо ба фаъолияти ҷустуҷӯӣ маҳдуд шавад. Дар таркиби фаъолияти рӯзмарраи осорхона конфронсҳо, ҷамъомадҳо, озмунҳо ва шабнишиниҳо бо омӯзгорони собиқ ва хатмкардагони муассиса низ шомиланд. Ҳамин фаъолияти густурда имкон медиҳад, ки бисёре аз хонандагон фаъолтар бошанд, инчунин, ба маркази тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ табдил ёфтани осорхонаи мактаб кӯмак расонанд.

Бо мақсади тадқиқи мавзуи тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ гузаронида шуд, ки ҷиҳати муайян намудани асосҳои педагогӣ ва таносуби таъсири

осорхонаҳои мактабӣ ба ин намуди тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ нақши муҳим мебозанд.

Таҳлили ҷавобҳо ба пурсишнома нишон дод, ки 49%-и хонандагон осорхонаро воситаи зиёд гардонидани дониш ва шавқу рағбат ба гузашта меҳисобанд. Аз ин, 21% боварӣ доранд, ки осорхона барои хурсандӣ ва дидани экспонатҳо мавҷуданд, 12% ҷавоб доданд, ки «намедонем», «танҳо барои ҷамъ овардани ашё». 29%-и хонандагон як намуд осорхонаро медонанд. 71%-и хонандагон номи ақалан як экспонати дар осорхона дидаашонро гуфтанд. Дар бораи осорхонаи миллии Тоҷикистон 77%-и хонандагон маълумоти кофӣ доранд. Қариб 89%-и хонандагон мехоҳанд, ба сайри осорхонаҳои гуногун раванд. Ба саволи охирини эҷодӣ хонандагон бомасъулият ҷавобҳо навишта, вариантҳои худро оид ба ташкили осорхонаҳои хурд пешниҳод намуданд.

Ба ҳамин тариқ, дар раванди гузаронидани машғулиятҳо мо имконияти саёҳат ба осорхонаро ҷиҳати шаклгирии шавқу рағбати хонандагон ба фарҳанг, таърих, табиати маҳал ва расму оинҳои миллӣ истифода бурдем.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ дараҷаи тарбияи мавқеи шаҳрвандон баланд гашт, хонандагон аз моҳияти ҷавҳари фаҳмиши шаҳрванди ватан будан огоҳ шуданд, масъулияти ватандорӣ дар ниҳоди онҳо ба воситаи педагогикаи осорхонаи мактабӣ болотар гашт. Озмоиш нишон дод, ки танҳо пас аз ташкил намудани саёҳатҳои омӯзишӣ ва сайри таърихии осорхона, ки бевосита аз донишу фаҳмиши заминавӣ дар осорхонаҳои мактабӣ ба даст омада буд, тасаввуроти хонандагон дар бораи мавқеи шаҳрвандӣ ба дараҷаи баланд моил гаштааст. Ба ин тартиб, маҳз осорхонаи мактаб дар тарбияи маънавии насли наврас ва ташаккули ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстии онон саҳми назаррас гузошта, барои рушди салоҳиятнокӣ ва истиқлоли фикрии онон заминаи мусоид фароҳам меорад.

# ХУЛОСА

Омӯзиши адабиёти илмӣ-методӣ ва озмоишҳо ба мо имкон дод хулоса барорем, ки масъалаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар ҷамъият яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби соҳаи маориф ба шумор меравад. Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ ва амалиявии асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон ҳаллу фасл гардиданд.

Дар асоси омӯзиши адабиёти педагогии илмӣ ба хулосае омадем, ки тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон ва ҷавонон муҳаббати самимӣ доштан ба ватан ва фарҳангии фаъол будан дар он аст. Дар зинаҳои таҳсилотӣ, махсусан, таҳсилоти миёнаи умумӣ амалигардонии тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ ба рушду инкишофи ватандӯстию меҳанпарастӣ, худшиносии миллӣ, иттиҳоду ягонагӣ ва пойдории давлат мусоидат мекунад. Ҷиҳати ҷалб намудани насли наврас ба системаи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангие, ки боигарӣ ва махсусияти таъриху фарҳанги мамлакатро ифода мекунанд, фароҳам овардани шароити мусоиди зуҳуроти шаҳрванди шоиста ва масъулиятшинос осорхонаҳои мактабӣ нақши муҳим мебозанд.

Хонанда тавассути осорхонаҳои мактабӣ фаҳмиши муосири тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавононро дарк менамояд, ки он бо хусусиятҳои гуногунрангӣ ва яксон набудан характернок аст. Масъалаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ гуногунҷабҳа буда, падидаи табиатан мураккаб аст ва дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад.

Инчунин, проблемаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон аз ҷониби муҳаққиқони гуногун дар шароити гуногуни таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста ба тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, муносибати онҳо ба Ватан, истифодаи донишҳои гуногун дар ин бора, таҳқиқ мегардад. Олимони педагог нақши тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавононро дар раванди шаклгирии

рафтор муайян намуда, ба таъсири ҳаматарафаи минбаъдаи ҳаёти инсон ишора намудаанд.

Тарбияи шаҳрвандӣ на танҳо вазифаи муҳими раванди таълиму тарбия аст, балки воситаи муҳими педагогӣ низ мебошанд. Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки худшиносии миллии хонандагон тавассути таълими фанни таърих дар заминаи омӯзиши хидматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таҳкиму тавсиа меёбад, чунки поягузории давлати соҳибистиқлол ва мустаҳкамии он маҳз ба ҳамин фаъолиятҳо вобаста ҳастанд.

Дар ҷараёни пешрафти илмӣ-техникӣ натанҳо мазмуну мундариҷа, балки характери фаъолияти инсон низ ба таври назаррас дигаргун мешавад. Аз ин хотир, аз инсони замони муосир натанҳо иҷрои вазифаҳои ҷисмонӣ, балки вазифаҳои зеҳнӣ низ талаб карда мешавад. Мутобиқи таҳлили масъалаҳои гуногуни марбут ба мавзуи баррасишаванда метавон ба таври зерин хулоса баровард:

1. Осорхонаҳои муассисаҳои таҳсилот яке аз омилҳои боэтимод ва сарчашмаи дониш маҳсуб ёфта, дар пешрафти таълиму тарбия ва инкишофи ҷаҳонбинии насли наврас ва шогирдони мактабхон кӯмаки нишонрас ва амалӣ мегузоранд. Ба омӯзгорони фанҳои таърих, кимиё, биология, ҷуғрофия, адабиёт ҳамеша имкон муяссар мегардад, ки аз нигораҳо ва асбобу аҷзои ба намоиш гузоштташуда, нақшу тасвирҳо, расму ҳуҷҷатҳои осорхона ҳамчун аёният истифода баранд. Ба таъбири Пешвои миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон: «Омӯхтани таърихи халқамон танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушду такомули таърихи наслҳои оянда хизмат мекунад» .

2. Дар Осорхонаҳои мактаб давра ба давра роҳи пуршарафи тайкардаи мактабу маорифи тоҷик, фаъолияти омӯзгорону донишмандон, муҳаққиқону олимон, сарварони маорифу мураббиёни

кӯдакистонҳо чун густариш ва рушди таърихи он рӯйнамо мегардад. Ин макони маърифат ва боргоҳи илм дар ҷараёни тайёр намудани насли наврас ва ҷавонон ба касби оянда ва тарбияи тахассусии онҳо бе таъсир намемонад.

3. Рисолати осорхона гирдоварӣ, омӯзишу таҳқиқ, ҳифз ва тарғибу ташвиқи таҷрибаи пешқадами педагогӣ мебошад. Фаъолият ва рушди осорхонаҳои мактабӣ  яке аз самтҳои роҳандозии тарбия ва парвариши хонандагон дар руҳияи аҷргузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, эҳтирому эҳтиёти он буда, густариш, ҳифз ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии халқи тоҷикро инъикос менамояд.

4. Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ аз омилҳои муассири хештаншиносӣ, рушди тафаккури миллии хонандагон, ифтихор аз қавму миллати хеш, гиромидошти таърих ва мероси гузаштаи ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастагии ду давраи таърихӣ: гузашта ва воқеияти имрӯза, эҳёи нишонаҳои миллӣ мебошад.

5. Ҳар як хонанда ва толибилми муассисаҳои таҳсилоти ватанӣ, махсусан, мактаби миёна, таърихи халқи тоҷик ва Ватани маҳбубро аз нигоҳи нав бояд омӯзад. Дар ин самт осорхонаҳо асолати наҷиб ва вазифаи муқаддасро ба иҷро мерасонанд. Хоса дар бобати аз худ кардани таҷрибаи таърихӣ, таҳлили объективонаи мушкилиҳо ва душвориҳо, амиқ гардидани вазифа ва масъулияти хеш дар рушди кишвари азиз, имрӯзуояндаи он, густариши мавқеи шаҳрвандӣ ва амсоли он.

6. Мавқеи осорхонаҳо чун сарчашма ва оинаи таърихи миллат ва халқ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз сатҳи тадқиқ ва рушди он вобастагии калон дорад. Ҳар қадар он хуб муаррифӣ гардад, ҳамон қадар хонанда ва шахси ҳузурдошта аз дидани нигораҳо баҳраҳо мебардорад ва мавқею нақши осорхонаро ба хубӣ эҳсос мекунад.

7. Осорхонашиносӣ ҳамчун фанни таълими тарбияи иҷтимоӣ дар раванди таърих ва мутобиқшавии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ дар чаҳорчӯбаи худшиносии миллӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Аксарияти давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ кори осорхонашиносиро хуб ба роҳ мондаанд. Дар мамлакати мо бошад, барои амалӣ гардонидани мақсади худ ҳанӯз заҳмати зиёде кашидан лозим меояд.

8. Тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон ва ҷавононро метавон тариқи формулаи "осорхона – илм – нигора" муайян намуд. Ин маънои онро дорад, ки донишҳои илмӣ заминае барои пайдоиши воситаҳои нави таълиму тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ мегарданд ва имкон медиҳанд, насли нав дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия шавад ва муҳити табии тарбияи шаҳрвандӣ дигаргун шавад, бо хусусиятҳои қаблан муайяншуда маводҳои нав сохта ва сарчашмаю манбаъҳои қаблан дастнораси таърихӣ ба даст оварда шаванд.

9. Дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ зарур аст, ки хонанда субъекти марказии раванди таълим шинохта шавад. Ба таври дигар гӯем, ӯ бояд дар фазои зеҳнӣ-маърифатӣ қарор ёфта бошад. Талаботи замон аст, ки ҷомеаи муосир аз бисёр ҷиҳат ба ҳамон шаҳрвандоне ниёз дорад, ки онҳо мустақилона амал намуда, ташабускор, тавонманд ва ба шароити тағйирёбандаи ҳаёт мутобиқ гарданд. Мутаносибан, ҷомеаи муосир дар назди муассисаҳои таълимӣ, пеш аз ҳама, мактаб вазифаи тайёр намудани чунин хатмкунандагонро мегузорад, ки тавонанд фаъол бошанд ва ба ҳама гуна тағйиру пешравии рӯйдодҳои ҷомеа омода бошанд, донишҳои заруриро аз худ кунанд ва онро дар амалия истифода карда тавонанд, дар партави ахлоқу одоби баланд, таҳаммукл ва андешамандӣ фаъолият баранд, дар ҳалли мушкилоти мухталиф ва ҳаётан муҳим чораҳои зарурӣ андешанд.

10. Гузаронидани чорабиниҳо бо истифодаи усули саёҳат ба осорхонаи мактабӣ ҳамеша вазъи шавқоварро ба миён меорад, ки онро на танҳо хонандагон, балки омӯзгорон низ эҳсос мекунанд. Махсусан,

агар он дар самти дурусти парвариши мавқеи шаҳрвандӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ омода шуда бошад, тамоми ҷузъиёти шиносоӣ бо он андешида шуда бошад, маводи ҷолиб интихоб шуда бошад ва захираҳои зеҳнию эҷодии хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба инобат гирифта шуда бошад.

11. Аз таҳлилу баррасии сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки муносибати мусбат ба таълиму тарбия ҷиҳати дар хонандагон ташаккул додани арзишҳои миллӣ дар пояи худшиносии миллӣ, ташаккули мавқеи баланди шаҳрвандӣ, татбиқи амалии донишҳои азбаршуда дар фаъолияти омӯзишии онҳо мақоми хос ва пурарзиш дорад.

12. Низоми муносибати ҳар як шаҳрванд (манзури мо – хонандаи мактаб) ба таърих ва фарҳанги халқи худ дар замони муосир метавонад қобилияти ӯро инкишоф диҳад, сабқат ва меҳнатро ба ҷониби кашфу эҷод мубаддал гардонад. Марзи байни бартариҳо ва камбудиҳо дар муносибати тарафайни инсон ва асли ӯ масъалаи хеле нозук буда, аслан сарҳади муайянкунандаи паҳлуҳои ҳассоси нуктае мебошад, ки тавассути он маънии ҳаёти инсон боиси болоравии сифати зиндагӣ мегардад. Дар чунин ҳолат, чӣ гуна ва барои чӣ истифода гардидани осорхонаи мактабӣ ба аҳамияти пурсамар молик мегардад.

13. Осорхонаи мактабӣ дар ҷараёни таълиму тарбия роҳҳои нави рушди тафаккурро мекушояд ва барои таълим, рушд ва тарбияи хонандагон имкониятҳои нав фароҳам меорад. Бо истифодаи маводи ҷамъшудаи осорхона раванди гузаронидани дарсҳо ва инчунин ҳамаи намудҳои чорабиниҳо самараноктар мегардад ва ба ин васила фазои омӯзишии фарҳангӣ-маърифатӣ ба мактабиён ба осонӣ дастрас хоҳад шуд. Ташкил ва созмони осорхонаҳои мактабӣ дар соҳаи маориф ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки мундариҷа, метод ва шаклҳои ташкилии таълиму тарбияро сифатан тағйир диҳанд.

14. Ҷанбаҳои гуногуни педагогӣ: иҷтимоӣ-фарҳангӣ, такмили шаклу усулҳои таълим ва тарбияи хонандагон тавассути омӯзиши

таърихи маҳал ва кишвар, ташкили фаъолияти осорхона ҳамчун маркази илмӣ-пажуҳишӣ, таълимӣ-тарбиявӣ ва фароғатӣ, ташкили иштироки донишомӯзон дар ҳаракатҳои сайёҳӣ-кишваршиносии ҷумҳурӣ, вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ ба тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон таъсири хуб мерасонад.

15. Тарбияи ахлоқии хонандагон ҳини дарсҳои таърих мувофиқи матлаб ба роҳ монда хоҳад шуд, агар онҳо дар доираи арзишҳои маънавӣ ва моддӣ зуҳур намуда, гузашта ва ҳозираи худро дарк карда тавонанд. Чунонки рисола собит кард, ин кор тавассути кор бо осорхонаи мактабӣ мақсаднок ба роҳ монда мешавад. Масалан, ба таври васеъ ташкил намудани чорабиниҳои умумимактабӣ, ки дар он хонандагон ва аъзоёни маҳфилҳо иштирок намоянд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар сурати мақсаднок ба роҳ монда шудани фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ дар зеҳну шуури хонандагон фаъолмандии шаҳрвандӣ, худшиносиву ватандӯстӣ ва ҳуввияти баланди миллӣ бедор хоҳад гашт.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Абдулазизов С.Алоқаи оила, мактаб ва ҷамъият дар протсесси тарбия /С.Абдулазизов.-Душанбе.-1978.- 23с.
2. Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ. Кимиёи саодат / А. Ғазолӣ.-Душанбе.-2008.-680 с.
3. Авзалов, Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик [Матн] / Х.Авзалов, Б.Раҳимов // 2 қисм.-Душанбе, 1994-185 с.
4. .Азимов Н. Ташкили тарбияи ҳарби ватандӯсти хонандагон / Н.Азимов.- Душанбе.- 1987.- 32с.
5. Акбаров Ю.Меҳри Ватан:Тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ дар мактаб / Ю. Акбаров.- Душанбе.-1989.- 128с.
6. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик [Матн] / А.Садриддин.– Душанбе: «Маориф», 1978, - 166 с.
7. .Айнӣ С. Куллиѐт [Матн] / А.Садриддин // Ҷ.3.- Душанюе .-1965.-480с.
8. Айни С. Кишваршиноси / А.Садриддин // Ҷ..9.- Душанбе, 1969.-540с.
9. Амиров Р. Осорхона як рукни тамаддуни башарият аст. // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – 2004. №5. – С. 3 -7.
10. Антология педагогической мысли таджикского народа [Текст]. М.Лутфуллоев, С.Сулаймонов, Х.Авзалов Х.–Душанбе: «Матбуот», 2009. – 448 с.
11. Ануфриев А. В. Музейное дело и охрана культурных ценностей: учеб. пособие / А. В. Ануфриев. – Иркутск: Изд-во ИГУ, 2013. -197 с.
12. Ананьев В. Г. Национальные и международные музейные организации / В.Г.Ананьев Учебно методическое пособие. — Санкт-Петербург, 2013. -140 с.
13. Ануфриев А. В. Музейное дело и охрана культурных ценностей : учеб. пособие / А. В. Ануфриев, В. П. Шахеров, С. Л. Шахерова. – Иркутск : Изд-во ИГУ, 2013. – 197 с.

14. Ариарский М.А. Музей как институт вовлечения человека в мир культуры / М.А. Ариарский // Музеи России: поиски, исследования, опыт работы / Ассоц. музеев России. – 1999. – Вып. 5. – С. 153 – 163.
15. Асрорӣ М. Гузориш дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 / М. Асрорӣ. Душанбе: Матбуот, 2007.-125с.
16. Ашуров А. Постановка научно – иследовательной работой в ленинабадском межрайонном / А. Ашуров // Историко-краеведческом музеея.- Л.,1964.- вып 1- С. 3-4.
17. Байманов К.Дарси ҷасорату мардонагӣ / К .Байманов.- Душанбе.-1990.-92с.
18. Белявский М.Т Орлов А.С. Методика работы в музее и с памятниками истории и культуры при изучении истории СССР / М.Т Белявский А.С Орлов.-М.- 1968.-272с.
19. Белявский М.Т. Работа в музеях и с историческими памятниками при изучении истории СССР / М.Т. Белявский М.- 1978.-263с.
20. Важова Е.В. Музееведение. Учебно-методическое пособие / Е.В. Важова; Алтайская гос. академия обр-я им. В.М. Шукшина. – Бийск: ФГБОУ ВПО «АГАО», 2013.– 51 с.
21. Галкина Т.В. Музееведение: основы создания экспозиции. Учебно-методическое пособие для студентов исторических факультетов вузов по специализации «Историческое краеведение и музееведение». Томск: Изд-во ТГПУ, 2004.- 56 с.
22. Гродекова, Дальневосточный государственный гуманитарный университет 2007. — 320 с.Гулямов Х.С. Республиканский
23. объединенный музей Таджикистана / Х.С.Гулямов // НАА.-1981.- №6.-С.155-156.
24. Дебринин А. Аз забони бенутқи таърих / А. Дебринин // Тоҷикистон.-1960.- №7- С.18- 19.

25. Зарипов А. Нақши ибора-истилоҳот дар ташаккули истилоҳоти Осорхонашиносӣ / А.Зарипов //Ахбори Осорхонаи миллӣ.- 2021.- №4.- С.24-29.
26. Зарипов А. Вижагиҳои сарфии истилоҳоти осорхонашиносӣ дар забони тоҷикӣ /А.Зарипов //Ахбори Осорхонаи миллӣ.- 2020.-№3.- С.28-34.
27. Дар бораи баланд бардоштани роли музейҳо дар тарбияи коммунисти меҳнаткашон [Матн] : Қарори КМ КПСС // Коммунисти Тоҷикистон .- 1964. -№7.- С. 41-42.
28. Дастури методӣ оид ба ташкили музейҳои ҷамъиятӣ аз таърихи деҳот [Матн]: Бо ёрии ташкилкунандагони музейҳои ҷамъиятӣ / Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон. Музеи муттаҳидаи таъриху-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи К. Беҳзод; тартибдиҳанда У. Яҳъёев. – Душанбе, 1987.- 28с.
29. Донишномаи Ҳисор. — Душанбе: "Ирфон".-2015. — С. 660—666
30. Экскурсияи Осорхонавӣ. Душанбе- 2021. -41с.
31. Ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон. - Душанбе, 2011.-120 с.
32. Консепсияи мактаби миллии тоҷик [Текст]. - Душанбе, 1995.-96с.
33. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2010.-79с.
34. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]. - Душанбе, 2006.-107с.
35. Каримова И. Х. Теоретические основы гумнизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы / И. Х. Каримова. Дисс. докт. пед. наук. Душанбе, - 2000, - 357с.
36. Кенҷаев **Ф.** Фаъолияти экскурсионӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2018 / Ф. Кенҷаев //Ахбори Осорхонаи миллӣ. - 2021. - №3.- С.4-10.
37. Кузина Н.В. Основы музееведения: активные формы обучения. Учебно-методическое пособие. – Нижний Новгород, 2015. – 141 с.

38. Кондауров А.Н.. Центральный музей Таджикской ССР (г. Сталинабад //Советская этнография - 1936, № 6- С.45-52.
39. Қосимов, М. Корҳои тарбияви дар мактаб/М.Қосимов, Р. Ҳамидов [Матн]. - Душанбе, 1997. – 43с.
40. Қодиров, Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик // Қ.Б.Қодиров - Душанбе, [Матн] Ирфон, 1998. - 233 с.
41. Қодирова Ю Қодирова М. Осорхонаҳои мактабӣ // Ю.Қодирова, О.Қодирова- Душанбе [Матн] -2012.- 39 с.
42. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Матн]. – Душанбе, 2011.-58с.
43. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо»» [Матн].- Душанбе, 2012.-67с.
44. Лутфуллоев, М. Эҳѐи педагогикаи Аҷам//М.Лутфуллоев [Матн]. - Душанбе: Дониш, 1997. - 150 с.
45. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик//М.Лутфуллоев [Матн]. - Душанбе: «Сифат», 2015. -703 с.
46. Лутфуллоев, М. Инсон ва тарбия [Матн] /М.Лутфуллоев. - Душанбе, «Собириѐн», 2008. - 148 с.
47. Лутфуллоев, М. Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия [Матн]. - Душанбе, 2001. - 49 с
48. Лутфуллоев М.Современная дидактика / М.Лутфуллоев. - Душанбе,- 2001. – 334 с.
49. Львов К. И. Музеи Таджикистана/ Советский музей, 1934, №4- С.30 - 37.
50. Ленинабадский межрайонный историко-краеведческий музей: Крат. путеводитель по залам. – Ленинабад, 1962, - 110 с.
51. Ленинабадский историко – краведческий музей: (К 35-летию со дня организатции) /Каленьдарь знаменательных и памятных дат Таджикской ССР на 1966- Душанбе, 1965, С. 15-17.Лукашева Т.Я. Музейная педагогика - средство формирования духовных ценностей

учащихся / Т. Я. Лукашева // Начальная школа. - 2007. - № 9. - С. 29-31.
52. Лунин Б.В. Из опыта историко-краеведческой работы в Средней Азии. — Казахстан //История СССР, 1968. -№ 5.-С.86-94.
53. Иброҳимов З.С. Экускурсия дар Осорхона. Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – 2004.-№5. - С. 109-113.
54. Иброҳимов З. Мазмун ва ороиши бадеии намоишгоҳҳои доимамалкунанда дар осорхона /Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод.- 2011, №9 - С.62-71.
55. Иброҳимов З.С. Экускурсия дар Осорхона. Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – 2004. -№5. – С. 109- 114.
56. Иброгимов З. Осорхона муаррификунандаи шукуҳи давлатдорӣ / Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – №1, 2014. – С.45-47.
57. Иброҳимов И. Осорхона таҳкимбахши ифтихори миллӣ. // Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2016. – №2. – С. 9-16.
58. Историко-краеведческий музей Таджикской ССР: Путеводитель позалам / М – во культуры ТаджССР. – Сталинабад,1958.-97с.
59. Маҷидова, Б. Роҳнамои волидон барои тарбияи кӯдакони хурдсол [Текст]//Б. Маҷидова. - Душанбе: «Эр-Граф», 2014. - 232 с.
60. Марофиев С.Ш. Осорхонаи аввалини Тоҷикистон. Ахбори Осорхонаи таърихии Вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2016. – С. 29-38.
61. Мягтина. Н.В. Музееведение : учеб. пособие для студентов специальности 031502 – музеология / Л. Г. Гужова [и др.] ; под. ред. доц. 54.Н. В. Мягтиной ; Владим. гос. ун-т. – Владимир : Изд-во Владим. гос. ун-та, 2010. – 116 с.
62. Мақсудҷон Васихов - Осорхонаи мактабӣ, самтҳои фаъолият - Панҷакент 2017. №3.-С.29-31.

63. Макаренко, А.С. Воспитание гражданина [Текст]/ А.С.Макаренко/ Сост. Р.М.Бескина, М.Д.Виноградова. - М.: Просвещение, 1988. - 301 с.
64. Макаренко, А.С. Избранные педагогические сочинения [Текст]. В 2-х т./А.С.Макаренко//Сост. Л.Ю.Гордин. Под ред. И.А.Каирова и др.; коммент. Л.Ю.Гордина, А.А.Фролова. Т.1. - М.: Педагогика, 1978. - 397с.
65. Макаренко, А.С. Маърӯзаҳо оид ба тарбияи бачагон [Матн]//А.С.Макаренко. - Душанбе, Ирфон, 1980. - 98 с.
66. Макаренко, А.С. Семья и воспитание детей [Текст]/А.С.Макаренко. - М.: Просвещение, 1977. – 280 с.
67. Марьенко, И.С. Примерное содержание воспитания школьников [Текст]/И.С.Марьенко. - М.: Просвещение, 1984. - 120 с.
68. Мизробзода М. Осорхонаи мактабӣ – воситаи рушди маърифатии хонандагон Душанбе – 2018. – 143 с.
69. Морозова А.Н. Музейная педагогика: Из опыта методической работы / А.Н. Морозова. – М.: ТЦ Сфера, 2006. – 209 с.Музейная педагогика:
70. Междисциплинарные диалоги / Первая тетрадь. – СПб, 1998. – 302 с.
71. Музеи таърихӣ- кишваршиносии Ленинобод/ Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон барои соли 1966 - Душанбе,1966- С. 22-24.
72. Музейи таърихӣ – кишваршиносӣ (Занони Тоҷикистони советӣ- 1955, №4- С. 12-13.
73. Набиева Р., Зикриёева М/ Таърихи халқи тоҷик. - Душанбе, 2006.- 222с.
74. Нуров Г. Аз ташкили намоишҳои муваққатӣ дар Осорхонаи миллӣ/ Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод- Душанбе: Адиб, №6, 2005- С.95-98.
75. Нуров Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Автореф. дисс… канд. ист. наук / Г.З. Нуров..– Душанбе, 2011. – 27 с.

76. Нуров Г. Проблемаҳои омӯзиши таърихи осорхонаҳои Тоҷикистон/ Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон- Душанбе: Анҷумани Шуҷоъ, №5, 2004- С. 50-54.
77. Томилов Н. А. Музеология как отрасль знаний : избранные лекции для студентов высших учебных заведений.-Омск : Издат. дом «Наука», 2012. – 100 с.
78. Уэльс А. В Краеведческий музей Северного Таджикистана/Сов. музей – М.:1936, №5- С. 85- 92.
79. Умарова М. Музейи таърихӣ- кишваршиносӣ- (Историко-краеведческий музей)/ Занони Тоҷикистони советӣ- 1955, №4- С.12-13.
80. Осорхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол: Феҳристи адабиёт / Мураттиб ва муаллифи мақолаи муқаддимавӣ Ф. Шарифзода; Муҳаррир Ш.Комилзода. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 224 с.
81. Пулодов Ӯ. Инъикоси баъзе намунаҳои санъати меъморӣ ва тасвирӣ дар музеи/ Учен. зап.Ленинаб. пед. ин-т- Ленинабад, 1963.-С.76-83.
82. Пулодов Ӯ. Баъзе лаҳзаҳои таърихи халқи тоҷик аз рӯи экспозитцияи Музеи Ленинобод/ Изв.Ленинаб. межрайон. ист-краевед. музея- Ленинабад, 1964, вып. 1, С. 105-123.
83. Путеводитель по залом историко-краеведческого музея Таджикский ССР [Текст].- Душанбе, 1958 – 75 с.
84. Пулотов Ӯ. Музейҳо лозиманд [Матн]: Доир ба ҳифзи ёдгориҳои маданияти моддӣ ва маънавии музейҳо // Илм ва ҳаёт. – 1989.- №1.- С. 13 - 15.
85. Раҳматуллоев А.З., Сатторов Х.С., Тоҷов Н.Т. Таърихи халқи тоҷик.- Душанбе, «ЭР-граф», 2011. - 524 с.
86. Рофиева Ф. Роҳҳои амалигардонии таълим дар осорхона / Ф.Рофиева.- Панҷакент.-2004.- 98 с.
87. Роҳатов Ғ. Музейшиносӣ (Осорхонашиносӣ) / Ғ. Роҳатов, Душанбе, - 2016– 322 с.

88. Саодати Раҳмоналӣ. Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. / С.Раҳмоналӣ // Дис. ... номз..илм, педагог... Душанбе, 2023. – 181с.
89. София, Н. Музей дар мактаб [Матн]: Оид ба осорхонаи мактабии Тоҷикистон // Машъал. – 1967. №1. – С. 6-7.
90. Саъдиев Ш.С. История таджикского народа / Ш.С. Саъдиев.- Душанбе, 2012. – 252 с.
91. Солиев Б. Нақши технологияи муосир дар фаъолияти осорхонаҳо/ Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод- Душанбе: Адиб, №6, 2009- С.99-102
92. Сухомлинский В.А. Родина в сердце / В.А. Сухомлинский. – М.: Педагогика, 1980. –175 с.
93. Сухомлинский В.А.Воспитание советского патриотизма у школьников: Из опыта работы сельской школы / В.А .Сухомлинский– М.: Учпедгиз, 1959. –148 с.
94. Ставиский Б. и др. Станавление музейного дела в Таджикистане [Текст] / Б. Ставиский, А. Маняхина, Е.Негмателлаева // Искусство.- 1983. №1-С.51-55.
95. Темирзода Б.Сангнигораҳои Дашти Ашт кучо шуданд./ Б.Темирзода “Мероси ниёгон №24.,-2022. -С.124-125.
96. Темиров Х.З. Оини ватандорӣ ва дарси хештаншиносӣ / Х.З. Темиров. .- Хуҷанд-2022.-150 с.
97. Томилов Н. А. Музеология как отрасль знаний : избранные лекции для студентов высших учебных заведений / Н. А. Томилов ; отв. ред. В. Г. Рыженко. – Омск : Издат. дом «Наука», 2012. – 100 с.
98. Фароғат Азизӣ. Фарҳанг ва истиқлол. Душанбе, 2011.-292с.
99. Фатҳуллоева Саодат. Осорхона махзани тарбия .Душанбе- 2012.- 94с.
100. Фирдавси А. Инъикоси муносибатҳои оиладорӣ дар ҳуҷҷатҳои суғдии кӯҳи Муғ. //Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017. - №2. – С.11-14.

101. Фирдавси А. Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди осорхонаҳои Тоҷикистон. //Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. - №3. – С.4-10.

102. Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳакӣ. Таърихи Байҳақӣ / А. Байҳакӣ.-Душанбе.-2014.-756с.

103. Хайрулло Афзалов. Эъморгари Фарҳанг / Афзалов Х.- Душанбе.-2005.- 78с.

104. Хомидов Д. Из истории музейного дела в Таджикистане (1917-1941 гг.) / Д. Хомидов.- Худжанд: Хуросон, 2014 – 104 с.

105. Шарифов Р.Я. Осорхонашиносӣ. Душанбе “ЭР-граф”.-2021.-68с.

106. Шарипов А. Эмомалӣ Раҳмонов: Оғози марҳалаи созандагӣ /А Шарипов.- Душанбе.-2006.- 456с.

107. Шарипов А.Мафҳумҳо, усулҳои асосӣ ва марому мақсади экспозитсияи осорхонавӣ/ Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод- Душанбе: Адиб,№8,2009-С.3- 26.

108. Шарипов А. Переспективы и приоритеты развития музейного дело в Таджикистане/ Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод- Душанбе: Адиб, №7, 2008- С.76-81.

109. Шарипов А. Экскурсияи (сайри) осорхонавӣ ва се усули асосии он/ Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод- Душанбе: Адиб, №9, 2011- С.3-18.

110. Шарипов А. Нуров Г. Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе: Сурушан, 2003.- 43с.

111. Шарифзода А. Тухфаҳои нодир. //Ахбори Осорхонаи миллӣ. - Душанбе, 2014. - №1.- С.5-19.

112. Шарипов А. Қ. Экспозитсия ва экскурсияи осорхона. - Душанбе, 2012. –165 с.

113. Шарифзода А. Падидаи бузурги фарҳангӣ. //Ахбори ОМТ. - Душанбе, 2014. - №1.- С.4-9.

114. Шарифзода, Ф. Защита культурного наследия таджикского народа в период государственной независимости // Шестые Лазаревские чтения: Материалы межд.науч.конф. – Челябинск, 2013. – Ч.2. – С.88-97.

115. Шарифзода, Ф. Истиқлолият ва рушди осорхонаҳо // Фирӯза. – 2010. – №1. – С. 16-17.

116. Шарифзода, Ф. Истиқлолият ва рушди осорхонаҳои Тоҷикистон / Муҳаррир Қ.Бӯриев. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – 128 с.

117. Шарифзода, Ф. Кадровые ресурсы музеев Таджикистана в период независимости // Вестник культуры. – 2014. – №1(25). – С. 48-55.

118. Шарифзода, Ф. Комплектования как основа формирование музейных фондов (на примере музеев Республики Таджикистан в период независимости) // Вестник культуры. – 2013. – №23. – С. 76-88.

119. Шарифзода, Ф. Музей имени Абуабдулло Рудаки // Культура и искусства. – 2008. – №2. – С. 34-35.

120. Шарифзода, Ф. Нақши истиқлолияти давлатӣ дар рушду нумӯи осорхонаҳои Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. – 2013. – №4. – С. 124-132.

121. Шарифзода, Ф. Нақши сомонаҳои интернетӣ дар тарғиби ашё ва коллексияи осорхонаҳои Тоҷикистон // Паёмномаи фарҳанг. – 2013. – №22. – С.56-60.

122. Шарифзода, Ф. Научно-фондовая деятельность музеев Таджикистана в годы независимости // Молодежь в науке и культуре XXI в.: материалы междунар.науч.–творч.форума. – Челябинск, 2013. – С.336-346.

123. Шарифзода, Ф. Осорхонаҳо тарғибгари фарҳанги миллӣ // Тоҷикистон. – 2014. – №3-4. – С. 35 – 36.

124. Шарифзода, Ф. Осорхонаҳои ВМКБ дар даврони истиқлол // Паёмномаи фарҳанг. – 2013. – №24. – С. 103-110.

125. 113. Шарифзода, Ф. Осорхонаҳои ҷумҳурӣ дар партави «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Паёмномаи фарҳанг. – 2010. – №1(13). – С. 83-85.
126. Шарифзода Ф. Правовые основы защиты и сохранности культурного наследия в годы независимости Таджикистана // Вестник культуры. – 2013. – №21. – С.33-41.
127. Шарифзода Ф. Развитие музеев Таджикистана в период независимости // Таджикистан и современный мир. – 2013. – №1.- С.138-145.
128. Шарифзода Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистана в период независимости (1991-2011 гг.) / Ф.Шарифзода Душанбе: Истеъдод, 2014. – 236 с.
129. Шарифзода, Ф. Тенденция развития основного фонда музеев Республики Таджикистан в период независимости // Вестник педагогического университета им. С. Айни. – 2013. – №6. – С. 93-99.
130. Шарифзода, Ф. Уникальные рукописи музеев Таджикистана // Вестник БАЕ. – 2013. – №4. – С.73-76.
131. Шарифзода, Ф. Учетность и формирование музейных фондов Республики Таджикистан в период независимости // Вестник культуры. – 2013. – №24. – С. 92-102.
132. Шарифзода, Ф. Фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии осорхонаҳои Тоҷикистон: Барномаи намунавии таълимии фанни махсус барои донишҷӯёни макотиби олӣ. – Душанбе: Истеъдод. 2014. – 32 с.
133. Шарифзода, Ф. Ҳифзи сарватҳои фарҳангии халқи тоҷик // Тоҷикистон. – 2013. – №1-2. – С. 30-31.
134. Шарифзода, Ф. Ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – №4. – С. 68-73.
135. Шарифзода, Ф. Ҳифзу нигоҳдории осори хаттӣ дар осорхонаҳои Тоҷикистон // Осорхона. – 2013. – №1-3. – С. 16-19.

136. Шарифзода, Ф. Экспозиционно-выставочная деятельность музеев Таджикистана в период государственной независимости // Труды Научно-исследовательского института культуры и информации. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – Т.1. – С.266-298.
137. Шарифова, Т. Зарурати танзими речаи ҳароратию намӣ ва рӯшноӣ дар Осорхонаи миллӣ // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – 2009. – №8. – С.48-52.
138. Шляхтина Л.М. Основы музейного дела: теория и практика. Учеб. пособие/Л.М. Шляхтина.— 2-е изд. стер. -М.: Высш. шк., 2009.-183 с.
139. Шарифзода, Ф. Актуальные проблемы современной педагогики [Текст]/Ф. Шарифзода. - Душанбе, Ирфон, 2010. - 340 с.
140. Шарифзода, Ф. Педагогикаи назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ [Матн]/Ф.Шарифзода. - Душанбе, Ирфон, 2010. - 544 с.
141. Шарифзода, Ф. Педагогикаи ҳамгиро [Матн]/Ф.Шарифзода. - Душанбе, Ирфон, 2011. - 411 с.
142. Шарифзода, Ф.Педагогика [Матн]/Ф. Шарифзода, И. Каримова. - Душанбе, Ирфон, 2007. - 320 с.
143. Шарифов, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ/Ф.Шарифов, А.Миралиев//Зери назари академик М.Лутфуллоев [Матн]. - Душанбе, «Ирфон», 2012. - 652 с.
144. Шарифов, Х. Сухан аз меҳру вафо /Х.Шрифов//“Борони ҳидоят” [Матн]. - Душанбе: Адиб, 2008. - С.3 -16.
145. Шарифзода Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистана в период независимости (1991-2011 гг.): Автореф. дис… канд. ист. наук / Ф. Шарифзода. – Душанбе, 2014. – 27 с.
146. Ҳошимова Г.Г Шарипова Ш.В. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб / Г.Г. Ҳошимова. Ш.В Шарипова.- Хуҷанд, 2008.-295 с.
147. Ҳамза Камол. Нақши осорхонаҳо дар омӯзиши амокини муқаддас/ Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод- Душанбе: Адиб, №8, 2009- С.32-35

148. Раҳмонов Э. Назаре ба ташаккули таърихии ақвоми ориёӣ ва густариши оинҳои давлатдорӣ/ Тоҷикон дар ойинаи таърих. Китоби сеюм- Душанбе: Ирфон, 2006 -с. 48-79.
149. Эмомалӣ Раҳмонов.Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе, 2002. Ҷилди 1. –388с.
150. Эмомали Р. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби якум. Иборат аз чаҳор китоб. / Р. Эмомали. – Душанбе, 2009.-704с.
151. Эмомали Р. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. / Р. Эмомали. – Душанбе, 2006. – 372 с.
152. Эшонқулов Ҳ. Дар залҳои Музейи таърихӣ- кишаршиносӣ- (В залах Республиканского историко-краеведческого музея) /Ҳ.Эшонқулов //Занони. Тоҷикистон.- 1959.- №10.-С. 22- 23.
153. Ҷалолов Б. Аз таърихи ташкили намоишҳои Осорхонаи миллӣ дар солҳои 1991-2000/Б.Ҷалолов //Ахбори Осорхонаи миллӣ.№1(6).- Душанбе.-С.147-158.
154. Яҳёев У. Дастури методӣ оид ба ташкили музеи ҷамъиятӣ аз таърихи деҳот: Бо ёрии ташкилкунандагони музейҳои ҷамъиятӣ [матн] / Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон, Музеи муттаҳидаи республикавии таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи К. Беҳзод. – Душанбе, 1987.- 28с.
155. Эшонқулов Ҳ. Дар музей [Матн]// Маданияти Тоҷикистон.- 1957.- №4.- С. 22-25.
156. Юхневич М. Ю. Я поведу тебя в музей. Учебное пособие по музейной педагогике. – Москва, 2001. – 153 с.
157. Юренева Т. Ю. Музееведение. Учебник для высшей школы. – Москва, 2004. – 560 с.

**Рӯзномаҳои матбуотӣ**

158. Азимов Н. Музейҳои кишваршиносӣ дар тарбияи хонандагон // Маориф ва маданият.- 1973.- 1 феврал.

159. Аршющина, Н. Тарбияи ватандӯстӣ дар музейҳо [Матн] // Маориф ва маданият.- 1977. – 27 январ.
160. Боймуродов Н. Ганҷинаи халқ. / Н. Боймуродов // Ҳақиқати Ленинобод, 1981- 16 май.
161. Дар музеи мактаб [Матн] // Маориф ва маданият. – 1968. – 18 апрел.
162. Қурбоншоев Ш. Оинаи таърих. / Ш. Қурбоншоев // Тоҷикистони Советӣ.- 1982.- 18 май.
163. Қаюмов М.ва диг. Муваффақиятҳои аввалин музей [Матн]: Музеи таърихи –кишваршиносии республика / М. Қаюмов, М. Усмонов, Б. Рофиев // Маориф ва маданият .- 1960.- 2 феврал.
164. Иброҳимзода Т. Музеи таърихӣ-кишваршиносӣ аз андешаҳои тамошобинон [Матн] // Коммунисти Исфара.- 1982.- 17 июн.
165. Марофиев С. 18 май дар мамлакатамон рӯзи байналхалқии музейҳо қайд карда шуд. / С. Марофиев // Ҳақиқати Ленинобод, 1980. 20 - май.
166. Муҳиддинов С. Музеи нав [Матн]: Бахшида ба 70-солагии зодрӯзи М. Турсунзода ташкили хона-музей дар мактаби миёнаи №12 ба номи Н. Маъсумӣ // Маданияти Тоҷикистон.- 1981.- 3 феврал.
167. 146.Мақсудов Г. Высокий свет. Музей В.И. Ленина в школе №45 г. Душанбе [Текст]// Учительная газета.- 1974.-1 январь
168. Муҳаммадиев, М. Гузаштагонро набояд фаромӯш кард [Матн]: Дар бораи музеи колхози ба номи Ленини районы Пролетар // Комсомоли Тоҷикистон. – 1988. – 24 июл.
169. Музеи мактаб. [Матн]: Музеи мактаби №15- и ш. Душанбе // Маориф ва Маданият. – 1962. – 3. Феврал.
170. Назирӣ Н. Оинаи таърихи ниёгон/ Паёми Истаравшан. – 2004. 20 май.
171. Назирӣ Н. Ганҷураи ганҷураҳо - Паёми Истарвшан -2009. - 14 ноябр.
172. Назирӣ Н. Махзани ёдгориҳои таърихӣ/Адабиёт ва санъат. - 2006. - 11 июл.

173. Назирӣ Н.Ганҷинаи пурбаҳои таърих /Паёми Истаравшан.-2007.23 май.

174. Низомиддин Зоҳидӣ. Сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат ва рушди ҳамкориҳо бо ЮНЕСКО.//Ҷумҳурият, 2018 . 04 – апрел.

175. Нӯъмонова Г. Осорхонаи миллӣ бузургтарин хазинаи маънавию таърихӣ// Баҳори Аҷам.- 2006. - сентябр.

176. 155.Открытые Центрального краеведческого музея Таджикистана [Текст]: //Коммунист Таджикистана. – 1946.- 17 марта.

177. Олимов Б. Музеи мутта кушода шуд [Матн]: Дар бораи музеи муттаҳидаи таърихи-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи К.Беҳзод // Маориф ва маданият .- 1960.- 7 июн.

178. Сотиболдиев И. Музей ва тарбияи ҷавонон [Матн]: мусоҳиба бо мудири шуъбаи музеи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таърихукишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи К. Беҳзод // Комсомоли Тоҷикистон. – 1988. - 17 август.

179. Расулов, А. Музеи хонандагон [Матн]: Оид ба ташкил ёфтани музеи нав бо ташаббуси хонандагни мактаби №1 Хуҷанд // Комсомоли Тоҷикистон. – 1967.- 1 май.

180. Рахимзаде А. Яблокова А. Музей народного образования в Таджикистане // Народного образования.- 1971.- №5.- 27 апрел

181. Раҷабов А. Осорхона ойинаи таърих аст. //Баҳори Аҷам.- 2006. №4– март.

182. Фирдавси А. Осорхонаи миллӣ муарифгари фарҳанги олӣ. //Паёми Душанбе. 2016. - №5. -11 май.

183. Шарипов А.Қ. Баъзе нигораҳои этнографии Осорхонаи Панҷакент/ Ҷавонони Тоҷикистон.- 2003. - 25 июл.

184. Шарипов А.Қ. Осорхонаҳо ва осорхонашиносии Тоҷикистон/ Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. 8 феврал.

185. Ҷураев Р.Тасвири зиндаи комёбиҳо. / Р. Ҷураев // Маориф ва маданият, 1960 . 04 - апрел.

186. Эркаева М. Музей ва тарбияи омма [Матн]: Оид ба ҷамъбасти даври ҷумҳуриявии азназаргузаронии умумииттифоқии корҳои илмию маърифатии музейҳо // Тоҷикистони Советӣ. – 1985.- 10 сентябр.

## МАВОДИ ИНТЕРНЕТӢ.

187. Сомонаи расмӣ. http://www.president.tj/node/9959.
188. Сомонаи расмӣ. Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд. http://www.qalai-khujand.tj/index.php/tj/
189. Сомонаи расмии Осорхонаи миллии Тоҷикистон. http://newnmt.tj .
190. .https://mfa.tj/tg/baku/view/10011/dostizheniya
191. https://www.dissercat.com/content/shkolnyi-muzei
192. https://nauka-pedagogika.com/pedagogika-13-00-01
193. .http://www.dslib.net/obw-pedagogika/shkolnyj-muze
194. Freudenthal Hans. History of topology / Amsterdam, - 1999. – 209c.
195. Boyko V. S.Endangered heartland: Russian Central Asia between domestic and external geopolitics // Eurasian Perspectives: In search of alternatives.
196. Maulana Abul Alam Azad Institute of Asian Studies, Kolkata. – 2010.

## МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР НАШРИЯҲОИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААНД:

***А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд:***

[1-М] Абдулов Ҷ. Нақши осорхонаҳо дар тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстии ҷавонон // [Матн] - Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши педагогика. №3/7. 2017. –С.246-248.

[2-М] Абдулов Ҷ. Коркард ва татбиқи шартҳои таъминкунандаи самаранокии ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар

заминаи осорхонаҳои мактабӣ // [Матн] - Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика. №4 (40). 2022.  - С.141-144.

[3-М] Абдулов Ҷ. Экспозицияи осорхонавӣ ва нақши он дар рушди туризми фарҳангӣ // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №3 (40). 2021. - С.106-110.

[4-М] Абдулов Ҷ. Асосҳои назариявӣ-методологӣ тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №3 (44) 2022. -С.104-108 (дар ҳаммуаллифӣ).

[5-М] Абдулов Ҷ.М. Рушди осорхонаҳо дар партави андешаҳои созандаги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. –№3 (48) – С. 81-88. (дар ҳаммуаллифӣ).

***Б) Маводе, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:***

[6-М] Абдулов Ҷ. Мавқеи осорхонаҳои мактабӣ дар тарбияи ватандӯстии насли наврас // [Матн] – Мероси ниёгон. №24.2022. - С.98-101.

[7-М] Абдулов Ҷ. Ҷавонон ва осори ниёгон // [Матн] – Мероси ниёгон. №22. 2020. - С.134-136.

[8-М] Абдулов Ҷ. Экспозитсияи осорхонавӣ ва нақши он дар рушди равобити фарҳангӣ  // [Матн] – Маорифи Тоҷикистон. №3. 2012. -С.29-33.

[9-М] Абдулов Ҷ. Туризмро тарғиб намоед // [Матн] – Маорифи Тоҷикистон. №3. 2018. -С.25-26.

[10-М] Абдулов Ҷ. Ба қадри саодат бирасем // [Матн] – Маърифати омӯзгор. №2. 2022. - С.23-25.

[11-М] Абдулов Ҷ. Ваҳдатофар // [Матн] – Маърифати омӯзгор. №6. 2022. -С.4-6.

[12-М] Абдулов Ҷ. Саҳми пешвои миллат дар рушди илму маориф ва тарбияи олимони ҷавон // [Матн] – Истиқлол ва уфуқҳои таҳсилот,

Нашрияи махсуси маҷаллаи “Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон” бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021.
- С.68-69.

[13-М] Абдулов Ҷ. Мавқеи осорхона дар тарбияи ватандустии мактаббачагон // [Матн] - Маҷмуаи мақолаҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Заминаҳои педагогӣ ва психологии ташаккули шахсияти наврасону ҷавонон зимни таҳқиқи масъалаҳои пешгирии амалҳои номатлуб дар ҷомеа”. Душанбе.- 2022.

[14-М] Абдулов Ҷ. Махзани илму маърифат // [Матн] - Маҷмуаи мақолаҳои Конференсияи байналмиллалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи таҳқиқоти педагогӣ: дурнамои рушди он дар замони муосир”. Душанбе.- 2023.